**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 2 (44), 2026**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Муҳаммад Алӣ Музаффарӣ.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## РАВАНДИ ҲУВИЯТСОЗӢ ВА САНЪАТИ ДАВЛАТДОРӢ

**Ятимов С.** *Давлат ва санъати давлатдорӣ……………………………* 4

**Шозедов Хуршед.** *Давлати дунявӣ ҳамчун механизми танзими муносибатҳои байни ҳувиятҳои миллӣ ва динӣ....................................* 20

**Собириён Меҳр.** *Давлат - миллатҳо: зарурати пайдоиш ва аҳамияти онҳо дар рушди ҷомеаҳои муосир..........................................* 33

**Судуров С.А.** *Феномени Ваҳдати миллӣ дар раванди ҳувиятсозӣ ва амнияти геополитикии Тоҷикистон....................................................* 46

## АНДЕШАИ ФАЛСАФӢ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

**Азизӣ Башир.** *Робиаи Балхӣ - ошиқи заминӣ, на суфӣ (нақди хониши суфиёна)……………………………………………………………..* 57

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Иқбол ва Лоиқ...............................................* 77

**Нуров Пирмаҳмад.** *Вожаҳои сугдӣ ва сугдитабори тоҷикӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ........................................................* 103

**Беков *Дидавар*.** *Бархурди Фридрих Нитше бо арзишҳои анъанавӣ...* 137

**Назаров Умед.** *Санъати кӯтоҳбаёнӣ дар эҷодиёти бузургон............* 155

**Қосимӣ Саъдӣ, Зайдуллозода Саида.** *Тиргон - ҷашни фурӯги хуршед ва пирӯзӣ……………………………………………………………..* 159

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

**Комил Бекзода: 80 соле, ки гузашт!** *(Мусоҳибаи Комил Бекзода бо хабарнигор Фирдавс Ниёзӣ)…...............................................................* 170

## БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Нурзода Нозим.** *Театри миллӣ дар мақоми минбари худогоҳию худсозӣ.........................................................................................................* 183

**Раҳматов Ҷамшед.** *Забон - пули роҳ ба оянда: чаро олим бидуни забони хориҷӣ мисоли паранда бидуни бол аст.....................................* 196

# РАВАНДИ ҲУВИЯТСОЗӢ ВА САНЪАТИ ДАВЛАТДОРӢ

**Саймумин ЯТИМОВ**
*академик*

## ДАВЛАТ ВА САНЪАТИ ДАВЛАТДОРӢ

### Муқаддима

*“Санъати раҳбарии давлат аз олитарин санъатҳост”*. Ин суханро Демокрит ҳанӯз дуву ним ҳазор сол қабл баъди таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарории давлатдории таърихӣ ва замони худ эълон дошта буд.

Дар истилоҳи ***санъат*** маҷмуи хусусиятҳои инфиродии шахс дар назар дошта мешавад. Агар сухан дар бораи квинтоэссентсияи сиёсӣ равад, ***он ақл, хирад, дониш, таҷриба, касбият, ирода ва масъулиятеро*** мадди назар дорад, ки шахсият бо ***додгариву додҷӯйӣ, ғуруру нангу номус, фасеҳгуфторӣ ва балоғатсолорӣ барои тақдири як миллат, ба хотири рушду тараққӣ ва сарбаландии он дар дохили кишвар ва арсаи байналмилал ҷонбозиҳо*** мекунад. Вазифаҳои дар наздаш гузоштašудаpo ба навъи аҳсант иҷро менамояд. Аз ҷониби мардум эътироф мегардад. Обрӯи байналмилалӣ касб мекунад. Дар назарияи бунёдӣ ва фаъолияти воқеӣ замонати муҳофизи миллат буданро собит месозад. Дар раванди таърих нақши хотирмон ва иззатманд мегузорад.

Ягона манзалат аст, ки шоистасолорӣ, тавоноии маънавӣ ва ҷисмонии миллатро дар ду ҷабҳа – дохил ва беруни кишвар ба намоиш мегузорад. Имрӯзу ояндаи ӯро муайян мекунад.

Сарварии сиёсӣ аз кулли дигар масъулиятҳо бо он фарқ мекунад, ки маҷмӯи сифатҳои фард метавонад на танҳо ба

раванди ҳаводис ва ҳаёти мардуми як кишвар, балки барои минтақа ва сайёра ҳам таъсиргузор бошад.

Дар маҷмӯи масъулиятҳои инсонӣ, бузургтар аз ин масъулияти дигар нест. Ва буда ҳам наметавонад.

Ба ҳамин хотир, илми сарваршиносӣ ҳамчун падидаи устувори таърихӣ қонунмандии пайдоиш, инкишоф, объект ва предмети худро дорад.

Гарчанде ин ҷанбаи ҳаётан муҳимми ҷомеа, давлат ва давлатдорӣ дар тӯли таърих, алалхусус, зимни давлатшиносии замони Истиқлол мавриди омӯзиш, таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифта бошад ҳам, дар илми ватанӣ ин мавзӯъ ниёз ба тадқиқоти бунёдӣ дошт.

Талабот ба ҳама гуна пажӯҳиш аз материяи одӣ то олӣ, иборат аз он аст, ки мавзӯи мавриди ***назар посухгӯйи ниёзҳои иҷтимоӣ, рӯзмарра ва коромад*** бошад.

Сарваршиносии сиёсӣ, айнан, аз ҳамин талабот бархӯрдор аст.

Махсусан, бедавлатии ҳазорсола, сабки бефарҷоми раҳбарии сиёсии субҳи истиқлол - адами сифатҳои дарки замон ва масъулиятшиносӣ, надонистани табиати қувваҳои ҳаракатдиҳандаи давлатшикани дохиливу берунӣ ва вазъи ҳалокатбори дарпешистода, раҳгумзадагӣ, дармондагӣ ва бечорагии *риҷоли сиёсии давр*, ки аз *умдатарин омили* ҷанги шаҳрвандӣ ва хонабардӯшии миллати азияткашида гардиданд, зарурати шинохти назм, низоми давлатдорӣ ва омӯзиши моҳияти сарварии сиёсиро пеш овардааст.

Аз ин лиҳоз, рисолаи академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва Қаландарзода Кароматулло Қаландар **“Сарваршиносӣ дар асоси мактаби давлатдории Пешвои миллат”** (*Душанбе. 2025. 431 с.*) ҳамчун китоби дарсӣ тақозои замон мебошад.

**Масъалаҳои маркази асар**

Омӯзиш, таҳлил ва баррасии рисола нишон медиҳад, ки он дар асоси талаботи мантиқи қонунмандии тадқиқоти илмӣ таълиф гаштааст.

Фасли аввал **"Омӯзиши назариявию методологии масъалаи сарварии сиёсӣ"** ва боби дуюм **"Ниҳоди сарварии сиёсӣ дар мисоли мактаби давлатдории Пешвои миллат"** номида шудаанд.

Барои дарки илмии масъала, муаллифон кӯшидаанд ***бунёди назариявии ҳадаф ва мавзӯи тадқиқотро муайян ва коркард намоянд***.

Дар назар гирифта шудааст, ки бе донишҳои назариявӣ расидан ба ҳақиқати илмӣ номумкин аст. Баъдан, инсон барои муайян кардани воқеияти моддӣ ва маънавӣ, бидуни шак, ба таҳкурсии илмии дар амалия санҷидашуда ниёз дорад.

Муаллифон муътақиданд, барои вориди муҳокимаи масъала гаштан, интихоб ва истифодаи категорияҳои илмӣ муҳим аст. Дар ин маврид, ибораҳои ***"сарварӣ - воқеияти ҳастии умумияти инсонӣ", "сарварии сиёсӣ ҳамчун шакли фаъолияти инсонӣ", "сарварии сиёсӣ ба сифати субъект ва объекти сиёсӣ"*** (*саҳ.14*) ва монанди инҳо, ҳамчун мафҳумҳои фаъолгардонии муайянкунии илмӣ интихоб гаштаанд.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муҳақиқон ба хотири ***мушаххасгардонии мавзӯи таҳқиқ*** кӯшиш намудаанд, истилоҳоти дар амалияи сиёсии давлатдории навини тоҷикон тасдиқгардидаро, ба монанди ***"Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – бунёдгузори давлати миллӣ", "Сарвари давлат – наҷотбахши миллат"***, ки аз таҷрибаи сиёсатмадории Раҳбари тоҷикон ҳувайдо мегардад, ҳамчун тафсири илмӣ истифода намоянд.

Ҳамзамон, муаллифон ба хосияти фавқулодаи раҳбарии сиёсӣ дар Тоҷикистон, ки маҳсули раванди таърихӣ ва воқеияти объективӣ мебошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд.

Дар ин маврид, истилоҳоти ***"Пешвои миллат – асосгузори сулҳу ваҳдат", "Президент – поягузори дипломатияи тоҷик", "Президент – асосгузори назария ва амалияи сиёсати дифоии Тоҷикистон"*** ва амсоли ин категорияҳои илмии маҳсули амал, таҷриба ва назарияи бунёдиро ба сифати манзалат ва рафторҳои сиёсӣ мавриди муҳокима ва хулосабарорӣ қарор додаанд.

Муаллифон дар назар гирифтаанд, мафҳумҳое, ки онҳо ҳамчун предмети муҳокима интихоб кардаанд, аз рӯи нигориш ва мавзӯъ ба қисмати ***амалӣ – эмпирикӣ, бадеӣ – эстетикӣ*** низ мансуб мебошанд. Дар сабку усули нигориш ва истифодаи калимаву ибораҳои асар ин услуб низ эҳсос мешавад. Аммо тафсири мавзӯъ, асосан, дар доираи принсипҳои ***илмӣ – назариявӣ*** оғоз ва анҷом ёфтааст.

Талаботи охир мансуб ба он аст, ки ***истилоҳоти сиёсӣ бо мафҳум ва сохтори мураккаби мантиқӣ*** сару кор дорад. Аз ҷузъиёт иборат аст. Ва ин воқеият зарурати аз шакл ба мундариҷа ва аз зоҳир ба асл ҳаракат карда, маҳз онро дарёфт, тафсир, муайян ва асоснок мекунад.

Шакли амалӣ – эмпирикӣ ва бадеӣ – эстетикии дарки воқеияти ҳастӣ, ки ҳамарӯза мо онҳоро мешунавем, мебинем, эҳсос мекунем, навъи донишҳо ва донистанҳо ҳастанд. Аммо далелнокии онҳоро фақат илм исбот мекунад. ***Илм аст, ки дар уқёнуси зиддиятҳо, баҳсҳо, масъалагузориҳо, раду бадалҳо моҳиятро пайдо ва исбот месозад. Ҳақиқатро бо мисолҳо ва далелҳои дар таҷриба санҷидашуда тасдиқ мекунад.*** Дар акси ҳол, барои мавҷудияти ***илм*** зарурат ҳам намебуд. Ва ҳаёти инсон дар дараҷаи ***априорӣ*** (*мавҳум, номуайян, берун аз таҷрибаи*

*инсонӣ, назарияи фавқулодапазирӣ, боварҳои бепоя, каромот*) боқӣ мемонд.

Маълум аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ се унсур ширкат меварзанд: субъект, объект ва метод.

Охирин муҳимтарин абзори расидан ба ҳақиқати воқеӣ мебошад. ***Ҳастӣ*** шаклҳои мураккаб ва беохир дорад. Вобаста ба интихоби роҳу равиши расидан ба он ва ҳалли масъалаҳои тадқиқ аҳаммияти ***интихоби метод на камтар аз арзиши интихоби мавзӯъ аст***.

Муаллифони рисола ба ин масъала таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуда, ҳам ***методҳои маъмулӣ*** ва ҳам ***соҳавиро*** дар алоқамандӣ ба мавзӯъ, барои расидан ба мақсади илмӣ интихоб кардаанд. Дар байни онон ***методҳои муқоисавӣ, моделӣ, сохторӣ, таснифӣ ва гузаштан аз мавҳумият ба мушаххасият*** ("Сарваршиносӣ дар асоси мактаби давлатдории Пешвои миллат"**.** – Душанбе. 2025. – С. 17) мавқеи муайян доранд.

Баъдан, ҳангоми омӯзиши матни рисола, воқеияти маъмулии тадқиқоти илмӣ ба назар мерасад. Он ҳам зуҳуроти муқаррарӣ буда, ҳамзамон, аз донишҳои васеъ ва умқи дарки воқеии методҳои таҳқиқ аз ҷониби олимон шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, истифодаи тахассусмандонаи методҳои маъмул, ки бидуни он таҳқиқи масъалаҳои мубрами сиёсӣ, аз ҷумла, давлатшиносӣ, ғайриимкон аст, дар асар ба тарзи васеъ мадди назар мерасанд. Аз қабили методҳои ***таърихӣ, таърихӣ – генетикӣ, усули диахронии таърихӣ – типологӣ, бархӯрди системавӣ, таҳлили системавӣ, сохторӣ – функсионалӣ*** ва монанди инҳо.

Бузургтарин талабот нисбат ба ҳама гуна тадқиқоти илмӣ ***аҳаммияти мушаххаси иҷтимоӣ*** доштани он аст. Масъалагузории асосгузори материализми илмии асри XIX чун ҳақиқати бебаҳс боқӣ мемонад: **"Илм бояд ба ниёзҳои**

**мардумӣ ҷавобгӯ бошад".** Дар акси ҳол, он илм буда наметавонад.

Муҳаққиқони закӣ ва масъулиятшинос ин ҳақиқатро мақсади ниҳоии тадқиқоти хеш интихоб намуда, ба тарзи мушаххас онро, аз ҷумла, дар ***"ташаккул додани маърифати комил нисбат ба сарварии сиёсӣ", "азбарнамоии технологияи гуманитарӣ вобаста ба ташаккул додани салоҳияти сарварӣ", "пешгӯии раванду ҳодисаҳо ва падидаҳои мухталифи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо фаъолияти сарвари сиёсӣ", "ташаккули фаҳмиши аниқ ва ҳамаҷониба вобаста ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини устувории системаи ҷамъиятӣ-сиёсии онҳо"*** ("Сарваршиносӣ дар асоси мактаби давлатдории Пешвои миллат"**.** – Душанбе. 2025. – С.*18*) муайян кардаанд.

### Сарварии сиёсӣ зуҳуроти қонунмандии ҷомеа

Раҳбарии сиёсӣ падидаи мураккаби қонунмандиҳои тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст.

Он қадимтар аз таърихи зиёда аз сеҳазорсолаи пайдоиши давлат – ҳамчун таҳаввулоти позитивӣ, давраи бакамолрасии ҷомеаи башарӣ ва посух ба ниёзҳои воқеии мардум мебошад. Замоне рӯйи саҳнаи сиёсӣ омадааст, ки ҷомеа ғарқ дар бенизомиҳои саросарӣ будааст.

Зуҳуроти ***раҳбарии сиёсӣ*** омили ҳаётан муҳимми гузариш аз бесарусомонӣ ва бадбахтиҳои умумӣ ба субот, осудагӣ, шоистасолорӣ, умед бастан ба тақдири имрӯзу оянда, бақодории ҷомеа ва ***ягона муассисаи ҳимоягари манфиатҳои он – давлат ва давлатдорӣ*** мебошад.

Қонунмандии раҳбарии сиёсӣ дар ҳамин зарурат зуҳур меёбад. Ва баръакс, бидуни он ҷомеа, ҳамчун мафҳуми

сарҷамъии бошууронаи мардум вуҷуд дошта наметавонад. Паҳну парешон мегардад. Ба нестӣ рӯ меорад.

Аз лиҳози дигар, таърих наметавонад субъект бошад. Зеро "**худи таърих амалеро ба ҷо намеорад.** "***Он соҳиби ягон сарвати беканор нест***"**. Вай** "***дар ягон набард намеҷангад***"**. На** "***таърих***"**, балки** "***инсон***"**, одами воқеии зинда – ана, кӣ ҳама корро мекунад. Ҳама** ***имконро*** **дорад. Ва барои ҳама гуна** ***имкон*** **мубориза мебарад**. "**Таърих" шахсияти алоҳида нест, ки одам онро ҳамчун воситаи бамақсадрасии хеш истифода намояд. Таърих – чизи дигаре нест, ба ҷуз фаъолияти инсон ба хотири расидан ба мақсад"** (*Иқтибос аз китоби Жан-Поль Сартр «Критика диалектического разума". Академический Проект. –М.: 1960. – С. 54*).

Дар ин маврид, пеш аз ҳама, раҳбари сиёсӣ мадди назар аст.

Ҳамон қадаре ки мавҷудоти биологӣ барои зинда мондан ба нафас эҳтиёҷманд аст, ***ҷомеа ва давлат*** ҳам барои ***осудагиву рушд ва бақо доштан*** ба ***сарвари сиёсӣ*** ниёз доранд.

Муаллифони китоб кӯшидаанд, ҳамин қонунмандиро дар мисоли таърихи замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз лиҳози назарӣ, бо далелҳо исбот кунанд.

## Сарчашмаҳои омӯзиши сарваршиносӣ

Барои мустаҳкам намудани ***пойдевори назарии афкор*** дар мавриди шинохти раҳбарии сиёсӣ муҳаққиқон дар асоси омӯзиш, таҳлил ва баррасии андешаҳои гуногуни олимони қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарин ақидаҳои хулосавии ҷолиби таваҷҷуҳ пешниҳод намудаанд. Аз номи муаррихони барҷаста Геродот ва Плутарх таъкид кардаанд, ки пешрафти ҷомеа ва давлат маҳз аз ***донишу хиради раҳбари сиёсӣ*** вобастагӣ дорад ("Сарваршиносӣ дар асоси мактаби давлатдории Пешвои миллат"**.** – Душанбе. 2025. – С. *32*).

Сухани Ситсерон бамаврид ёдовар шудааст: ***“дар ҳама давру замон таърих дар натиҷаи фаъолияти сарварон бунёд хоҳад гашт ва образи маънавии онҳо барои дигарон ҳамчун намунаи ибрат боқӣ мемонад”*** (*Ҳамон ҷо.* С. *32*).

Муаллифон бар он назаранд, ***“дар давраи қадим мутафаккирон тамоми масъалаҳои сиёсиро дар алоқамандӣ бо амалҳо ва фаъолияти ҳокимон баррасӣ менамуданд”***.

Мо муътақидем, чунин хулоса аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳои умумибашарии нақди фаъолияти на танҳо сарварони сиёсӣ, балки ***кулли раҳбарони соҳаҳо ва худи аъзои ҷомеа*** ба шумор меравад.

Барои донистани Инсон, ғайр аз ***таҳлили амал*** ва ***тарзи андешаву гуфтор***, ки он ҳам ***навъи рафтор аст***, дигар далел ва сарчашмаи боварибахши ***шинохт*** вуҷуд надорад.

***Таърихи инсоният таърихи фаъолияти Инсони мушаххас аст, бо такя ва санъати истифодаи гурӯҳҳои созгор ва воқеии иҷтимоӣ, на қувваҳои абстрактӣ.***

## Таърих маҷмӯи зиддиятҳост

Муаллифон масъалаи таъсиси давлатдории тоҷиконро дар даҳаи ахири асри XX ҳодисаи фавқулода муҳимми таърихӣ арзёбӣ намуда, ҷараёни ворид гаштани Тоҷикистонро ба вазъ ва шароити Истиқлол, руҳу равон ва вокуниши насли таърихие, ки онро бояд истиқбол мекард, мавриди омӯзиш, арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор додаанд. ***“Далелҳо қисмати мундариҷавии ҳар як илмро ташкил мекунанд. Ва муайянкунандаи дақиқкори моҳияти табиати онҳо мебошанд. Маҳз ҳамин хосият сабаб мешавад, ки дар назария ва методологияи тадқиқоти илмӣ ба далелҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад”*** (*Ковалченко И.Д. Методы исторического исследования. – М.: “Наука”. 2003. – С.142*).

Устокории муаллифон иборат аз он аст, ки дар қисмати аввал хонандаро ба донишҳои бунёдии муқаддимавӣ дар бораи мафҳум, мантиқ, аҳаммият, сифати шахсият, талабот ба он, типология, функсия ва вазифаҳо, муҳити таърихӣ ва фазои фаъолияти раҳбари сиёсӣ шинос мекунанд. Тавре ишора гардид, аз методҳои самарабахши илмӣ истифода намуда, мавзӯъ ва муҳтавои тадқиқро, дар асл, тафсири илмӣ мебахшанд. Ҳамин тариқ, барои тафсил, таҳлил ва арзёбии қисмати асосии китоб замина омода месозанд.

Ҳамзамон, олимон сабабҳои фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, заиф гаштани пояҳои сохти давлатдорӣ, аз даст рафтани абзорҳои сиёсии идоракунӣ, шикасти идеологияи сиёсии сарҷамъкунӣ ва раҳбариро дар марказ ва ҷумҳуриҳои собиқ, сӯиистифодаи вазъиятро аз ҷониби бунёдгароёни исломӣ бо назардошти руҳия ва маънавиёти ифротгароӣ, ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосабарорӣ қарор медиҳанд.

Ба мантиқи сухани муаллифони дақиқназар розӣ шудан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои аслии фоҷеаи миллати тоҷик дар солҳои навадум, ***адами шахсияти соҳибтаҷриба ва донову тавоно дар манзалати раҳбари аввали Тоҷикистони шӯравӣ, шаклӣ, рӯякӣ, қолабӣ, тибқи анъана интихоб ва таъйин кардани масъулони дараҷаи аввал*** дар ҷумҳурӣ буд.

Ин ашхос на танҳо намехостанд масъулияти бузурги давлатдориро тибқи Конститутсия ба ухда бигиранд, балки аз рӯйи ***сифати шахсият, аз ҷумла, иродатмандӣ, донишҳои амалии ҷараёнҳои сиёсӣ ва касбият*** наметавонистанд мустақилона, дар шароити бухронӣ мамлакатро раҳбарӣ кунанд. Халқро раҳнамо бошанд.

Яке аз бузургтарин донишмандони соҳаи давлатшиносии асри сипаригашта Г. В. Плеханов менависад: ***"Даҳони он нафареро бандед, ки мегӯяд, бе донистани равандҳои***

***ҷамъиятӣ ба кори амалӣ машғул шудан мумкин аст. Чунин амал хизмати хирсона ба халқ мешуд"*** (*Иқтибос аз китоби Живкович Л. "Теория социального отражения». «Прогресс». – М.: 1969*).

Ҳамин тариқ, мисли зиёии майдонсолори худафрӯзи рӯинтан Садриддин Айнӣ ва сиёсатмадори тавонманд Бобоҷон Ғафуров, ки  вазъи тақдирсоз маҳз ба чунин абармардон ниёзманд буд, дарёфт нагардид.

Ба тарзи дигар, дар кишвар элитаи сиёсӣ ва ***интеллигенсияи пешсафи ба манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ*** далели ҳастӣ нишон намедод.

Идеология ва ё ***маънавиёти ягонаи миллӣ*** ҳамчун ангеза барои сохтани давлати миллӣ ҳанӯз раҳнамуни ботини аксарият нагашта буд.

Сабаб - даҳсолаҳо ин камбуд мавзӯи мувозибати маркази фурӯпошида ба ҳисоб намерафт.

Муаллифон, чӣ дар боби аввал ва чӣ дар боби дуюм, категорияи фалсафии ***сабаб ва оқибатро*** устодона, аз лиҳози диалектикӣ боварибахш истифода намудаанд. Яъне фоҷиаҳое, ки миллати тоҷик тули таърих аз сар гузаронидааст, аз ҷумла, ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум, ҳодисаҳои фавқуттабиӣ набуданд. Аз зуҳуроти заминие сарчашма мегирифтанд, ки дар ҳамин сарзамин, дар ҳамин ҷомеа реша доштанд. *"Гарчӣ ин фикр хобро монад"* (Садриддий Айнӣ).

## Таърихият ва тадқиқи мавзӯъ

Эътимоднокии мантиқи илмии асарро истифодаи самараноки принсипи таърихият – омӯзиш ва тафсири далелҳо дар шароит ва замони мушаххас  ташкил мекунад.

Ба муалифон муяссар гаштааст, ки рӯйдодҳои фоҷиабори кишварро дар алоқамандӣ бо якдигар ва инкишоф тафсир намоянд. Барои муътақидгардонии хонанда пайдарҳамии

ҳодисаҳо, ҳаракати субъектҳои амалкунанда ва ҳолати объектҳои мавриди назарро дар таҳаввулот, бо овардани замон ва макон шарҳ диҳанд.

Ғасб ва сарнагун намудани сохти конститутсионӣ, бо истифодаи зуроварӣ ноил гаштан ба истеъфои Президенти ба таври қонунӣ интихобнамудаи мардум, тасарруфи пойтахти мамлакат, куштори дастаҷамъии аҳолии бесилоҳ, дар муҳосира нигоҳ доштани мардуми ҷануби кишвар, террори вакилони парлумон, намояндагони ҳокимияти давлатӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, олимон, зиёиён, васоити ахбори умум, куштори одамон аз рӯи мансубият ба маҳал, таҳқир, тазйиқи маънавӣ ва ҷисмонии маорифчиён, бастани роҳҳо, гаравгонгирӣ ва монанди ин вазнинтарин ҷиноятҳо муқобили ҳамватанон, бо овардани мисол ва иқтибосҳо аз шоҳидон, олимон ва таҳлилгарон принсипи таърихии тадқиқ ва ифодаҳои мантиқии асарро мустаҳкам мекунанд.

Муҳиммияти тадқиқоти илмии мазкур, ҳамзамон, далели ба инобат гирифтани он нуқта аст, ки таносуби воқеияти таърихӣ ҳамчун протсесси объективӣ ва инъикоси он дар тафаккур аз нигоҳи нақди фалсафӣ сурат гирифтааст. Яъне муҳаққиқон ҳамчун таърихшинос, воқеаҳоро тибқи хронология номбар карда бошанд ҳам, натиҷаи ин ҳаводис бо ***муҳокимарониҳои мантиқӣ баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ*** карда шудаанд.

Ҷараёни ***аз сода ба мураккаб ҳаракат кардани андеша*** ба хонанда имконият медиҳад, то аз зуҳурот ба умқи масъала расидагӣ дошта бошад. Сабабҳои аслии фоҷиаҳоро дарк намояд. Дар арҷгузории тақдири таърихии мардум бо муаллифони дақиқназар ҳамфикр шавад.

Аз лиҳози дигар, ба таҳлил ва тадқиқи мушкилтарин масъалаҳои ҳаёти ҷомеа даст зада, муҳаққиқон ба ***“маводи тайёр”***, яъне ҳодисаҳои аллакай рухдода, сару кор гирифтаанд. Аммо ***бузургтарин масъулияти илм, тавре ишора гардид,***

***ошкор кардани зиддиятҳо, кӯшишҳои инкори якдигарии равандҳо дар дохили масъала, дастрасӣ ба тарз ва усули ҳалли мушкилиҳо, нақди натиҷамандиҳо*** ва муҳимтар аз ҳама, ***"ишора ба ояндаи олӣ"*** аст, ки ҷомеа ҳама вақт орзуманди он – субот ва тараққиёт будааст.

Ба чунин мантиқ муаллифон муваффақ гаштаанд.

## Шахсият офарандаи таърих

Баъд аз пайдоиши Замин ва Ҷомеа, мавзӯи сеюми таваҷҷӯҳи глобалӣ масъалаи назария ва амалияи шинохти Роҳбари сиёсӣ аст. Он давоми ҳазорсолаҳо мавриди омӯзиш, арҷгузорӣ ва хулосабарории илмӣ қарор дошт, дорад ва хоҳад дошт.

***Мавқеи ба ягон муассисаи дигар бадалнашавандаи масъулияти Раҳбари сиёсӣ барои тақдири таърихӣ – таъмини субот ва рушди миллат, баъдан минтақа ва ҷаҳон манзалати олиро ба ин мартаба муайян кардааст.***

Тавре ишора гардид, таърихро инсонҳо месозанд. Сабабгори таҳаввулоти ҷомеаҳо ва халқу миллатҳо – идеяҳо, нақшаҳои созгори Шахсият мебошад.

Таърихи миллати тоҷик ва Тоҷикистон давом, қисмат ва намунаи таърихи башар аст.

Дар замони Истиқлол сохторҳои давлатдории кишвар таъсис ёфт. Ҷанги шаҳрвандӣ қатъ гардид. Мамлакат ба сулҳу салоҳ расид. Ваҳдати миллӣ таъмин ва якпорчагии сарзамини Тоҷикистон ҳифз шуд. Конститутсия, Суруди миллӣ, Парчами миллӣ ва Нишони давлатӣ қабул гардиданд. Мамлакат ба рушди устувори иқтисодӣ комёб шуд. Тоҷикистон аз бунбасти иқтисодӣ раҳо ёфт. Мавриди эътироф ва эҳтироми ҷомеаи башарӣ қарор гирифт. Миллат ба зиндагии иззатманд ва шоиста сарфароз гашт. Пойтахти давлатро азнавсозӣ кард ва ҳамчун исботи соҳибтамаддунии хеш ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт. Назарияи ҳуввияти миллӣ коркард ва амалияи он, сарфи

назар аз мушкилот ва таҳдидҳои дохиливу берунӣ, чун барномаи стратегӣ қабул ва роҳандозӣ гардид. Суботи ҷомеа, миллат ва давлат ҳукмфармо шуд.

***Таърих гувоҳ аст, ҳамаи ин корнамоиҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фидокорона тарҳрезӣ, коркард, бо сафарбар намудани оммаи халқ ва сарварии бевоситаи Ӯ, амалӣ шуд. Ба сифати давлатдории миллӣ мубаддал гардид.***

Роҳбари давлат исбот намуд, ки ***"фақат тавассути амалӣ кардани мақсадҳои бузург инсон дар худ сифатҳои бузургро ошкор месозад, ки ӯро барои дигарон машъал мегардонад"*** (*Гегель В.Ф. «Философия духа». Наука. – М.: 1976. – С.225*). Ва ***"дастоварди бузургро фақат сифатҳои бузурги хислатҳои инсонӣ метавонад ба даст орад"*** (*Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. –М.: 1977. – С.8*).

Муаллифони китоб ин корномаро ҳам бо овардани далелҳои муътамади таърихӣ ва ҳам аз лиҳози мантиқи фалсафӣ, ҳамчун тафсири арҷгузорӣ, ки мардум Ӯро бо унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат сарфароз гардониданд, собит намудаанд.

Мусаллам аст, далели Офтоб худи Офтоб аст.

## Қонунмандии зуҳуроти Пешвои муаззам

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оилаи одамони одии меҳнатӣ ва ватанпарвар тавлид гардида, дар ҳамин муҳит ба камол расидааст.

Дар шароити деҳот таҳсилоти миёна гирифтааст.

Дар мушкилтарин шароит муддати се сол дар қувваҳои ҳарбӣ-баҳрии давр муваффақона хизмати ҳарбӣ кардааст.

Маълумоти олии иқтисодӣ гирифтааст. Ҳамзамон фаъолияти меҳнатии худро суботкорона идома додааст.

То замони расидан ба маснади сарварии мамлакат, дар замони Шуравӣ, дар шароити ниҳоят мураккаб, сангин ва рақобатноки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ба тарзи алтернативӣ ба вазифаҳои масъулиятнок пешниҳод, таъйин ё интихоб гардида, муваффақона ва натиҷаманд кор кардааст.

Мардуми ҷумҳурӣ ба шахсияти фавқулодаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар даврони Иттиҳод, ҳангоми ба ҳайси вакили Парлумони мамлакат интихоб ва фаъолият намуданаш шинос гардида буданд.

Он асно, ӯ вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии кишварро тахассусмандона, воқеъбинона, бо дарки масъулияти бузурги ватандорӣ, дар доираи салоҳияти худ таҳлил, хулосабарорӣ ва арзёбӣ карда, роҳҳои баромадан аз буҳрони ҳамагониро пешниҳод ва таъкид менамуд. Дар масъалаҳои принсипиалии таъмини суботи кишвар ҷавонмардона, бо қотеият истодагарӣ мекард.

Дар кишвар вазъи фоҷиабор рух дод. Ҳукумати марказӣ аз ҷониби дастаи муташаккили ифротгароёни динӣ шикаст хӯрд. Пойтахти мамлакат ғасб гардид. Дар кишвар оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга зад. Ҳазорҳо нафар мардуми бегуноҳ талаф ёфт ва хонабардӯш гашт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари вилояти дар муҳосира қарорёфта, интихоб шуд. Аз ҳамин манзалат, раҳбарии ҳаракати умумиллии зидди дастаҳои муташаккили ифротиро барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ихтиёран, ба ухда гирифт.

Дар набардҳои сангин ба аввалин пешравӣ ва муваффақиятҳо ноил гардид.

Шароити таърихӣ барои тағйири муносибатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва оғози таҳаввулоти куллиро ба фоидаи миллат, давлат ва тантанаи адолат дар кишвар, бо такя ба ҳаракати мардумӣ ба вуҷуд овард.

***Аз ин лиҳоз, интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Сарвари давлат, ҳамчун ягона умеди раҳоӣ аз бедавлатӣ – адами ҳокимияти сиёсии марказонидашуда, ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ ва парокандагӣ, қонунмандӣ дошт.***

Чунин интихоб восита ва ё омили таърихии гузаштан аз фоҷиаи иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, миллӣ гардид.

***Хиради азалӣ, эҳсоси бузурги ватанпарварӣ, муътақид ва барандаи асили худшиносии миллӣ, ҷонибдори сарсупурдаи эҳёи Аҷам, додгари мардуми одӣ, муҳофизи масъулиятшиноси Ватану Миллат, донишмандиву маорифпарварӣ ва рисолатшиносии равшангари беназири тамаддуни ниёгон, сифатҳои фавқулодаи ҷавонмардӣ ва амсоли чунин фазилатҳои накӯ имкон дод, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар таърих ҳамчун бунёдгузори давлати навини Тоҷикон маъруфу машҳур гардад.***

## Хулоса

Мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллат барои ҳар фарди ватандор махзани бузург, ганҷинаи бебаҳои ҷовидонаи руҳ, маънавиёт ва андешаи миллӣ, сарчашмаи муътамади дарки Инсон ва намунаи олии муносибат бо он, дастурамали фасеҳ ва пурмуҳтаво барои коркарди барномаҳои рӯзмарраи тарбиявӣ ва таълимӣ ба хотири шинохти таърих, воқеияти имрӯз ва навъи бархӯрд бо фардо, омӯзишгоҳи принсип, роҳ, усули раҳбарӣ аз одӣ то олӣ мебошад.

***Ин таҷрибаи хос ва навини давлатдории миллии тоҷикон, аз нигоҳи омӯзиши корнома ва фоҷиаҳои бузурги сеҳазорсола (1), таҳлил ва арзёбии сабаб ва оқибати бадбахтиҳои даҳаи охири асри XX – ҷанги шаҳрвандӣ (2), давлатсозӣ (3), ба инобат гирифтани маънавиёти миллӣ (4), мавқеи ҷуғрофиёӣ (5), захира***

***ва имконоти табиӣ (5) инчунин пешбиниҳои дақиқи омил ва равандҳои сиёсӣ дар дохил ва атрофи кишвар дар ояндаи наздик ва дур (6) иборат мебошанд.***

***Бидуни ҳарф ба ҳарф аз бар намудани чунин мактаб, муҳокимаи мустақил ва андешаи умқӣ оид ба ҳар соҳаи он, ба давру замон мувофиқ кунондани рафтор ва амалҳои сиёсӣ, аммо қатъиян нигаҳ доштан ва риоя намудани принсипҳо, муҳтаво ва услуби фаъолияти давлатдорӣ, ки ин шахсияти дар таърихи миллати тоҷик нотакрор ба намоиш мегузорад, уҳдадорӣ ва раҳбарӣ*** **дар ягон зинаи хидмати давлатӣ** ***муваффақ нахоҳад буд.***

***Аз лиҳози дигар пайравӣ ба ақидаҳои Шахсияти бузург арзиши поянда, илми созанда ва амали барозанда аст.***

Ба андешаи мо, ҷавҳари афкори муаллифони китоб аз тафсири ҳамин ҳақиқати объективӣ ва ҳамин воқеияти таърихӣ иборат аст, ки онҳо кӯшиши омӯзандаи ба хонанда расонидан кардаанд.

Бинобар ин, месазад, рисолаи академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва Қаландарзода Кароматулло Қаландар **"Сарваршиносӣ дар асоси мактаби давлатдории Пешвои миллат"** дар мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, ҷавҳари он ҳамчун предмет ва дастури таълимӣ дар барномаҳои мактабҳои миёна ворид гардида, мақсаднок омӯзонида шавад.

**Хуршед ШОЗЕДОВ**
*ходими калони илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

## ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ҲУВИЯТҲОИ МИЛЛӢ ВА ДИНӢ

Дар шароити кунунӣ илмҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, фалсафа ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ба масъалаи ҳувият таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онро ба унвони масъалаи меҳварии худ баррасӣ мекунад. Дар фазои ҷаҳонишавии шадид, рушди бесобиқаи вобастагии мутақобилаи иттилоотӣ, шиддатгирии равандҳои муҳоҷиратӣ ва иқтисодии давлатҳо, ташдиди равандҳои муҳоҷират ва трансформатсияи ниҳодҳои анъанавии иҷтимоӣ, масъалаи ҳифз ва бозтавлиди ягонагии сиёсию фарҳангии ҷомеа аҳамияти афзояндаи назариявӣ ва амалиро касб менамояд. Дар ин замина, давлатҳои муосир ба таври фазоянда бо зарурати таъмини танаввуъи устувор миёни гурӯҳҳои қавмӣ, фарҳангӣ ва динӣ, аз як тараф, ва ниёз ба ҳифозати фазои ягонаи шаҳрвандӣ, аз ҷониби дигар, рӯ ба рӯ мегарданд. Маҳз ба ин далел, ҳувиятҳои миллӣ ва динӣ ба муҳимтарин авомили суботи сиёсию рушди иҷтимоии устувор табдил мешавад.

Бояд гуфт, ки дар асри XXI, ҳувият хусусияти мунҳасиран фарҳангӣ ва маънавии худро аз даст дода, ба як манбаи сиёсии пураҳамият табдил шудааст, ки нақши муҳимро дар тақвияти давлатдорӣ, таҳкими ҷомеаву шаклгирии ниҳодҳои сиёсӣ ва тақвияти ҳамбастагии шаҳрвандӣ мебозад. Дар навбати худ,

ҳувияти динӣ ба ҷиҳатгириҳои арзишии фардӣ, шуури ҷамъиятӣ ва моделҳои рафтори сиёсии гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити буҳрони идеологияҳои суннатӣ, дин ва худшиносии миллӣ барои бисёре аз ҷавомеъ ба манбаи аслии худшиносии ҷамъӣ табдил меёбанд.

Масъалаи баррасишаванда дар ҳошияи давлатдории дунявӣ, ки ҷудоии ниҳодҳои динӣ аз ҳокимияти давлатӣ, бетарафии сиёсии давлат дар робита бо адёни мухталиф ва таъмини озодии виҷдонро пешбинӣ мекунад, аҳамияти вижаро касб мекунад. Зимнан, дар амал давлат маҷбур мешавад, то таъсири воқеии дин ба ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин нақши ҳуввияти миллӣ дар нигоҳдории суботи сиёсиро ба назар гирад. Дар ҷавомеи сермиллат ва чанддинӣ намувозинатии самаранок байни ашколи мухталифи ҳувият метавонад ба афзоиши низоъҳои байниқавмӣ ва байнидинӣ, ифротгароии сиёсӣ ва тазъифи ниҳодҳои давлатӣ оварда расонад.

Мубрамияти ин мавзуъ ҳамчунин бо равандҳои геополитикии муосир таъйин мешаванд. Тақвияти омили динӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, рушди миллатгароии қавӣ – фарҳангӣ, буҳрони чандфарҳанггароӣ дар теъдоде аз кишварҳои ғарбӣ ва даргириҳои мусаллаҳона дар асоси қавмӣ – эътиқодӣ гувоҳи онанд, масъалаи  ҳувият дар ҳоли табдил ба яке аз чолишҳои калидии замони муосир гаштааст. Фароядаҳои сиёсӣ дар кишварҳои Ховари Миёна, даргириҳои мазҳабӣ дар манотиқи ҷудогонаи Осиё ва Африқо, тақвияти ҳаракатҳои миллатгаро дар Аврупо нишон медиҳанд, ки масоили мансубияти миллӣ ва динӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсиргузор боқӣ мемонанд.

Масъалаи ҳувият ҷойгоҳи вижаеро дар фазои пасошӯравӣ касб мекунад. Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷумҳуриҳои собиқи он бо зарурати ташаккули давлатдории миллӣ ва модели ҷадиди ҳамгирои ҷамъиятӣ рӯ ба рӯ

гардиданд. Дар баробари ин, эҳёи динӣ, ки бо поёни сиёсати илҳоди давлатӣ бастагӣ дошт, зуҳур пайдо кард. Дар шароити баамаломада, кишварҳои минтақа маҷбур шуданд, то механизмҳои созукориҳои моҳияти дунявии давлат бо суннатҳои динӣ ва фарҳангии ҷомеаро пайдо кунанд. Чунин шароит барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса дорад, зеро нигоҳдории мувозинати байнимазҳабӣ ва суботи сиёсӣ ба таври мустақим бо масоили ягонагии миллӣ ва танзими соҳаи дин бастагӣ дорад.

Ҳадафи пажуҳиши мазкур, таҳлили ҷойгоҳу нақши ҳувияти миллӣ ва динӣ дар давлати дунявӣ аз диди илми сиёсатшиносӣ мебошад. Таваҷҷуҳи хоса ба мутолиаи ҳамбастагии авомили миллӣ ва динӣ, инчунин таъсири онҳо ба фарояндаҳои ҳамгироии сиёсӣ, муттаҳидии ҷамъиятӣ ва фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлатӣ зоҳир карда мешавад.

Барои расидан ба ин ҳадаф, баррасии моҳияти ҳувияти миллӣ ва динӣ, таъйини вижагии давлати дунявӣ ба унвони як ниҳоди сиёсӣ, таҷзия ва таҳлили таҷрибаи байналмилалии танзими муносибатҳои байнимазҳабӣ, инчунин муайян намудани таҳдидҳои асосии сиёсӣ, ки дар натиҷаи нақзи тавозун байни ашколи мухталифи ҳувият зуҳур мекунанд, зарур мебошад.

## Мавқеъ ва нақши ҳувияти миллӣ ва динӣ дар давлати дунявӣ

Масъалаи ҳувият дар муҳити илмии муосир яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти назариявии илмҳои сиёсӣ, ҷомеашиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, афзоиши ҳамкории байнифарҳангӣ, давлатҳо бо зарурати таҷдиди назари механизмҳои ҳамгироии ҷамъиятӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дар ин замина, масъалаи таносуби ҳувияти миллӣ ва динӣ дар фазои давлати дунявӣ аҳамияти вижаро

касб мекунад. Барои аксари ҷавомеъи муосир мушкил на танҳо дар ҳифзи танаввуъи фарҳангӣ ва маънавӣ нест, балки дар тазмини суботи сиёсӣ, суботи ҷамъиятӣ ва ягонагии фазои шаҳрвандӣ мебошад. Маҳз барои ин, ҳувияти миллӣ ва динӣ на танҳо ба шакли худшиносии дастаҷамъӣ, балки ба унвони авомили муҳими сиёсии ба фаъолияти давлат ва системаи сиёсӣ таъсиргузор баррасӣ мешаванд.

Дар илми сиёсатшиносӣ ҳувият ба унвони шакли огоҳии фард аз тааллуқияти худ ба як гурӯҳи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, қавмӣ, миллӣ ё мазҳабӣ мушаххас мешавад. Ҳувият низоми арзиши фардиро ташкил дода, ба дидгоҳҳои сиёсӣ, рафтору муносибати он нисбати давлат таъсир мерасонад. Муҳаққиқи америкоӣ Самуэл Хангтинтон таъкид бар он мекунад, ки пас аз поёни ҷанги сард, манобеъи калидии низоъҳоро на тазодҳои идеологӣ, балки тафовут дорои хусусиятҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ ва динӣ ташкил медиҳанд [6] Ин андеша ба вижа дар шароити ҷаҳони муосир ҷое, масоили даргириҳои қавмӣ – эътирофӣ ва буҳрони ҳамгироии шаҳрвандӣ ба таври фазоянда қобили таваҷҷуҳ аст, аҳамияти хосаро касб мекунад.

Ҳувияти миллӣ як навъ худогоҳии дастаҷамъист, ки бар асоси таърих, забон, фарҳангу анъанаҳои таърихӣ, инчунин мансубият ба як кишвари муштарак ташаккул меёбад. Яъне мутааллуқият ба як миллат на танҳо бар асоси маншаъи қавмӣ, балки бар вафодории сиёсӣ, ба расмият шинохтани низоми қонуни асосӣ ва омодагӣ ҷиҳати ширкат дар ҳаёти кишвар таъйин мешавад. Чунин модел ба вижа хоси кишварҳои демократӣ дунявӣ мебошад, ки фаъолияташон барои ҳамгироии гурӯҳҳои мухталифи қавмӣ ва фарҳангӣ ба як фазои сиёсии воҳид равона шудаанд.

Ҳувияти миллӣ вазифаи муҳими ҳамгироиро иҷро намуда, барои устувории давлатдорӣ, шаклгирии ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва устувории суботи сиёсӣ кӯмак мекунад. Бе эҳсоси

мансубият ба як давлати воҳид, ҷомеа дар ҳолати осебпазир ба низои дохилӣ, ҷудоихоҳӣ ва пошхӯрии сиёсӣ қарор хоҳад гирифт. Маҳз ба ин мақсад бисёре аз кишварҳо таваҷҷуҳи хосаро барои ташаккули худшиносии умумимиллӣ бо истифода аз низоми нишонаҳои давлатӣ, сиёсати таърихӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ зоҳир менамоянд.

Дар ҷавомеъи чандмиллатӣ ҳувияти миллӣ ба унвони як омили ниҳоят муҳим баромад мекунад, зеро дар чунин кишварҳо ҳувияти умумии шаҳрвандӣ нақши механизми ваҳдатофар, ки имкони ҳамзистӣ дар доираи як системаи воҳиди сиёсиро ба гурӯҳҳои қавмӣ ва мазҳабии мухталиф фароҳам меорад, баромад мекунад. Ҳамчун мисол метавон Фаронсаро овард, ки дар он модели давлатдории ҷумҳуриявӣ бар усули баробарии шаҳрвандӣ, дунявият ва афзалияти арзишҳои умумимаданӣ асос ёфтанд. Консепсияи фаронсавии laïcité ҳокӣ аз он аст, ки давлат дар сиёсати пешгирифтаи худ ба ҳеҷ дине такя намезанад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, то тамоми шаҳрвандони худро сарфи назар аз мансубияти қавмӣ ва мазҳабӣ, онҳоро дар як фазои сиёсии воҳид муттаҳид кунад. Яъне, фаъолияти тарафдорони ин консепсия ба дунявисозии ҳаёти ҷамъиятии кишвар равона шудааст, ки дар раванди он таълими ҷазмӣ, ниҳоду амалияҳои динӣ аҳамияти бузурги қаблии худро дар ҳаёти ҷомеа аз даст медиҳанд [3]

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳувияти миллӣ на танҳо метавонад омили ҳамгироӣ ва ваҳдати ҷомеа бошад, балки дар шароити муайян хусусияти тахрибӣ низ касб намояд. Миллатгароии ифротӣ аксаран боиси густариши бегонаситезӣ, табъизи қавмӣ ва радикализми сиёсӣ мегардад. Дар асри XX шаклҳои тундрави миллатгароӣ ба яке аз омилҳои асосии сар задани муноқишаҳои бузурги низомӣ табдил ёфтанд. Намунаи равшани чунин равандҳо Олмони фашистӣ мебошад, ки дар он ғояи бартарияти нажодӣ ба пояи асосии

идеологияи давлатӣ табдил гардида, боиси заифшавӣ ва хароб гардидани ниҳодҳои демократӣ, саркӯбиҳои густурда ва ҷанги ҷаҳонӣ шуданд.

Ин амрро метавон дар мисоли фурӯпошии Югославия дар даҳаи 1990 низ мушоҳида намуд. Паст рафтани нуфузи ҳокимияти марказии ин кишвар боиси ихтилофҳои қавмӣ ва мазҳабӣ миёни сербҳо, хорватҳо ва босниягиҳо шиддат гирифтанд. Дар ин маврид ҳувияти миллӣ на ҳамчун омили мутаҳидсозандаи ҷомеа, балки ҳамчун манбаи парокандагии сиёсӣ ва низоъҳои мусаллаҳона зуҳур намуд [1] Буҳрони Югославия нишон дод, ки адами ҳувияти устувори шаҳрвандӣ метавонад ҳатто дар шароити ҳамзистии тӯлонии таърихии гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ ба фурӯпошии давлат оварда расонад.

Ҳувияти динӣ низ дар ҷомеаи муосир нақши муҳим мебозад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, динҳои суннатӣ ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, одамонро дар заминаи анъанаҳои умумии фарҳангӣ ва таърихӣ муттаҳид месозанд. Ҳамзамон, онҳо ба шахсият дар дарёфти маънои зиндагӣ ва паси сар намудани мушкилоту озмоишҳои ҳаётӣ кумак мерасонанд. Ин ҳолат аз нақши муҳим ва муассири ҳувияти динӣ дар ҷомеаи муосир шаҳодат медиҳад [2] Дар асри XX ақидае дар фазои илмӣ паҳн гардид, ки дин дар натиҷаи раванди навгароӣ (модернизатсия) тадриҷан вижагии худро аз даст дода, аз ҳаёти ҷомеа канор рафтааст. Вале, воқеияти муосир баръакси ин фарзияро нишон медиҳад. Дин на танҳо аҳамияти худро ҳифз намудааст, балки бори дигар ба яке аз омилҳои калидии сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Ҷомеашиноси амрикоии дин, Хосе Казанова, қайд намудааст, ки поёни асри XX бо «бозгашти дин ба фазои ҷамъиятӣ» тавсиф мешавад [5] Дар бисёр кишварҳо созмонҳои динӣ иштироки фаъолонаи худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ

тақвият бахшиданд. Аз ҷумлаи омилҳои асосии ин раванд метавон бухрони идеологияҳои анъанавӣ, афзоиши номуайянии иҷтимоӣ, раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави ҳувияти дастаҷамъиро номбар кард. Дар шароити дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ, дин барои қисми зиёди аҳолӣ ба манбаи субот, ҳамбастагӣ ва идомаи арзишҳои фарҳангӣ мубаддал гардидааст.

Ба унвони мисоли равшани нуфузи сиёсии дин метавон Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро овард. Новобаста аз он, ки дар Конститутсияи кишвар принсипи ҷудоии калисо аз давлат муқаррар гардидааст, дин ҳамоно дар ҳаёти сиёсии ин давлат нақши муҳим мебозад. Ҷунбишҳои инҷилгаро (евангелӣ) дар маъракаҳои интихоботӣ фаъолона иштирок намуда, ба мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар масъалаҳои марбут ба оила, маориф ва сиёсати иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонанд. Бисёре аз сиёсатмадорони амрикоӣ аз риторика ва арзишҳои динӣ ҳамчун воситаи таҳкими дастгирӣ дар байни интихобкунандагони муҳофизакор истифода мебаранд.

Сиёсати кишварҳои Ховари Миёна низ зери таъсири қобили мулоҳизаи дин қарор доранд. Дар бархе аз кишварҳои ин минтақа ислом на танҳо ба унвони дин, балки ҳамчун унсури муҳими идеологияи давлатӣ низ амал мекунад. Ин ҳолат махсусан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баръало мушоҳида мегардад, ки дар он пас аз Инқилоби исломии соли 1979 низоми сиёсие таъсис ёфт, ки ба нақши роҳбарикунандаи рӯҳоният асос ёфтааст. Дар чунин низом ҳувияти динӣ ба пояи асосии қонуният ва машрӯъияти сиёсии давлат табдил меёбад. Бо вуҷуди ин, чунин модели идоракунӣ аксар вақт бо маҳдуд гардидани озодиҳои сиёсӣ ва тақвияти назорати давлатӣ бар ҷомеа ҳамроҳ мебошад.

Туркия, ки муддати тӯлонӣ ҳамчун намунаи давлати дунявӣ дар ҷаҳони ислом арзёбӣ мешуд, таваҷҷуҳи махсусро ба худ

ҷалб менамояд. Ислоҳоти Мустафо Камол Отатурк ба ҳадафи навсозии кишвар ва маҳдуд намудани нуфузи дин дар сиёсат амалӣ гардида буданд. Бо вуҷуди ин, дар асри XXI омили ислом бори дигар ба таври фаъол дар фазои сиёсӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳизби ҳокими Адолат ва Рушд таҳти роҳбарии Раҷаб Тайййб Эрдуғон тадриҷан нақши динро дар ҳаёти ҷамъиятӣ тақвият бахшида, баҳсҳоро дар бораи ояндаи модели дунявияти Туркия ба миён овардааст [7]

Давлати дунявӣ шакли ташкили сиёсии давлат мебошад, ки дар он дин аз ҳокимияти давлатӣ ҷудо буда, ниҳодҳои давлатӣ бетарафии худро дар баробари тамоми динҳо нигоҳ медоранд. Принсипҳои асосии давлати дунявӣ аз озодии виҷдон, баробарии шаҳрвандон новобаста аз мансубияти мазҳабии онҳо, адами дини расмии давлатӣ ва волоияти қонунҳои шаҳрвандӣ иборат мебошанд. Дунявият ба маънои инкори дин ё маҳдуд сохтани ҳуқуқҳои пайравони дин нест. Баръакс, он фароҳам овардани чунин шароитро пешбинӣ менамояд, ки дар доираи он намояндагони динҳои гуногун тавонанд дар як фазои ягонаи сиёсӣ ба таври осоишта ва таҳаммулпазирона ҳамзистӣ намоянд.

Аҳамияти сиёсии давлати дунявӣ махсусан дар ҷомеаҳои бисёрмиллатӣ ва бисёрмазҳабӣ хеле назаррас мебошад. Бетарафии давлат дар пешгирии табъиз ва коҳиши эҳтимоли низоъҳои байни мазҳабӣ мусоидат менамояд. Дар шароити адами чунин бетарафӣ, тафовути мазҳабӣ зери хатари сиёсӣ гардидан қарор гирифта, метавонанд ба манбаи танишҳои иҷтимоӣ табдил ёбанд.

Лубнон, ки низоми сиёсиаш бар усули тақсими ҳокимият байни гурӯҳҳои мухталифи мазҳабӣ асос ёфтааст, намунаи равшани паёмадҳои манфии сиёсисозии дин ба шумор меравад. Зоҳиран ин модел бояд намояндагии баробарҳуқуқро таъмин намояд, вале дар асл он боиси тақвияти танишҳои

фирқавӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандии тӯлонӣ гардидааст. Таҷрибаи Лубнон нишон медиҳад, ки бастагии аз ҳад зиёди низоми сиёсӣ аз мансубияти мазҳабӣ метавонад монеаи ташаккули як миллати муттаҳиди шаҳрвандӣ гардад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар шароити кунунӣ, масъалаи таносуби ҳувияти миллӣ ва динӣ аз аҳамияти хоса бархӯрдор аст. Дар бисёре аз кишварҳо, дин аз назари таърихӣ бо фарҳанги миллӣ пайвандии зич дорад. Чунончи, мазҳаби католисизм дар ташаккули худшиносии миллии Лаҳистон, ба вижа дар даврони мубориза бо режими коммунистӣ нақши муҳим бозидааст [4]

Бо вуҷуди ин, дар давлат дунявӣ ҳувияти динӣ набояд бар ҳувияти шаҳрвандӣ бартарӣ дошта бошад. Дар ҳолате, ки мансубияти динӣ нақши муайянкунандаро дар ҳаёти сиёсӣ бозад, ин амр метавонад ба чандпорчагии ҷомеа ва заиф гардидани фазои шаҳрвандӣ оварда расонад. Истифода аз дин ба унвони абзори сафарбарии сиёсӣ ба вижа хатарзо мешавад. Дар чунин шароит, хатари ба миён омадани радикализатсия, ифротгароӣ ва низоъҳои байнимазҳабӣ дар сатҳи баланд боқӣ хоҳад монд.

Бояд хотирнишон кард, ки ҳувияти шаҳрвандиро, ки бар пояи эҳтиром ба қонун, садоқат ба давлат ва эътирофи арзишҳои муштараки сиёсӣ бунёд ёфтааст, илми сиёсатшиносӣ ба унвони яке аз шаклҳои пойдори ҳамгироии иҷтимоӣ баррасӣ мекунад. Ҳувияти шаҳрвандӣ афроди дорои фарҳангу адёни мухталифро бе даст кашидан аз мансубияти қавмӣ ё мазҳабии худ, дар доираи як ҷомеаи воҳид муттаҳид мекунад. Ба ҳайси мисол метавон Канадаро овард, ки дар он раванди муваффақонаи ҳамоҳангсозии бисёрфарҳанггароӣ ва ваҳдати шаҳрвандӣ баръало эҳсос мешавад. Ин модел ҳимоят аз танаввуъи фарҳангӣ бо ҳифзи усули умумии демократӣ ва якпорчагии сиёсии давлат эътироф шудааст.

Дар фазои пасошӯравӣ масъалаи ҳувият аҳамияти хосаро касб намудааст, зеро пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои тозаистиқлол бо зарурати ташаккули ҳувияти миллии худ ва таҳияи модели ҷадиди давлатдорӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ҳамзамон, раванди эҳёи динӣ, ки бо анҷоми сиёсати давлатии илҳоди замони шӯравӣ пайвастагӣ дошт, рӯи саҳнаи сиёсӣ баромад. Дар бисёре аз кишварҳо дин бори дигар ба унсури калидии ҳаёти ҷамъиятӣ ва худшиносии миллӣ табдил ёфт.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хоса ба ҳифзи тавозун миёни моҳияти дунявии давлат ва суннатҳои динии ҷомеа зоҳир карда мешавад. Қазоқистон ва Ӯзбекистон фаъолияти худро барои амалисозии сиёсате равона мекунанд, ки ба таҳкими ҳамоҳангии байнидинӣ ва пешгирии ифротгароии динӣ мусоидат менамоянд. Кишвари мо низ пас аз ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва назорати ҳаракатҳои радикалии динӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Барои кишварҳои минтақа ҳифзи низоми давлатдории дунявӣ ҳамчун шарти муҳими таъмини суботи сиёсӣ арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи ҷаҳони муосир бори дигар нишон медиҳад, ки ҳувиятҳои миллӣ ва динӣ ҳамоно дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Онҳо ба равандҳои сафарбарии сиёсӣ, ташаккули ҳамбастагии иҷтимоӣ ва қонуниятбахшии ҳокимият таъсири назаррас мерасонанд. Илова бар ин, маҳз давлати дунявӣ шароити мусоидтаринро барои ҳамзистии ҳамоҳанги шаклҳои гуногуни ҳувият фароҳам месозад. Дунявият баробарии шаҳрвандон, озодии виҷдон ва бетарафии давлатро кафолат медиҳад, ки ин махсусан барои ҷомеаҳои бисёрмиллатӣ ва бисёрмазҳабӣ аҳаммияти калон дорад.

Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки ҳувиятҳои миллӣ ва динӣ аз ҷумлаи унсурҳои бунёдии низоми сиёсии муосир ба

шумор рафта, ба рушди иҷтимоӣ, сафарбарии сиёсӣ ва ташаккули қонунияти ҳокимияти давлатӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши ҳамкориҳои байнифарҳангӣ, масъалаи ҳувият ба яке аз омилҳои калидии таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими устувории давлат табдил мегардад.

Ҳувияти миллӣ вазифаи муттаҳидкунанда дошта, ба таҳкими давлатдорӣ, рушди ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва ҳифзи фазои ягонаи сиёсӣ мусоидат менамояд. Ин раванд махсусан дар ҷомеаҳои бисёрқавмӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро ҳувияти муштараки шаҳрвандӣ барои рафъи тафовутҳои қавмӣ ва фарҳангӣ замина фароҳам меорад. Таҷрибаи таърихӣ собит месозад, ки адами ҳувияти устувори миллӣ ва шаҳрвандӣ метавонад ба буҳрони сиёсӣ, густариши тамоюлҳои ҷудоихоҳӣ ва афзоиши низоъҳои байниқавмӣ оварда расонад.

Аз ин рӯ, таҳким ва рушди ҳувияти миллӣ дар баробари таъмини озодиҳои шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлатҳои муосир маҳсуб меёбад. Танҳо дар чунин шароит метавон заминаҳои устувори суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намуд.

Ҳувияти динӣ низ дар ҷаҳони муосир аҳаммияти назаррас дорад. Дар бисёр кишварҳо омилҳои динӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири назаррас мерасонанд. Бо вуҷуди ин, сиёсишавии аз ҳад зиёди дин метавонад ба афзоиши радикализм, маҳдуд гардидани озодиҳои демократӣ ва шиддат гирифтани ихтилофоти байнидинӣ мусоидат намояд.

Дар чунин шароит давлати дунявӣ ҳамчун шакли ташкили сиёсӣ, ки тавозунро миёни шаклҳои гуногуни ҳувият таъмин менамояд, нақши махсус касб мекунад. Дунявият барои ҳамзистии осоиштаи гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ ва динӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, озодии виҷдон ва баробарии

шаҳрвандонро новобаста аз мансубияти диниашон кафолат медиҳад. Бетарафии давлат дар соҳаи дин ба механизми муҳими пешгирии сиёсишавии ихтилофоти динӣ ва ҳифзи суботи иҷтимоӣ табдил меёбад. Дар натиҷа, давлати дунявӣ ҳамчун омили муҳими таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ, таҳкими ваҳдати шаҳрвандӣ ва нигоҳдории суботи сиёсӣ дар ҷомеаҳои муосир арзёбӣ мегардад.

**Адабиёт**

1. Анникова В. А., Радусинович М. Этнические конфликты на территории бывшей Югославии // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Социология. – 2015. – Т. 15. – № 4. 139. [манбаи электронӣ]. URL: https://journals.rudn.ru/sociology/article/view/6142/5595 (санаи муроҷиат: 20.05.2026).

2. Карпов А. О. Роль религии и религиозных организаций в формировании национальной идентичности и стабильности современной России // Огарёв-Online. – 2024. – Т. 12. – № 4. [манбаи электронӣ]. URL: https://ogarev-online.ru/2311-2468/article/view/260418/239177 (санаи муроҷиат: 25.05.2026).

3. Лаицизм [манбаи электронӣ]. – URL: https://kartaslov.ru/карта-знаний/Лаицизм (санаи муроҷиат: 01.04.2026).

4. Borowik I. The Roman Catholic Church in the Process of Democratic Transformation: The Case of Poland // Current Sociology. – 2002. – Vol. 49. – No. 2. [манбаи электронӣ]. URL: https://journals. sagepub.com/ doi/ 10.1177/0037768602049002008 (санаи муроҷиат: 10.05.2026).

5. Casanova J. Public Religions in the Modern World. – Chicago: University of Chicago Press, 1994. [манбаи электронӣ]. URL: https://ru.scribd.com/document/390125717/Public-Religions-in-the-modern-world. (санаи муроҷиат: 15.05.2026).

6. Huntington S. P. The Clash of Civilizations and the Remaking of World Order. – New York: Simon & Schuster, 1996.

7. Sarıhan A. Sovereign Islam in Türkiye: The Political Instrumentalization of Religion Under Atatürk and Erdoğan [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.semanticscholar.org/paper/Sovereign-Islam-in-Türkiye%3A-The-Political-of-Under-Sarıhan/ 046b23 ecd 3bf0d80ff 4195d 48c 9d522f5634f73e (санаи муроҷиат: 21.05.2026).

**Меҳр СОБИРИЁН**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми назди Раёсати АМИТ*

# ДАВЛАТ-МИЛЛАТҲО: ЗАРУРАТИ ПАЙДОИШ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР РУШДИ ҶОМЕАҲОИ МУОСИР

*(Гузориши масъала)*

Рушду пешрафти ҷомеа ва саодату хушбахтии мардум аз давлати қавиву муваффақ вобаста мебошад. Дар ҷаҳони пур аз рақобату бархурдҳо маҳз давлати қавӣ аст, ки манфиатҳои мардуми худро ба дурустӣ шинохта, онҳоро ҳифзу ҳимоя менамояд. Дар як давлати заиф на амнияти устувор таъмин аст ва на рушди иқтисодии дарозмуддат. Аз ин ҷост, ки миллатҳои ба худшиносӣ расида, давлати худро дар баробари дигар кишварҳо қавӣ месозанд ва дар якҷоягӣ манфиатҳои фардиву миллиро ҳимоя мекунанд. Шакли давлатдории барои худ хосро интихоб намуда, қудрати воқеиро ба дасти мардуми худшинос месупоранд. Ба ибораи дигар, машруиятбахшии ҳукуматро ба мардум вогузор мекунанд, чунки демократияи воқеӣ ва рушди иқтисоду соҳибкории рақобатпазир танҳо дар шароити ҳукмронии мардум имконпазир мебошад.

Новобаста аз он ки як давлат шоҳигарӣ, парлумонӣ ва ё ҷумҳуриву президентӣ аст, ҳукмронӣ метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад. Он метавонад шоҳигарӣ бошад, вале қудрати асосӣ дар дасти мардум бошаду дар он кишвар низоми демократӣ ҳукмфармо бошад. Ё як давлат худро ҷумҳуриву президентӣ эълон карда, метавонад дар асл, ҳукумати ғайридемократии авторитарӣ, теократӣ ё яккаҳукмронӣ дошта

бошад. Шаклу низоми давлатдорӣ баёнгари демократӣ будани як давлат шуда наметавонад. Дар дасти кӣ будани қудрат нишондиҳандаи асосӣ дар муайян кардани демократӣ будани як давлат аст.

Як давлат метавонад миллӣ бошад ва давлати миллӣ ба ҳисоб равад, агар раҳбарони он намояндаи ҳамон миллат бошанд ва баҳри ҳифзу ҳимоя ва рушду тавсеаи фарҳангу ҳувияти миллии худ талош варзанд. Дар айни замон, давлат метавонад демократӣ, яккаҳукмронӣ ва ё авторитарӣ бошад, вале дар чунин ҳолат он ҳанӯз давлат-миллат нест. Танҳо пас аз вогузории қудрати асосии таъйинкунанда ба ҳамон миллат он давлат-миллат мешавад. Се шохаи асосии ҳукумат дар як давлат-миллат (иҷроӣ, қонунбарор ва судӣ) дар назди мардум ва қонуни асосии тавассути ҳамон миллат қабулшуда ҷавобгар буда, ба ихтиёри худ наметавонанд қонуни асосиро тағйир дода, манфиатҳои шахсиву гурӯҳии хешро пиёда созанд. Ин аст, ки раҳбарон дар як давлат-миллат кушиш мекунанд, беҳтарин шароитро барои рушди демократия ва иқтисод муҳайё созанд, то тариқи гирифтани райъи мардум ба ҳукумати худ машруияти бештар бахшида, муҳлати ҳукмронии худро тамдид намоянд.

Аз ин гузашта, барои ташкили давлат-миллат шарт нест, ки ҳамаи аҳолӣ намояндагони як миллат бошанд. Як миллати аксарият метавонад онро ташкил намояд ва шароити мусоидро барои кору фаъолияти миллатҳои дигар низ муҳайё созад. Вақте ҳукумат дар назди як гурӯҳи аксарият ҷавогарӣ эҳсос мекунад, қонуну қоидаҳои созгор барои пешрафти кулли аҳолӣ роҳандозӣ менамояд. Инро мо дар мисоли шаҳри Ногалес дида метавонем, ки аҳолии он барандагони як фарҳанг буда, дар як шароити ҷуғрофӣ зиндагӣ мекунанд, аммо як қисми он дар Мексика ва қисми дигари он дар ИМА ҷойгир мебошанд. ИМА шароити хуби кору фаъолият ташкил кардааст ва аҳолии

қисмати амрикоии ин шаҳр сатҳи зиндагии бамаротиб беҳтар, нисбат ба қисмати мексикоии он, дорад (ниг.: gundishopur.tj/post/Тақриз/dar-ustu-i-omil-oi-rushd).

Пеш аз пайдошавии давлат-миллатҳо дар асрҳои XVI-XVII, ҳукумат ба дасти афроде буд, ки мушруияти онҳо аз мардум сарчашма намегирифт ва аҳолӣ ҳамчун раият зери итоати комили ҳоким буд. Чунин давлатҳо 7 намуди ҳукмронӣ доштанд: ҳукумати фардӣ, теократия, шаҳр-давлат, олигархия, ҳукумати ҳарбӣ, ҳукумати қабилавӣ ва империя. Функсияи асосии чунин як ҳукумат таъмини сулҳу тартибот тариқи қазоват дар бархурдҳо ва роҳандозии қонуну қоидаҳое буд, ки чунин нофаҳмиҳову бархурдҳоро бартараф месохтанд. Роҳандозии чунин низом танҳо дар ҳолате имконпазир мешуд, ки машруияти ҳоким аз раият набошад. Машруияти ҳоким дар чунин як давлат бебаҳс мешуд, то коршоям ва самаранок бошад, машруияти зери суолрафта қобили қабул набуд ва метавонист тартиботро вайрон сохта, то ҷангу хунрезиҳо кашонад(1, 3).

Ҳукумати фардӣ ба як шахс вобаста буда, дар асоси донишу ҷуръати вай рушд мекард ё таназзул меёфт. Чунин ҳукумат барои мардуми оддӣ хушбахтӣ оварда наметавонист, чунки раият ҳамеша дар хизмати раҳбарон буд ва танҳо хоҳишу ҷоҳталабии раҳбарон аҳамият дошт. Раият танҳо барои зинда мондану арзиш офаридан аҳамият дошт. Агар дар як давраи кутоҳ як шахси вораста ба ҳукумат мерасид, давлат рушд мекард ва манфиатҳои мардум то дараҷаи муайян ҳимоя мешуд. Аммо дере нагузашта ворисони вай аҳамияти саодати мардумро дарк накарда, ҳукумати худкома ташкил мекарданд ва сутунҳои давлатдориро заиф ва мардумро бадбахт мекарданд. Дар натиҷа, давлат аз ҷониби неруҳои дигар аз дохил ё хориҷ шикаст дода мешуд. Ҳукумати фардӣ дар беҳтарин ҳолат барои як муддати кутоҳ ё як муддати гузариш

самаранок буда метавонад, аммо дар дарозмуддат ҳамеша шикаст мехурад. Ҳатто дар бисёр маврид аз ҳамон оғоз кори дурусте карда наметавонад, агар раҳбари вораставу соҳибиродаву хирадмеҳвар надошта бошад. Таърих гувоҳ аст, ки дар бештар маврид раҳбарони ҳукуматҳои фардӣ вораставу соҳибиродаву хирадмеҳвар набуданд.

Теократия шакли бадтарини ҳокимият дар тули таърих буд. Дар чунин ҳукумат қонуну қоидаҳо барчаспи муқаддасу осмонӣ мегиранд, ки ҳар ҷинояти зиддибашарӣ аз номи Худо рӯйпуш мегардад. Дар натиҷа, низомҳои теократӣ дар тули таърих аз ҷумлаи бадтарин низомҳо буда, миллиардҳо инсони бегуноҳро қурбони аҳдофи сиёсиву иқтисодии хеш кардаанд. Ҳатто мардуми қурбонишуда низ муборизаи ҷиддие дар баробари низомҳои теократӣ намебаранд, чунки онро тақдир ва ғазаби Худо унвон карда, муҷримони асосиро нодида мегиранд. Имрӯз ҳам низомҳои теократӣ дар ҷаҳон вуҷуд доранд, ки ваҳшатноктарин сиёсатро пиёда мекунанд ва ҳамоно имкони ҳамкориву тиҷоратро бо кишварҳои дигар нигаҳ медоранд.

Шаҳр-давлатҳо дар ду давраи таърихӣ тавонистанд рушд кунанд. Яке дар Аврупои қадим ва дигаре асрҳои миёна ва боз ҳам дар ҳамон Аврупо. Дар Ғарби Аврупо дар асрҳои миёна, вақте Руми Ғарбӣ шикаст мехурад ва Руми Шарқӣ минтақаро аз ҳуҷумҳои ваҳшиёна аз Шарқ ҳимоя мекунад, шаҳр-давлатҳо рушд мекунанд. Онҳо дар асоси тиҷорати хориҷӣ рушди иқтисодии худро ба роҳ монда, як қишри аҳолии сарватманду рискпазирро ба вуҷуд меоранд. Ин қишр намегузорад, ки кадом як худхоҳе худро ҳокими мутлақ эълон намуда, тамоми умури давлатдорӣ ва қоидаҳои зиндагиро аз рӯйи табъи нозуки хеш муайян кунад. Балки ҳама қабули қонуну қоида ва ҳалли баҳсҳо дар асоси раъйи умумии ҳамон қишри сарватманд сурат мегирифт ва ҳеч як худкомае наметавонист ҳамаро аз худ карда,

тибқи табъи нозуки хеш ҳукмронӣ намояд. Бо вуҷуди ин, шаҳр-давлатҳо давлат-миллат ҳисоб намешаванд, чунки ҳудуди умумии як миллатро дар бар намегирифтанд ва ҳаргиз қудрати ҳарбии қавӣ надоштанд, ки худро аз ҳуҷуми империяҳо ҳифз намоянд.

Олигархияҳо дар шароите ба вуҷуд меомаданд, ки дар як низоми шоҳигарӣ раҳбари аввал заиф аст ва як ҷамъияти дигар атрофи ӯ ҷамъ шуда, тамоми қонуну қоидаҳои кору зиндагиро ба манфиати гурӯҳии хеш муайян мекарданд. Ё як гурӯҳ ҳукуматро ғасб мекард, вале аъзои қудратманде надошт, ки яккаҳукмрониро роҳандозӣ кунад. Онҳо ҳукумати олигархиро роҳандозӣ намуда, манфиатҳои гурӯҳии хешро пайгирӣ менамуданд. Ин низом низ ба мисли низоми ҳукумати фардӣ рушди устувор надошт ва пас аз муддате рӯ ба таназзул ниҳода, нобуд мегардид.

Ҳукумати ҳарбӣ дар ду садсолаи охир пайдо гардид. Албатта, пеш аз ин ҳам ҳарбиён низомҳои мавҷударо шикаст дода, ҳукуматро соҳиб мешуданд, вале яке аз онҳо дарҳол худро шоҳ, амир ва ё хон эълон намуда, ҳукумати фардӣ роҳандозӣ мекард. Аммо дар ду асри охир ҳукуматҳои ҳарбӣ метавонанд муддати зиёд, бе эълон намудани низоми давлатдорӣ раҳбарӣ намоянд. Дар баъзе ҳолат, онҳо интихоботу райъпурсӣ ба роҳ монда, худро ҳамчун раҳбарияти интихобнамудаи халқ машруият мебахшанд. Дар баъзе мавриди дигар солҳо бе гузаронидани чунин маъракаҳои интихоботӣ ҳукмфармоӣ менамоянд.

Ҳукумати қабилавиро намояндагони як қабила дар минтақаи маҳдуд роҳандозӣ намуда, тибқи расму русуми қабилаи худ ҳукмрониро ба роҳ мемонанд. Ин тарзи ҳукмронӣ аз оғози таърихи инсоният пайдо шуда буд, ки тадриҷан мавқеи худро аз даст дод. Дар асри XXI ҳам ангуштшумор аз онҳо вуҷуд дорад. Қабилаҳо тадриҷан аз ҷиҳати ҳарбӣ қудрат гирифта, давлатҳои ҳамсояро тасхир мекарданд ва дар як давраи муайян

ба фарҳанги онҳо омехта шуда, ҳукумати фардӣ ташкил менамуданд. Раҳбари қабила қудратро ба даст гирифта, низомро раҳбарӣ менамуд. Лашкари қабила ҳамчунон асоси қувваҳои ҳарбӣ боқӣ мемонд, вале аз ҳисоби қавмҳои тасхиршуда низ лашкар таъсис дода мешуд, то идораи давлат осонтар шавад (1, 38).

Империя ҳудуди васеъро дарбар мегирифт, ки дар он намояндагони чандин қавму миллатҳои аз ҳам фарққунанда зиндагӣ мекарданд ва тобеи як ҳукумати марказӣ буданд. Азбаски дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна дороии асосии як давлат замин, аҳолӣ, захираҳои табиӣ ва тиҷорат буд, империяҳо кӯшиш менамуданд сарзаминҳои бештареро забт кунанд ва даромади хешро зиёд намоянд (1, 29). Онҳо дар ҳолати коршоям будани худ шароити амнеро барои рушди иқтисод, тиҷорат ва фарҳанги миллатҳои тобеи хеш фароҳам меоварданд, ки ба онҳо машруият мебахшид. Албатта, на ҳар империя аз уҳдаи чунин кор мебаромад ва дар натиҷа ё машруиятро аз даст дода, аз дохил тавассути миллатҳову волиҳои норозӣ шикаст дода мешуд ва ё камшавии даромаду фасоди идорӣ онҳоро заиф месохт ва давлатҳои дигар дар ҷанг онҳоро шикаст медоданд.

Ҳамаи ин ҳукуматҳои зикргардида як вижагии асосии муштарак доштанд. Дар онҳо қонуну қоидаҳои кору зиндагӣ аз ҷониби як нафар ва ё теъдоди маҳдуди афроди сарватманд роҳандозӣ мегардиданд. Ин шаклҳои ҳукмронӣ масунияти кофие барои пешгирии фасодзадагӣ надоштанд. Аксари мардум дер ё зуд аз худхоҳиву фасодзадагии раҳбарон ба дод омада, ё шуриш мебардоштанд ва ё ба дигар минтақаҳо ҳиҷрат мекарданд. Аз гуруснагӣ, ҷангҳо ва ё ваҳшигарии қудратмандон миллионҳо инсон ҷони худро аз даст медод. Шакли дигари ҳукмронӣ лозим буд, то масунияти  бештар дар баробари худхоҳиву фасодзадагӣ дошта бошад ва шароити беҳтареро

барои кору фаъолият ва адолат барои бештари мардум фароҳам оварда тавонад. Давлат-миллат дар асрҳои XVI-XVII дар асоси ҳамин зарурат пайдо шуда, исбот намуд, ки масунияти бештар дар ин ҷода дорад.

Дар як давлат-миллат раҳбар дигар машруияти худро на танҳо бо таъмини амнияти нисбӣ барои кору зиндагии раият ва розӣ намудани кадом як гурӯҳи хурди сарварони мазҳабӣ ё ҷамъи дӯстону пайвандони худ, балки аз миллат мегирифт. Ӯ дигар дар ҷорӣ намудани қонуну қоидаҳо дар назди миллат ҷавобгарӣ дошт ва танҳо бо розигии онҳо метавонист онҳоро тағйир диҳад, масалан, андозҳоро зиёд кунад. Ин раванди тағйири машруиятбахшӣ ва ҷавобгарӣ дар назди миллат зина ба зина иҷро мешуд. Ҳоким нахуст дар назди қишре аз миллат ҷавобгар мешуд, ки арзиши иловагии бештаринро ба иқтисод ворид менамуданд – заминдорони асосӣ, тоҷирони калон ва сармоядорон. Агар ин ҷавобгар будан самаранок буд ва дороии миллӣ зиёд шудан мегирифт, он қишрҳои васеътари аҳолиро дар бар мегирифт, то замоне ки демократияи комил ба даст меомад. Ин раванд дар баъзе кишварҳо бо осонӣ ба даст меомад, вале дар аксари кишварҳо бо ҷангҳои дохилӣ, шуришҳо ва инқилобҳои хунин ҳамроҳ буд (1,41).

Нахустин давлат-миллатҳо дар Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омаданд. Ба қавли Антонӣ Пик, ду омили асосӣ шароитро барои пайдо шудани онҳо фароҳам овард: (1) Империяи муқаддаси Рум заиф шуда буд ва наметавонист дигар ҳукмронии пурраи давлатҳо дар ғарби худро роҳандозӣ намояд ва ҳамзамон, ин давлатҳоро аз ҳуҷумҳои империяҳои шарқӣ ҳифз мекард (2). Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ аз ин шароит истифода бурда, тиҷорати байналмилалиро пурзур намуда, бойигарии миллии хешро бамаротиб зиёд намуданд. Монархияҳо низ аз ин раванд манфиат гирифта, онро дастгирӣ

менамуданд ва вобастагии худро аз соҳаи камсамари кишоварзӣ кам мекарданд.

Рушди иқтисодӣ тариқи тиҷорати хориҷӣ феодализмро, ки асрҳо дар Аврупои Ғарбӣ ҳукмрон буд, заиф сохт. Дигар кулли аҳолӣ моли гурӯҳе аз ашрофзода набуд ва озодона ба шаҳрҳо куч баста метавонист, то ба корҳои наву тиҷорат машғул шуда, бойигарӣ ба даст оварад. Ин боиси пайдоиши синфи миёна гардид, ки дигар ҳақталабӣ карда метавонист ва ҳукумати мутлақро қабул намекард. Ҳокимоне буданд, ки ин тағйироти бунёдиро дар ҷомеаи худ сари вақт дарк намуда, дар монархияи худ парлумон ташкил карданд ва мардум тариқи намояндагони худ имкон пайдо намуд, ки дар идораи давлат саҳмгузор шаванд ва ин дигар давлат-миллат буд. Аввалин давлат-миллат дар шоҳигарии Нидерландия ба вуҷуд омад, ки ба рушди он такони ҷиддӣ бахшида, барои ду садсола онро пешсафи ҷаҳон гардонид. Дуюм Британия буд, ки баъди кӯшишҳои зиёд дар нимаи дуюми асри XVII тавонист давлат-миллат сохта, саранҷом ҷаҳонгир шавад. Мутаассифона, на ҳама раҳбарон зарурати ислоҳоту қудрати мардумро сари вақт дарк намуданд ва ҳукумати онҳо бо роҳи инқилобҳову шуришҳои хунин нобуд мешуд. Намунаи машҳури он Фаронса мебошад, ки дар охири асри XVIII низоми шоҳӣ дар он бо роҳи инқилобу хунрезӣ барҳам дода шуд. Баъдан, Чин, Русияи Подшоҳӣ, Аморати Бухоро ва даҳҳо ҳукумати дигар бо ҳамин роҳи инқилобҳо аз миён рафтанд.

Таъсиси давлат-миллат гузариши машруиятро аз ҳокиме, ки дар назди раияти худ ҳисоботдеҳ набуд, ба ҳокиме, ки дар назди миллат масъулият дорад, тақозо мекард. Ин раванд дар давраи зиёдшавии сарват дар пайи беҳтар шудани технология дар соҳаҳои кишоварзӣ, тиҷорат ва саноат ба вуҷуд омад, ки ҷомеаи шаҳрвандиро шакл дод. Ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути забон, дин, созмонҳои муштараки иҷтимоӣ ва таҷрибаву манофеи

ҳамсон ба дунболи ҳувияти ҷамъии худ рафт ва ба ин тартиб, ба як миллат табдил ёфт. Ҳар як давлат-миллат аз се марҳила мегузарад:

Марҳалаи I: Ташаккули як миллат (миллият) дар чаҳорчӯби як давлати дорои марзҳои дақиқ муайяншуда ва мутамаркази пешазмиллӣ.

Марҳалаи II: Гузариши машруият аз ҳоким ба миллат бо ташаббуси худи ҳоким ва ё тавассути кадом як шакли шӯриш ва инқилоби хунин.

Марҳалаи III: Танзими ин машруият тавассути қабули Сарқонун, ки дар асоси он ҳукумат метавонад таъйин ва барканор шавад, салоҳиятҳои он мавриди баҳсу тасдиқ қарор гирифта, маҳдуд шавад ва ҳам ҳукумат ва ҳам шаҳрвандон тобеи қонун бошанд (1, 3).

Барои ташаккули ҳувияти миллӣ як ҳукумати фардӣ ё ҳарбӣ ва ё дигар сохтори ғайридемократии қавӣ зарур буд, то тавонад сулҳу оромии нисбиро таъмин намояд ва дар заминаи он иқтисоду фарҳанг рушд карда, адабиёту фарҳанги миллӣ ва ҳофизаи таърихии аҳолӣ тақвият ёбад. Синфи миёнаи қавӣ пайдо шуда, ҷомеаи шаҳрвандиро шакл дода, қавӣ гардонад. Бе тақвияти ин унсурҳо як давлат ё ҷомеа наметавонист ба марҳилаи дуюм гузарад ва қудрати кофӣ барои муқобилият дар баробари қудратҳои дигар дошта бошад.

Дар натиҷаи болоравии ҳувияти миллӣ ва фишорҳои пайдарпайи дохиливу хориҷӣ зарурати гузариш ба марҳалаи дуюм ба миён меояд. Агар раҳбар ин воқеиятро ба дурустӣ дарк мекард ваислоҳот гузаронида машруиятро ба миллат вогузор намуда, намояндагони онро дар парлумон ҷой дода, масъалаҳои умумимиллиро бо машварат ва иҷозати онҳо баррасиву ҳал мекард, давлат ба марҳилаи нави рушд ворид гашта, қавӣ мегашт. Аммо агар худкомагӣ аз ҳад зиёд буд ва толибони ислоҳоту гузариш ба марҳалаи дуюм таҳдид, таъқиб

ва кушта мешуданд, давлат рӯ ба таназзул оварда ё аз дохил тавассути инқилобу шуришҳо ва ё аз берун ба ҳуҷумҳо рӯ ба рӯ шуда аз миён мерафт. Ин ҷо мисоли равшан метавонад таҷрибаи ислоҳотталабии Аҳмади Дониш дар Аморати Бухоро бошад.

Вогузории машруият ба миллат охири кор нест. Агар дар як давраи кутоҳи баъди гузариш ба марҳалаи ду, ҷомеа ба марҳалаи се нагузарад ва як Сарқонуни мукаммалро қабул намуда, дар амал татбиқ накунад, дар он анархия метавонад ба вуҷуд омада, харобиҳои зиёд оварад. Тобеияти бечунучарои давлатмардону шаҳрвандон дар назди Сарқонун шароити хуберо барои рушди давлатдорӣ, иқтисод, фарҳангу ҳунар ва таъмини беҳтари амният фароҳам меоварад. Ин буд, ки ҳукуматҳое, ки ин зинаҳоро сари вақт гузашта тавонистанд, боқӣ монданд ва рушди устувор доштанд, вале ҳукуматҳое, ки онро дарк накарданд ва нагузаштанд, дар фасоди густарда ғутида, бо ҷангҳову инқилобҳои хунин рӯ ба рӯ гашта, ба ватани худ фоҷеа оварданд.

Пайдоиши давлат-миллатҳо дар Аврупо бар асоси ҳаракатҳои миллигароёнаи қавӣ бо ғояҳои мушаххас набуд. Баҳс сари машруият, ки бо сабаби заифии монархияҳое, ки ба буҳрон гирифтор шуда буданд, сабаб шуд, ки раванди гузариши онҳо ба низоми нав шуруъ шавад. Ҳамчунин, паҳншавии ақидаҳои равшангарӣ саҳми худро дар ин раванд дошт (3, 1140).

Паҳншавии босуръати ақидаҳои равшангарӣ дар Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои XVII-XVIII дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва дарки ҷойгоҳи инсон дар ҷомеа нақши барҷаста гузошт. Дар ин замина аҳли таҳқиқ, ғолибан бар ин назаранд, ки: "Файласуфон муваффақ шуданд тарзи тафаккури миллионҳо нафарро дар бораи дин, иқтисод, сиёсат, равоншиносӣ, адабиёт, ҳунар, мусиқӣ, илм, улгуҳои рафторӣ ва ҳатто сиришти воқеият

тағйир диҳанд. Онҳо ҳамчунин ба фароҳам овардани замина барои инқилобҳои демократӣ дар Амрико ва Фаронса кумак карданд" (4, 12). Ин ақидаҳо дар баробари пурзур шудани ҷомеаи шаҳрвандӣ неруеро фароҳам оварданд, ки ҳокимони як қисм давлатҳо маҷбур шуданд, то аз қудрати мутлақ даст кашида, намояндагони мардумро дар Парлумон ҷой диҳанд ва дар назди онҳо ҷавобгар бошанд. Дигар шароит чунин буд, ки ҳар ҷомеае, ки ин корро пештар мекард, қавитар мешуд ва ҳар кӣ ба таъхир мегузошт, заифтар мешуд. То имрӯз ин раванд идома дорад ва ҳанӯз ҳам баъзе кишварҳо натавонистаанд се марҳилаи номбаршударо гузаранд.

Бояд ёдовар шуд, ки инқилоби протестантӣ, ки ба ислоҳоти дини насронӣ дар Аврупо оварда расонд, яке аз сабабҳои аслии дигари рушди давлат-миллатҳо буд. Дар воқеъ, ин ҷараён ба иродаи мардум таъсири мусбӣ расонида, раҳбарии муқаддаси Калисои Католикро зери суол бурда, ба рушди ҷомеаи шарвандӣ кумак намуд (1, 42). Дар зимн, ин ислоҳоти динӣ ба осонӣ ба даст наомад ва ҷангҳову хунрезиҳои зиёде дар пай дошт, вале саранҷом пирӯз шуд ва ба қавли Марк Ройс: "Давлат-миллат дар Аврупои Ғарбӣ ҳамчун афзори ҷангии ҳаракати протестантӣ дар ҷангҳои динӣ пайдо шуда буд"(6).

Рушди босуръати пешсафон дар гузариш ба давлат-миллат зарурату аҳамияти ин шакли ҳукуматро дар сатҳи ҷаҳонӣ зиёд намуд. Таҷриба нишон дод, ки ин шакли ҳукумат дар баробари фасодзадагиву худхоҳӣ ва гурӯҳбозиҳо масунияти беҳтар дорад. Дар доираи он тиҷорату истеҳсолот рушди босуръаттар дошта, ҷомеаро аз ҳама ҷиҳат қавӣ мегардонад. Миллатҳои пешсаф дар ин ҷода тавонистанд, бо истифода аз имкониятҳои як давлат-миллат худро аз ҷиҳати иқтисодиву ҳарбӣ бамаротиб қавӣ сохта, кишварҳои дигарро тасхир намуда, мустамликаи худ созанд. Барои зинда мондану озод будан миллатҳои дигар маҷбур буданд таҷрибаи онҳоро омӯзанд ва дар қаламрави хеш

татбиқ намоянд. Дар як қисми кишварҳо ин ислоҳот бе инқилобҳои хунин гузаронида шуда, монархияҳо ба таври рамзӣ то имрӯз боқӣ монданд (Нидерландия, Британия, Ҷопон). Дар баъзе кишварҳои дигар низомҳои мавҷуда бо роҳи шуришу инқилобҳои хунин сарнагун шуда, давлат-миллатҳо ташкил шуданд (Фаронса, Чин). Кишварҳои дигар баъди шикасти империяву мустамликадорони ғосиб истиқлол ба даст оварда, тавонистанд давлат-миллат созанд (ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Мексика, Африқои Ҷанубӣ ва ғайра). Мутаассифона, гурӯҳи дигаре аз кишварҳо то ҳол вуҷуд дорад, ки бо вуҷуди марзи муайян ва захираҳои табиию зеҳнӣ доштан натавонистанд давлат-миллат сохта, қудрати асосиро ба дасти мардум супоранд, ки аксари онҳо имрӯз аз ҷиҳати илму навоварӣ нисбатан ақибмонда ҳастанд (Кореяи Шимолӣ, Филипин, Мянмар, Эрон, Яман ва ғайра).

Раванди таъсиси давлат-миллатҳо зиёда аз 300 сол боз идома дорад, вале ҳанӯз кишварҳои зиёде натавонистаанд се марҳилаи гузариш ба онро аз сар гузаронанд. Сабабҳои ақибмондагӣ зиёданд, вале асоситарини онҳо тақвият наёфтани ҳувияти миллӣ мебошад. Ҳувияти миллӣ дар чанд асри охир беҳтарин воситаи ба ҳам овардани намояндагони як миллат мебошад, то тавонанд манфиатҳои миллии худро ҳимоя намуда, монеаҳои дохиливу хориҷиро аз роҳи рушди ҷомеаи худ бардоранд. Дар ҳолати қавӣ шудани ҳувияти миллӣ талабот ба ислоҳот ва вогузор кардани машруият ба миллат зиёд мегардад. Агар раҳбарон вораставу соҳибиродаву хирадманд бошанд, ин талаботро ҷиддӣ гирифта, сари вақт ислоҳотро ҷорӣ мекунанд ва се марҳиларо мегузаранд. Дар акси ҳол, ё гузариш ба давлат-миллат бо роҳҳои инқилобу хунрезиҳо ба даст меояд ва ё бадтар аз он, ислоҳталабон бераҳмона саркуб шуда, ҷомеа дар ҳолати карахтиву ақибмондагии нисбӣ боқӣ мемонад, ки хатари исёнҳову инқилобҳои навбатӣ доимо дунболагири он мебошад.

Ҳар як миллате дер ё зуд маҷбур аст, дар марзҳои худ давлат-миллат таъсис диҳад ва машруиятро ба дасти намояндагони мардум супорад. Ҳар раҳбаре, ки инро дарк намуда, ихтиёран шароитро барои гузариш аз се марҳалаи номбаршуда муҳайё намуда, барои миллати хеш давлат-миллат сохта, онро ба пайраҳаи рушди устувору амн ворид месозад, бешак то абад қаҳрамони ҳамон мардум хоҳад монд.

### Адабиёт


1. Anthony C. Pick, The Nation State, 2016. https://eclass.uoa.gr/modules/document/file.php/LAW215/2017-18/Pick%20-%20Nation%20State.pdf
2. Hatidža Beriša, Katarina Jonev Ćiraković, Aleksandar Ćiraković. THE CAUSES OF THE EMERGENCE OF FAILED STATES https://eskup.kpu.edu.rs/dar/article/view/507
3. Eric Storm, The rise of the nation-state during the Revolution: Revisiting the debate on the roots of nations and nationalism. Institute for History, Leiden University, Leiden, The Netherlands, 2022.
4. Дан Ҷон М. Асри равшангарӣ. Тарҷумаи Маҳдӣ Ҳақиқатхоҳ. –Теҳрон: Қақнус, 2004.
5. Lars Magnusson. Nation, State and the Industrial Revolution. 270 Madison Avenue, New York, 2009.
6. Mark R. Royce, The Nation-State as Guarantor of the Protestant Religion. https://providencemag.com/2019/02/nation-state-guarantor-protestant-religion/

**С.А.СУДУРОВ**
*ходими калони илмии шуъбаи ИДМ - и*
*Институти омӯзиши масъалаҳои*
*давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## ФЕНОМЕНИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ҲУВИЯТСОЗӢ ВА АМНИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ТОҶИКИСТОН

Равандҳои мураккаби геополитикии охири асри XX ва оғози асри XXI собит месозанд, ки устувории сохтории давлатҳои миллӣ мустақиман ба сатҳи ҳамбастагии дохилӣ ва масунияти мафкуравии ҷомеа вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз касби Истиқлолияти давлатӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, Ваҳдати миллӣ на танҳо як падидаи сиёсию дипломатӣ, балки меҳвари калидии ҳастии миллат ва бозсозии низоми давлатдорӣ гардид. Таҳлили амиқи ин масири мураккаби хронологӣ нишон медиҳад, ки модели сулҳофаринии Тоҷикистон дар сиёсатшиносии муқоисавӣ ва амалияи байналмилалии ҳалли низоъҳо соҳиби мақоми хос ва беназир аст. Ин нодирии моделро метавон дар се меҳвари асосии ниҳодӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ хулоса ва таҳлил намуд.

Яке аз хусусиятҳои калидии модели сулҳи Тоҷикистон, унсури инклюзивӣ ё фарогирии иҷтимоии он мебошад. Раванди оштии миллӣ танҳо бо муоҳидаҳои сатҳи болоии элитаҳои сиёсӣ маҳдуд нагардида, балки заминаҳои васеи ҷомеаро фаро гирифт. Тавассути ниҳодҳои шаҳрвандӣ, аз ҷумла созишномаҳои таърихии «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» (ин ҳуҷҷати сиёсию ҳуқуқӣ 9 марти соли 1996 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд) ва таъсиси «Шӯрои ҷамъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (9 апрели соли 1996), гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба

ин раванд ворид карда шуданд. Мақсади таъсиси ин ниҳодҳо даст кашидан аз зӯроварӣ барои расидан ба ҳокимият, эътирофи Конститутсия ва эҷоди заминаи муколамаи озод буд. Ин равиш пахнои иҷтимоии сулҳро таъмин намуда, кафолат дод, ки созишномаҳои сиёсӣ аз ҷониби гурӯҳҳои васеи мардум дастгирӣ ёбанд ва сулҳ ба як ҷараёни умумимиллӣ табдил ёбад.

Ҳамзамон, қонунияти сохторӣ ва гузариши легитимии ҳуқуқӣ устувории давлатро ҳифз намуд. Вижагии калидии модели сулҳи тоҷикон дар он аст, ки тамоми қарору созишномаҳои Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) берун аз фазои ҳуқуқии кишвар намонданд. Ин ҳуҷҷатҳо тавассути Парламенти расмии кишвар баррасӣ, тасдиқ ва қонунӣ (легитимизатсия) карда мешуданд. Ин механизми ҳуқуқӣ фалаҷ шудан ва фурӯпошии сохтори конститутсионӣ ва низоми қонунгузории давлатро пешгирӣ намуд. Ҳокимият тавонист устувории институтсионалии худро ҳатто дар давраи гузариши шадиди сиёсӣ ҳифз кунад.

Дар амалияи ҷаҳонии ҳалли низоъҳои дохилӣ, одатан танҳо модели «демобилизатсия», яъне халъи силоҳ ва пароканда кардани оппозитсияи мусаллаҳ истифода мешавад, ки ин усул аксар вақт боис ба оғози мавҷҳои нави ҷанги чирикӣ (партизанӣ) мегардад. Тоҷикистон модели тамоман дигар ва нодир – ҳамгирои (интегратсияи) сохтории қисматҳои мусаллаҳи оппозитсияро ба вуҷуд овард. Ин раванд тавассути квотаи 30-фоиза ва ҳамгироии низомию сиёсии намояндагони оппозитсияи собиқ ба сохторҳои расмии ҳукуматӣ, мақомоти иҷроия ва ниҳодҳои қудратӣ амалӣ шуд. Аз нуқтаи назари таъсири стратегӣ, ин иқдом иқтидори деструктивии (харобиовари) низомиро ба низоми конструктивии (бунёдкоронаи) давлатсозӣ табдил дод ва хатари дубора сар задани ҷанги шаҳрвандиро аз байн бурд. Маҳз ҳамин заминаи устувор ва мутавозини ниҳодӣ имкон дод, ки Ваҳдати миллӣ аз

як ҳуҷҷати сиёсӣ-дипломатӣ ба меҳвари асосии суботи геополитикӣ, амнияти минтақавӣ ва рушди сохтории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI табдил ёбад.

Таҳлили равандҳои сиёсии ин марҳила нишон медиҳад, ки омили субъективии роҳбарӣ ва иродаи сиёсӣ дар гузариш аз марҳилаи низоъ ба марҳилаи сулҳ нақши ҳалкунанда дорад. Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ ва сипас Президенти кишвар, гардиши куллие буд, ки стратегияи давлатро аз мантиқи «ҷанг то пирӯзӣ» ба мантиқи «сулҳ тавассути мусолиҳа ва гузаштҳо» табдил диҳад. Иродаи сиёсии роҳбарияти Тоҷикистон дар чанд самти консептуалӣ зоҳир гардид:

1. *Кафолати амният ва авф:* Пешниҳоди авфи умумӣ барои иштирокчиёни низоъҳои сиёсӣ, ки унсури муҳимми боварии мутақобила гардид.

2. *Интегратсияи (ҳамгироии) сохторӣ:* Омодагӣ барои ворид намудани 30 фоизи намояндагони мухолифини (оппозитсияи) собиқ ба сохторҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ.

3. *Реинтегратсияи низомӣ:* Ворид намудани сохторҳои мусаллаҳи мухолифин ба сохторҳои расмии низомии кишвар, ки ин хатари такроршавии ҷангро аз байн бурд.

Аксари низоъҳои дохилии охири асри XX ва аввали асри XXI нишон медиҳанд, ки таҳмили моделҳои сулҳи беруна аксар вақт ба суботи дарозмуддат оварда намерасонад. Модели Тоҷикистон аз он сабаб муваффақ шуд, ки «соҳибияти раванди сулҳ» дар дасти худи тоҷикон буд. Ниҳодҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ва Созмони Амнияти Ҳамкории Аврупо (САҲА), ҳамроҳ бо кишварҳои кафил (Русия, Эрон, Қазоқистон, Узбекистон ва ғайра) нақши фасилитатор (осонсоз)-ро бозиданд, вале мазмуну муҳтавои созишномаҳо маҳсули тафаккур ва фарҳанги ниёгони миллати тоҷик буд. Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) ҳамчун як ниҳоди

муваққатии беназир, платформаи асосии институтсионалие гардид, ки дар он тамоми зиддиятҳо тавассути консенсус ҳаллу фасл мешуданд.

Таҷрибаи сулҳофаринии Тоҷикистон ба хазинаи дипломатияи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби нодири ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ ворид гардид. Меъмори асосии ин раванди таърихӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти фалсафӣ ва сиёсии ин пирӯзиро устувор ва нишонрас таъкид кардаанд, ки Ваҳдати миллӣ барои мо як калимаи оддӣ ё шиор нест, балки заминаи ҳаётан муҳиммест, ки ҳастии миллат ва устувории давлати моро кафолат медиҳад. Мо тавонистем аз болои кинаву адоват баланд шуда, манфиати умумимиллиро аз манфиатҳои гурӯҳӣ ва шахсӣ боло гузорем ва ин бузургтарин дарси таърихии ин раванд аст.

Роҳбарони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва сиёсатмадорони барҷастаи ҷаҳонӣ ин дастовардро баланд арзёбӣ кардаанд. Бутрос Бутрос-Ғолӣ (собиқ Дабири кулли СММ - 1992–1996) ишора карда буд, ки таҷрибаи Тоҷикистон саҳифаи наве дар хазинаи СММ мебошад, зеро дар он усулҳои анъанавии оштии миллӣ бо механизмҳои муосири байналмилалӣ синтези муваффақро ба вуҷуд оварданд. Ҳамчунин, Кофи Аннан (собиқ Дабири кулли СММ - 1997–2006) низ раванди сулҳи тоҷиконро ҳамчун намунаи беназири дипломатияи пешгирикунанда ва сулҳсозӣ дар таърихи муосир арзёбӣ карда, таъкид намуда буд, ки ин таҷриба имконияти компромисси сиёсиро ҳатто дар амиқтарин бухронҳо собит сохт.

Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин низ ба ин мактаби сулҳ баҳои баланд дода, қайд мекунад, ки Тоҷикистон тавонист аз яке аз мураккабтарин ва хунинтарин низоъҳои дохилӣ бо сарбаландӣ ва хирадмандии сиёсӣ берун ояд ва

модели оштии миллии он намунаи ибрат барои ҳалли дигар буҳронҳои минтақавӣ мебошад.

Коршиносони Пажӯҳишгоҳи сулҳи Амрико (USIP) низ бар он назаранд, ки «Формулаи сулҳи тоҷикон» ба далели ҳамкории мутавозини ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ устувор монд ва боис шуд, ки таъсироти берунаи деструктивӣ ба раванди сулҳ монеъ шуда натавонанд.

Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон низоми устувореро ба вуҷуд овард, ки кишварро аз як «минтақаи осебпазири амниятӣ» ба як субъект ва омили калидии таъминкунандаи амнияти геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ табдил дод. Дар шароити муосир, ки Осиёи Марказӣ ба майдони рақобати шадиди геополитикии бозигарони бузурги глобалӣ (Русия, Чин, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо) ва кӯшишҳои онҳо барои таҳкими нуфуз ва роҳандозии ҷангҳои гибридӣ ва инқилобҳои ранга табдил ёфтааст, Ваҳдати миллӣ ҳамчун сипари асосии масунияти дохилӣ хизмат мекунад. Танҳо суботи устувори сиёсии дохилӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар баробари фишорҳои беруна истодагарӣ кунад ва манфиатҳои миллии худро мустақилона ҳимоя намояд, на ин ки ба майдони ҷангҳои проксии қудратҳои бузург табдил ёбад.

Консолидатсияи идеологӣ (ҳамбастагии ғоявӣ) ва сохтории ҷомеа ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар имкон дод, ки тамаркузи худро ба мубориза бар зидди таҳдидҳои асимметрии муосир - терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва қочоқи трансмиллии маводи мухаддир равона созанд. Мавқеи геостратегии Тоҷикистон ва доштани марзи тӯлонии 1344-километрӣ бо Афғонистон нақши кишварро дар геополитикаи минтақавӣ муайян мекунад.

Дар шароити мураккабшавии вазъи сиёсию низомӣ дар Афғонистон, устувории дохилии Тоҷикистон аҳамияти байналмилалӣ пайдо менамояд ва кишвар имрӯз ҳамчун

форпост ва сипари боэътимоди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Осиёи Марказӣ баромад мекунад. Изҳороти қатъии роҳбарияти кишвар дар масъалаи Афғонистон - зарурати таъсиси ҳукумати фарогир бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои этникӣ - нишон медиҳад, ки ваҳдати дохилӣ ба давлат қудрати баён ва ҳимояи манфиатҳои миллиро дар сатҳи баланди геополитикӣ додааст.

Ҳамкориҳои стратегии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои калидии минтақавӣ ва глобалӣ ин устувориро нишон медиҳанд:

- *Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД)*: Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии амнияти ҷанубии созмон эътироф шудааст ва суботи дохилии он имкон медиҳад, ки кишвар дар таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва ҳифзи сарҳадҳои берӯнаи созмон саҳми фаъол дошта бошад.

- *Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ)*: Тоҷикистон яке аз давлатҳои таъсискунандаи ин созмон буда, дар таҳияи стратегияҳои мубориза ба зидди «се қувваи бадӣ» (терроризм, сепаратизм ва экстремизм), ки дар Конвенсияи Шанхай (соли 2001) расман мавриди истифода қарор гирифт, нақши калидӣ дорад. Маҳз бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ ва муборизаи муштарак бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир заминагузорӣ шудааст.

- *Созмони Миллали Муттаҳид (СММ):* Муносибатҳои Тоҷикистон бо СММ нишондиҳандаи олии эътирофи байналмилалии модели сулҳхоҳӣ ва ташаббускории глобалӣ мебошад. Таҷрибаи муваффақи Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT) заминаи устувори эътимодро гузошт ва имкон дод, ки кишвар аз як «истеъмолкунандаи амният» ба «истеҳсолкунандаи амният» ва лидери глобалӣ дар рӯзномаи об ва иқлим табдил ёбат. Қатъномаҳои СММ оид ба «Даҳсолаи

байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028»», эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи пиряххо» исбот мекунанд, ки сулҳ ва ваҳдати миллӣ воситаи самарабахши қудрати нарми Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд.

Идеологияи Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон танҳо бо ба даст овардани сулҳ маҳдуд намешавад, балки он заминаи асосии ҳувияти миллӣ ва рушди стратегии ҷомеаи муосир мебошад. Дар шароити печидаи геополитикии ҷаҳони имрӯз ва тамоюлҳои харобиовари ҷаҳонишавӣ, ин ғояи муттаҳидкунанда вазифаҳои ҳаётан муҳим ва стратегиро иҷро менамояд, ки муҳимтарини онҳо шикасти маҳалгароӣ ва ташаккули миллати воҳид мебошад.

Барои дарки амиқи ин дастовард, таҳлили решаҳои таърихии ин падида нишон медиҳад, ки маҳалгароии сиёсӣ дар ҷомеаи мо на як раванди табиию мустақил, балки мероси низоми куллгарои (тоталитарии) Шӯравӣ ва натиҷаи сиёсати ҳадафмандонаи ин низом буд. Дар даврони Шӯравӣ, аз ҷониби сохторҳои идеологӣ ва қудратҳои марказӣ, стратегияи ниҳонии «тақсим куну ҳукумат рон» ба воситаи тақсимоти нобаробари кадрӣ, ба вуҷуд овардани номутаносибии (диспропорсияи) рушди иқтисодию саноатӣ миёни минтақаҳову маҳалҳо ва таҳрики сунъии рақобатҳои маҳаллӣ амалӣ мешуд. Ин сиёсати идоракунии марказонидашуда кӯшиш мекард, ки бо нигоҳ доштани унсурҳои маҳалгароӣ ва монеъ шудан ба ташаккули як ҳувияти воҳиду мустақили миллии тоҷикӣ, заминаҳои муқовимати умумимиллиро заиф созад. Дар остонаи истиқлолият, маҳз ҳамин шикофҳои сунъии дар даврони Шӯравӣ заминаёфта, аз ҷониби қувваҳои тахрибкори дохилӣ ва доираҳои манфиатдори геополитикии беруна ба таври шадид

таҳрик ва маблағгузорӣ шуда, кишварро ба гирдоби ҷанги таҳмилии бародаркӯш кашиданд.

Созишномаи сулҳ ва идеологияи Ваҳдати миллӣ собит сохт, ки манфиатҳои умумимиллӣ ва давлатӣ аз ҳар гуна манфиатҳои суннатии маҳаллӣ ва гурӯҳӣ болотару муқаддастаранд. Ваҳдати миллӣ тавонист кулли сокинони кишварро дар атрофи як меҳвари воҳид - «Тоҷикистони ягона, мустақил ва соҳибихтиёр» муттаҳид созад ва шуури сокинонро аз сатҳи маҳаллӣ ба сатҳи умумимиллӣ бардорад ва он заминаҳои сохтаи сунъии даврони гузаштаро аз байн барад.

Яке аз бузургтарин дастовардҳои идеологии замони Ваҳдат, ки заминаи ин иттиҳоди умумимиллиро устувор намуд, эҳёи ҳадафманди ҳувияти ориёӣ ва бозгашт ба решаҳои таърихии аҷдодӣ мебошад. Дар марҳилаи ҳассоси пас аз ҷанги шаҳрвандӣ, ҷомеа ба як сарчашмаи бузурги илҳом ва худшиносӣ ниёз дошт, ки берун аз манфиатҳои ҳизбӣ ва маҳаллӣ бошад. Маҳз таърихи бошарафи куҳан ва тамаддуни ориёӣ ба ин василаи муқтадири ваҳдатофар табдил ёфт. Эҳёи хотираи таърихии ниёгон, арҷгузорӣ ба бузургони илму адаб ва таҷлили заминаҳои фарҳангии муштарак нишон дод, ки ҳамаи сокинони ин сарзамин ворисони як тамаддуни бузургу сулҳхоҳ ва дорои фарҳанги волои таҳаммулпазирӣ мебошанд. Ин раванд тавонист ихтилофҳои идеологиро аз байн бурда, дар ҷомеа рӯҳияи ифтихори миллӣ ва худшиносии воқеиро устувор намояд.

Дар ин замина, супориш ва ташаббуси стратегии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи эъмор ва таъсиси «Конун» - Маркази тамаддуни ориёӣ, гоми бузурги таърихӣ ва амалии давлатдорӣ дар роҳи ниҳодсозии (институтсионализатсияи) хотираи таърихии ниёгон ба шумор меравад. Ин маркази беназир на танҳо ҳамчун як маҷмааи муҳташами фарҳангӣ ва илмӣ, балки ҳамчун пажӯҳишгоҳи

бузурги худшиносӣ ва сипари ғоявӣ хизмат хоҳад кард. Таъсиси маркази мазкур нишон медиҳат, ки сиёсати фарҳангии замони Ваҳдат аз марҳилаи эҳёи оддӣ ба марҳилаи таҳқиқи амиқ, устуворсозии заминаҳои ғоявӣ ва муаррифии ҷаҳонии мероси аҷдодии мо гузаштааст. «Конун» ба меҳвари асосии тарбияи маънавӣ ва ҳувиятсозии насли нав табдил ёфта, пайванди зиндаи миёни гузаштаи пурифтихор, имрӯзи соҳибихтиёр ва ояндаи дурахшони миллатро таъмин месозад.

Дар асри ҷангҳои шадиди иттилоотӣ, ин ҳувияти аҷдодӣ ва сохторҳои фарҳангии мисли Маркази тамаддуни ориёӣ ҳамчун сипари боэътимод ва масунияти маънавию идеологии ҷомеа баромад мекунанд. Онҳо ҷавононро аз гирдоби хурофот, ифротгароӣ ва таъсири гурӯҳҳои тахрибкори бегона ҳифз менамоянд. Насли ҷавоне, ки таърихи пурифтихори худро медонад, ба мероси аҷдодии худ такя мекунад ва худро вориси арзандаи тамаддуни ориёӣ мешуморад, ҳеҷ гоҳ ба доми идеологияҳои бегона ва ифротӣ намеафтад. Насли ҷавони замони соҳибистиқлолӣ, ки дар шароити осоишта ва тинҷию амонӣ ба воя расидааст, дорои тафаккури комилан нав ва созанда мебошад. Ин насли ҷавон рушду шукуфоии Ватанро на дар низоъ, балки дар азхудкунии илмҳои муосир, технологияҳои нави иттилоотӣ ва заковату маърифат мебинад.

Бозгашт ба фарҳанги аҷдодӣ ва эҳёи марказҳои тамаддунӣ собит месозад, ки сулҳ ва таҳаммулпазирӣ дар хуну пӯсти миллати мо ҷой дорад. Сарчашмаҳо ва мабаъҳои таърихӣ собит месозанд, ки ниёгони мо ҳамеша парчамбардори илм, адолат ва ҳамзистии осоишта буданд. Имрӯз Ваҳдати миллӣ ин суннати деринаро дар қолаби давлатдории муосир эҳё намудааст.

Шароити мусоиди сулҳу субот имконоти таърихиро фароҳам овард, ки буҷети давлат на ба хароҷоти ҳарбию мудофиавӣ, балки ба соҳаҳои ҳаётан муҳим - маориф,

тандурустӣ, технология ва фарҳанг равона карда шавад. Ислоҳоти куллӣ дар соҳаи маориф, таъсиси стипендияҳои байналмилалии президентӣ, сохтмони садҳо мактабҳои муосир ва эҳёву ҷаҳонишавии ҷашнҳои бостонии миллӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон, унсурҳои асосии сохтории ин раванди созандагӣ мебошанд.

Дар ин замина, фарҳанги ғанию бостонии миллати тоҷик дар замони Ваҳдат ба як воситаи пуриқтидори дипломатияи фарҳангӣ табдил ёфтааст. Имрӯз Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ бо таърихи куҳан, тамаддуни сулҳхоҳона ва ташаббусҳои башардӯстонааш мешиносанд ва эътироф мекунанд. Сармоягузорӣ ба насли нав ва пайванди онҳо бо решаҳои таърихии аҷдодӣ бузургтарин дастоварди Ваҳдат аст, зеро маҳз ҳамин насли донишманд ва худогоҳ кафили пойдории абадии ин неъмати бебаҳо хоҳад буд.

Таҳлили амиқи равандҳои сиёсию стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се даҳсолаи охир собит месозад, ки Ваҳдати миллӣ танҳо як ҳуҷҷати таърихии сулҳ ё эъломияи сиёсӣ набуда, балки меҳвари асосии соҳибихтиёрии воқеӣ, кафили амният ва заминаи ниҳодсозии рушди сохтории кишвар мебошад. Пешвои миллат моҳияти стратегию ҳаётии ин падидаро дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2018) ба таври дақиқ арзёбӣ намуда, таъкид доштанд: «Ваҳдати миллӣ барои мо як калимаи оддӣ ё шиор нест, балки пойдевори мустаҳками давлатдории миллии тоҷикон, шарти аввалину зарурии амалӣ шудани тамоми мақсаду нақшаҳои мо ва кафолати ҳаёти осоиштаву хушбахтонаи мардуми кишварамон мебошад».

Дар шароити муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва ҷангҳои гибридӣ устувории давлатҳои миллиро зери суол мегузоранд, ин падида на танҳо як сипари идеологӣ, балки заминаи асосии устувории соҳибихтиёрии давлат мебошад. Он ба ҷомеа имкон медиҳад,

ки дар баробари фишорҳои геополитикӣ, таҳдидҳои амниятӣ, экстремизми диниву мафкуравӣ ва дахолатҳои ошкору пинҳонии беруна устувории худро нигоҳ дорад. Ваҳдати миллӣ манбаи асосии қудрати дохилӣ ва пойдевори худшиносии воқеии тоҷикон аст, ки фазои сиёсии кишварро аз парокандагӣ эмин медорад ва рушди босуботи Тоҷикистонро дар саҳнаи байналмилалӣ кафолат медиҳад.

## АНДЕШАИ ФАЛСАФӢ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

**Башир АЗИЗӢ**
*пажуҳишгари хориҷии*
*ИФСҲ ба номи А.*
*Баҳоваддинови АМИТ*

# РОБИАИ БАЛХӢ - ОШИҚИ ЗАМИНӢ, НА СУФӢ
## (нақди хониши суфиёна )

Масъалаи тафсир ва таъвили моҳияти «ишқ» дар шеъри Робиаи Балхӣ, яке аз баҳсҳои муҳим ва дар айни ҳол munоқишабарангез дар пажӯҳишҳои адабии таърихи адабиёти забони форсӣ аст. Дар бисёре аз тазкираҳои маъруфи классик ва низ манобеи муосир, гароиши таъвили суфиёна ва ирфонӣ аз шахсият ва ашъори Робиаи Балхӣ ҳузур дорад. Таъвилҳои классик, бавижа ба василаи Шайх Аттор ва Мавлоно Ҷомӣ, ки Робиаро дар шумори суфиён қарор медиҳанд, ба моҳияти заминии ишқи Робиа соя афканда аст. Ҳамчунон, пажӯҳишҳои муосир бештар дар бораи зиндагии Робиаи Балхӣ буда, на шеъраш (6).

Саволи асосӣ дар ин мақола ин аст, ки оё хониши суфиёна аз ашъори Робиаи Балхӣ бар пояи шавоҳиди илмии матншиносӣ устувор аст ва ё маҳсули таъвили пасин, мутаассир аз ғалабаи гуфтумони мусаллати ирфонӣ?

Дар ин навишта саъй гардида, то бар мабнои равиши матншиносона, сабкшиносӣ, таҳлили вожагон, сохтори маъноӣ ва низоми тасвирии ашъори Робиаи Балхӣ, бепоя будани таъвили суфиёна аз ашъори Робиаи Балхӣ рӯшан гардад.

**Аҳаммияти мавзуъ:** Пардохтан ва баррасии моҳияти ишқ дар шеъри Робиаи Балхӣ аз чандин ҷиҳат барои замони мо ҳоизи аҳаммият аст:

Нахуст, ин ки сухан аз моҳияти ишқ дар шеъри шахсияте аст, ки ба ҳайси нахустин зани шоири форсигӯй дар таърихи адабиёти мо шинохта шуда аст.

Дигар, он ки Робиаи Балхӣ аз нахустин садоҳои устувори адабӣ аст, ки ишқ дар он аз нигоҳи як «зани ошиқ» ошкоро баён мегардад; ин садо ҳамчунон шикастани суннатеро дар пай дошт, ки дар он зан дар адабиёти классики мо фақат «мавзуи ишқ» буд, на «фоили он».

Биноан, дарк ва дарёфти моҳияти ишқ дар ашъори Робиа, аз як сӯ, ба фаҳми ҷойгоҳи нахустин шоири зан дар асосгузории мафҳуми ишқ дар адабиёти классики мо кумак мекунад ва аз сӯи дигар, барои дарк ва шинохти ҳувияти зан, ҳаққи баёни эҳсосот ва марзи миёни ишқи фардӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеаи мо низ дорои аҳаммияти бисёр аст. Аз ин дид, шеъри Робиа як по дар адабиёти классик ва пойи дигар дар ҷойгоҳи зан ва адабиёти асри мо дорад.

Баррасии моҳияти ишқ дар шеъри Робиа моро ба решаҳои ғайри ирфонии ишқ, яъне ишқи заминӣ дар адабиёти форсӣ ёрӣ хоҳад намуд, ки бо садои расо ва сухани латифи шоиронаи ӯ дар оғози суннати шеъри классики мо бо ҳама шукӯҳи он барҷаста мегардад.

Робиаи Балхӣ, бар асоси аснод ва манобеи мавҷуд, нахустин зани шоири забони форсӣ шинохта шуда, ки дар асри чаҳоруми ҳиҷрӣ дар замони ҳокимияти Сомониён мезиста (9, 449). Аз таърихи дақиқи таваллуд ва вафоти ӯ чизе намедонем, бо он ки танҳо абёти андаке (ҳудуди 55 байт) аз сурудаҳояш баҷо монда, аммо ҳамон миқдор низ аз ҳайси фасоҳат, пухтагӣ ва латофат, ҳампояи осори шеъри классик, чун Рӯдакии бузург,

арзёбӣ шудааст. Саид Нафисӣ ӯро муосири Рӯдакӣ хондааст (7, 247).

Робиаи Балхӣ, духтари Каъб, бо дилбохтан ба Бектош, ғуломи дарбор, аз марзҳои сахтгиронаи табақотӣ ва суннатҳои ҷомеаи мардсолори замони хеш гузар кард. Ишқи ӯ дар тақобул бо суннатҳои таҳмилии иҷтимоии замонааш қарор гирифт, ки дар ниҳоят хашми бародараш Ҳорис, ҳокими вақт дар Балхро барангехт, чунки онро ҳамчун нанге барои ҳайсияти хонаводагӣ медонист ва саранҷом ба қатли фоҷеавии Робиа ба дасти бародараш анҷомид.

Бо таассуф, ки дар чавкоти суннатҳои суфиёна, ҳудуди ду қарн баъдтар, ривояти ишқи Робиаи Балхӣ батадриҷ аз сатҳи як таҷрибаи шахсӣ ва таърихӣ фаротар рафта ва дар қолиби тамсилҳои ирфонӣ бозхонӣ шудааст. Чунин хониши ирфонӣ аз ишқи Робиаи Балхӣ, хатари нодида гирифтани буъди таърихӣ ва фардии ин таҷрибаи ошиқонаро дар пай дошта ва он низ натиҷаи рӯйкарди ғайриилмӣ ва хатои равиши хониш дар хондани мутуни классик аст, ки мафоҳими ирфонӣ аз берун ба матн таҳмил мегардад, на ин ки онро аз худи матни шеъри Робиа истихроҷ карда бошад.

**Ишқи заминии Робиа ва таҳаввули бардоштҳои ирфонӣ аз он.** Робиа дар замони худаш як ошиқи суфӣ шинохта нашудааст ва ҳеч санаде аз замони худи Робиа ва ҳатто ду қарн пас аз ӯ вуҷуд надорад, ки ҳатто кучактарин ишорае ба ҷанбаи ирфонии ишқ ва ё шеъри Робиа дошта бошад. Ҳамаи манбаъҳои баъдӣ талаққиҳои суфиёна аз ишқи Робиаи Балхӣ бар асоси ягона сухани шифоҳӣ аз қавли пур аз ибҳоми Шайх Абусаиди Абулхайр устувор аст, ки ба гунаи шифоҳӣ ба Шайх Аттор ва Мавлоно Ҷомӣ расидааст ва он аз назари таърихӣ наметавонад ба ҳеч ваҷҳ, қобили иттико бошад. Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ул-унс" чунин гуфтааст: "Шайх Абусаид Абулхайр қудус-ул-лоҳи таъоло сирруҳу гуфтааст, ки духтари Каъб ошиқ

буд бар ғулом, аммо пирон ҳама иттифоқ кардаанд, ки ин сухан, ки ӯ мегӯяд, на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт. Ӯро ҷойи дигар кор уфтода буд. Рӯзе он ғулом он духтарро ногаҳ дарёфт, сари остини вай гирифт, духтарак бонг бар ғулом зад ва гуфт: Туро ин бас нест, ки ман бо худовандам ва он ҷо мубталоям, бар ту берун додам, ки тамаъ мекунӣ? Шайх Абусаид гуфт: Сухане, ки ӯ гуфтааст, на чунон аст, ки касеро дар махлуқе уфтода бошад, вай гуфтааст, ки: Ишқро боз андар овардам ба банд, Кӯшиши бисёр н-омад корманд...” (10, 427).

Яке аз қадимитарин манбае, ки дар он аз Робиаи Балхӣ ба унвони зани шоир ёд шуда, тазкираи маъруфи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ дар авоили қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (ҳудуди соли 618) аст, ки дар он шарҳи ҳол ва намунаи ашъори 300 шоир дарҷ гардидааст ва дар он дар мавриди Робиаи Балхӣ ва шарҳи ҳоли ӯ бисёр кӯтоҳ навишта, ки дар боби нуҳум -- зикри шуарои Оли Носир -- дар мавриди Робиа чунин гузориш медиҳад: “Духтари Каъб агарчи зан буд, аммо ба фазл бар мардони ҷаҳон бихандидӣ, фориси ҳар ду майдон ва волии ҳар ду баён, бар назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ бағоят моҳир ва бо ғояти закои хотир ва ҳиддати табъ пайваста ишқ бохтӣ ва шоҳидбозӣ кардӣ ва ӯро магаси рӯйин хондандӣ ва сабаби ин низ он буд, ки вақте шеъре гуфта буд:

*Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб,*
*Зи осмон малахону сари заррин.*
*Агар биборад заррин малах бар ӯ аз сабр,*
*Сазад, ки борад бар ман яке магаси рӯйин...” (1, 339-340)*

Он гуна ки дида мешавад, дар ин куҳантарин манбаи мавҷуди таърихӣ, яъне “Лубоб-ул-албоб” дар бораи Робиаи Балхӣ, ишқи Робиа бо таъбирҳое монанди «ишқ бохтан» ва «шоҳидбозӣ», дар чаҳорчӯби бофти замонӣ ва таърихӣ ривоят шуда, ки комилан баёни таҷрибаи ишқи инсонӣ аст ва фоқиди ҳар гуна муаллифаҳои мафҳумии тасаввуфанд; аз ин рӯ,

тафсири ирфонии онҳоро бояд ҳосили хонишҳои пасин, бавежа Аттор ва Ҷомӣ хонд, на маънии бархоста аз матн. “Ишқ бохтан” ба маънии дил бохтан, шефта шудан ва гирифтор шудани ишқ аст, ки як таҷрибаи комилан инсонӣ ва отифӣ аст ва низ «шоҳидбозӣ» дар забони адабии классик ба маънии дил бастан ба зебоии инсонӣ аст ва шоҳид маъшуқи зеборӯйро мерасонад ва ба инсон дар рӯи замин ишора мекунад ва як мафҳуми отифӣ-иҷтимоӣ дар фарҳанги он замон аст. Бар ин мабно корбурди вожаҳои «ишқ бохтан» ва «шоҳидбозӣ» дар «Лубоб-ул-албоб» нишондиҳандаи он аст, ки ишқи Робиа дар ин манбаи куҳан ва муътабари адабӣ-таърихӣ (1,16) комилан дар чаҳорчӯби фарҳанги ишқи инсонӣ-заминӣ муаррифӣ гардидааст.

**Заминаҳои ғалабаи адабиёти ирфонӣ.** Ғалабаи гуфтумони ирфон, пас аз қарни шашум ва ҳафтуми ҳиҷрӣ, заминасози таъвили суфиёнаи ашъор, аз ҷумла шеъри Робиа гардид. Ин падида ҳосили буҳронҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва динӣ буд, ки дар натиҷаи он назми нисбии сиёсии Ғазнавиён ва Салҷуқиён ва баъдҳо дар натиҷаи ҳамлаи муғул, фурӯ пошид; ноамнӣ ва бесуботи афзоиш ёфт ва муҷиби беэътимодии мардум ба зиндагии воқеӣ ва назми ҳокими дунявӣ гардид. Чунин авзоъ муҷиби он гардид, то бархеҳо ба сӯйи паноҳгоҳҳои маънавӣ ва хонқоҳҳо рӯй оваранд, ки дар натиҷа гароиш ба тарки дунё дар ҷомеа мусаллат шуд. Дар ин миён, ба қавли зиндаёд Абдулҳусайни Зарринкӯб, «дар қарни панҷум бузургтарин садое, ки ба дифоъ аз суфия баромад, садои Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ буд, ки ҳайсият ва нуфузи маънавии ӯ сабаби мазиди эътибори тасаввуф шуд ва дар байни омма, ки ба сабаби тундравиҳои суфия якчанд аз он сархӯрда буданд» (5, 69). Нақди Имом Ғаззолӣ аз фалсафа ва хатарнок донистани он барои дин, аз ҷойгоҳи фақиҳи бузурги исломӣ ва мударриси Низомияи Бағдод, нақши бузурге ба тазъифи

ҷойгоҳи илм ва фалсафа ва дур сохтани мусулмонон аз хирадгаройӣ ва илми таҷрубӣ дошт. Ӯ файласуфони бузурги таҷрибагарои мусулмон, монанди Ибни Сино ва Форобиро такфир кард. Чунин мавзеъгирии Ғаззолӣ дар муқобили фалсафа чунон зарбаи бузурге ба суннати ақлгаройӣ дар ҷаҳони ислом ворид кард, ки аз қарнҳои тулонӣ то кунун қомат рост накард (3, 254-268).

Тазъифи ақлгаройӣ, заминаро барои тақвияти рӯйкардҳои шуҳудӣ ва ботинӣ дар маърифати динӣ фароҳам сохт ва таҷрибаи дарунӣ (барои расидан ба ҳақиқати осмонӣ), ҷойгузини фалсафа ва илм шуд. Он гуна ки дар таърифи ирфон меоваранд, «ирфон тариқаи маърифат дар назди он даста соҳибназарон аст, ки бархилофи аҳли бурҳон, дар кашфи ҳақиқат бар завқ ва ишроқ бештар эътимод доранд, то бар ақл ва истидлол. Ин тариқа дар байни муслимин то ҳадде махсуси суфия аст» (5,9). Нуфузи чунин андешаҳои суфиёна, ба вижа дар осори шоироне чун Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишобурӣ ба сурати низомманд вориди забони шеър шуд. Дар натиҷа шеъри форсӣ беш аз пеш ба сӯйи мафоҳими рамзии ирфонӣ гароиш ёфт. Шоирони суфӣ, аз ҷумла пешгомони он Саноӣ, бо таъсир аз Имом Ғаззолӣ, дар тазъифи ҷойгоҳи илм ба суди ирфон ва тасаввуф шеърҳо суруда ва ҳукамо ва фалосифаи бузургеро чун Форобӣ ва Сино мустақиман накуҳиш намуданд.

Ҳамин дигаргунии гуфтумон сабаб шуд, ки мутун ва ашъори классик, аз ҷумла ашъори Робиаи Балхӣ дар чаҳорчӯби гуфтумони суфиёна бозхонӣ шаванд. Ин бозхонӣ, пеш аз он ки бархоста аз сохтори матнии шеър бошад, маҳсули ин таҳаввули фикрӣ ва фарҳангии асри шашум ва ҳафтуми ҳиҷрӣ буд. Дар чунин фазо аст, ки тасаввуф оҳиста-оҳиста ба гуфтумон ва фарҳанги ғолиб мубаддал гардида ва арсаи шеър ва адабиётро низ тасхир мекунад, ки дар натиҷа «ишқ», ки пеш аз ин таҷрибаи инсонӣ буд, дар осори пасин, монанди орифоне чун

Саноӣ, Аттор ва Ҷомӣ мафоҳими қудсӣ пайдо мекунад ва ба мафҳуми расидан ба ҳақиқати осмонӣ таҳаввул меёбад.

Бар ҳамин заминаҳои тадриҷии тасаллути гуфтумони ирфонӣ аст, ки достони ишқи Робиаи Балхӣ низ аз замина ва бистари «воқеӣ»-и зиндагӣ ҷудо сохта мешавад ва табдил ба «ҳикояти ирфонӣ» мешавад ва намодсозиҳо шакл мегирад, ки дар натиҷа Робиа ба «руҳ», Бактош ба «ҳақиқати азалӣ» ва Ҳорис - бародари Робиа ба «нафс», ки монеи расидан ба ҳақиқат аст, мубаддал мешавад ва қатли тражик ба «фано» мубаддал мешавад; дар натиҷа Робиа ҳамчун чеҳраи шинохташуда ва истисноии таърихи адабӣ, батадриҷ аз «зани ошиқ» ба «намоди ишқи поки осмонӣ» ва фидокорона табдил мешавад, яъне аз ошиқи заминӣ фосила дода мешавад ва дар суннати суфиён идғом мешавад ва дар канори авлиё ва орифон қарор дода мешавад.

Суоли асосӣ дар инҷост, ки агар Робиа як зани сӯфӣ мебуд ва ишқи ӯ дар замони худаш «ишқи илоҳӣ» шинохта мешуд, пас кушта шудани Робиаро ба дасти бародараш Ҳорис, ки худ як ҳокими мусалмон буд, чӣ гуна метавон тавҷеҳ намуд? Дар таърихи ҷаҳони ислом намунаеро намешиносем, ки ҳокими мусалмоне касеро ба иттиҳоми ишқ ба Худо кушта бошад.

Пас, дар сатҳи таърих ва матни марбут ба Робиа, фақат ривояти ишқи заминӣ ва иҷтимоӣ метавонад қобили фаҳм ва мантиқӣ бошад. Бо он ки Саноӣ, Робиаи Балхиро мустақиман дар манзумаи достонӣ ва шеърӣ бозхонӣ ва бознависӣ накардааст, аммо ӯ бастари муҳимтареро мусоид сохт ва он ин ки «улгуи хониш»-ро дигаргун сохт; яъне ишқ мусовӣ ба роҳи расидан ба ҳақиқати мутаолӣ ва марг муодили фано гардид. Ин улгуҳо буд, ки баъдҳо илҳомбахши Аттор ва Ҷомӣ ва дигарон гардид, то ишқи шахсии Робиаро ба инсон, ба «ишқи илоҳӣ» иртиқо диҳад ва як зани шоири номоварро «намоди руҳ» созанд ва трожедии иҷтимоиро сулуки ирфонӣ пиндоранд.

Инҷост, ки Аттор дар "Илоҳинома", бидуни он ки асли матни шеъри Робиаро тағйир диҳад, аносири достониро аз берун дар қолиби намодин бозтаъриф ва боз аз нав тафсир мекунад ва оғози равандест, ки саранҷом дар осори мутааххири суфиёна, монанди "Нафаҳот-ул-унс"-и Ҷомӣ, ба авҷ мерасад (10,427). Биноан, ирфонӣ шудани ишқи Робиаро бояд на бозтоби воқеияти таърихии адабиёти шеърӣ, балки натиҷаи бозхонии мутааххир аз шеъри Робиа дар чаҳорчӯби гуфтумони ирфон донист.

**Бозхонии ишқи Робиа дар замони мо.** Дар замони ҳозир, умдатан ду навъ рӯйкардро дар тафсири ишқи Робиа мебинем: яке, рӯйкарди наққодона ва матнмеҳвар ва таърихӣ аст, ки шоирро ошиқи заминӣ бо таҷрибаи инсонӣ медонад ва дигаре, ҳамон таъвили ирфонӣ аст, ки аз асри Аттор то кунун дар мавриди ишқи Робиа ғалаба дорад.

Бо мутолеа ва баррасии мақолаҳое, ки дар бораи Робиаи Балхӣ нигошта шудааст, бавижа маҷмуаи мақолаҳое, ки дар ҳамоиши байнулмилалии бузургдошти Робиаи Балхӣ дар соли 2010 дар Тоҷикистон мунташир гардида, чунин ба назар мерасад, ки таъвили орифона аз шахсияти шеърии Робиаи Балхӣ, ҳанӯз гуфтумони мусаллатро месозад.

Дар даҳаҳои ахир, бо таваҷҷуҳи вижаи давлати Тоҷикистон ба мероси фарҳангӣ, бавижа асри Сомониён, таваҷҷуҳ ба чеҳраҳои адабии он аср афзоиш ёфта, аз ҷумлаи онон Робиаи Балхӣ ба унвони нахустин шоири зан ҷойгоҳи барҷаста ёфта ва ба унвони бахше аз ҳувияти фарҳангии муштараки ҳавзаи форсизабонон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ки гувоҳи равшани он нашри маҷмуаи мақолоте аст зери унвони «Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ» дар соли 2010 ва низ роҳандозии конфронси кунунии илмӣ-назариявӣ барои бузургдошти шахсияти Робиаи Балхӣ аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар даҳуми июни соли 2026, ки

бори дигар дар шаҳри зебои Душанбе сурат пазируфтааст. Ин бор низ маҷмуаи мақолот ба нашр расида, ки муқоисаи ин ду маҷмуа, яъне мақолоти соли 2010 ва соли 2026, барои таҳлили муқоисавии таҳаввули дидгоҳҳо дар бораи Робиаи Балхӣ дорои аҳаммияти бисёр хоҳад буд.

Бо нигоҳе ба маҷмуаи мақолоти мунташираи соли 2010 дармеёбем, ки таъвили ирфонӣ аз моҳияти ишқи Робиа аз замони Шайх Аттори Нишобурӣ, ба мақолот соя афканда аст. Чунончи, дар мақолаи таҳти унвони «Робиаи Адавия ва Робиаи Балхӣ», нависанда ҳангоми муқоиса миёни ин ду шахсият, яъне Робиаи Адавия (4) ва Робиаи Балхӣ чунин менависад: «Ҳар ду Робиа тарки дунё гуфтанд, Робиа бинти Каъб аз канори маъшуқ мегузарад ва Робиаи Адавия танҳо бо худованд сархуш аст». Нависанда дар идомаи мақола чунин натиҷагирӣ менамояд: «Бояд гуфт, ки ҷаҳони ишқ ҳамон аст, ки Аттор ба тавсифаш нишастааст ва ҳар ду Робиа ба гунае онро таҷриба карданд» (8, 91-102).

Дар мақолаи дигаре аз ҳамин маҷмуа таҳти унвони «Аввалин зани порсигӯй» (2, 119-121), он чи таваҷҷуҳи маро пас аз худи унвон, ки аз назари илмӣ ишкол дорад, ба худ ҷалб намуд, ин аст, ки нависанда барои истинод ба ирфонӣ будани моҳияти шеъри Робиа, матни шеъри Робиаро мисол меоварад ва он ҳамон байте аст, ки ағлаб дар тазкираҳо ва мақолот, онро ҳамчун санади ирфонӣ будани ишқи Робиа мисол меоваранд. Нависандаи ин мақола бо таъйид аз суханони бархе орифон чунин менависад: "Бархе аз орифони шоир иттифоқи назар доранд, ки ашъори ошиқонаи вай ҷанбае аз сулуки ирфонӣ дар худ нуҳуфта дорад чун чанд байти зайл:

*Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзадат ошиқ кунод*
*Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан.*
*То бидонӣ дарди ишқу доги меҳру гам хӯрӣ,*
*То ба ҳаҷр - андар бипечию бидонӣ қадри ман"* (1,340).

Инҳо намунаҳое аз таъсири султаи хониши ирфонӣ аз ишқи Робиаанд, ки бар бештари мақолоте, ки дар маҷмуаи соли 2010 ба ин мавзуъ пардохтаанд, соя афканда аст.

Дар ин бахши мақола, акнун ман ба таҳлил ва баррасии матншиносонаи ин байте, ки дар боло мисол оварда шудааст ва низ бархе аз абёти дигари шеъри Робиаи Балхӣ, ки бавежа, вожаи "ишқ" дар онҳо омадааст, мепардозам, то нишон дода шавад, ки маънои ингуна абёт танҳо ва танҳо дар чаҳорчӯби забон ва таҷрибаи отифии инсонӣ қобили баёни рӯшан аст. Ба иборати дигар, хониши матнии ашъор, ки бар мабнои вожагон ва бистари забонии матн устувор бошад, нишон хоҳад дод, ки чунин абёте дар уфуқи забон ва фарҳанги ошиқонаи заминӣ қобили фаҳманд ва нисбат додани маънои суфиёна ба онҳо, пеш аз он ки мубтанӣ бар сохтори матн бошад, натиҷаи хонишҳои суфиёна аст.

**Таҳлили матншиносона.**

*Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзадат ошиқ кунод*
*Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан...*

Вожаҳои калидии ин байт иборатанд аз: «даъват», «эзад», «сангиндил», «номеҳрубон», «хештан», «ошиқ». «Даъват» дар ин байт ба маънии дуо ва орзу аст. «Эзад» дар ин байт ягона вожае аст, ки ранги динӣ дорад, аммо корбурди он дар ин байт лузуман мафҳуми ирфонӣ нест, яъне истилоҳи фаннии ирфонӣ нест ва дар инҷо фоили дуо аст. Ҷумлаи «эзад туро ошиқ кунод» ё худо туро ошиқ кунад, як дуои омми ошиқона миёни мардум аст, на баёни таҷрибаи сулуки орифона. Аз лиҳози сабкшиносӣ, «даъват» дар забони қарни чаҳорум ва панҷуми асри Робиа дуо ва орзу маънӣ дошт, на даъвати тариқат ё фарохони ирфонӣ. Пас, тафсири ирфонӣ аз «даъват», аз ҳамон ибтидо дучори тағйири маънои вожа мегардад. Инҷо эзад (худо) маъшуқи мустақими шеър нест ва сохтори ҷумла низ баёнгари робитаи инсон миёни гӯянда ва мухотаб аст.

Вожаи «сангиндил» дар шеър нишондиҳандаи таҷрибаи отифӣ аз бемеҳрии маъшуқ аст, ки фақат дар ҳавзаи ишқи инсонӣ маъно меёбад. Вақте шоир мегӯяд, ки маъшуқи ӯ сангдил аст, яъне ошиқ ранҷ мебарад ва маъшуқ ба ӯ эътино надорад. Ва ин робитаи дутарафаи инсонӣ аст, на робитаи инсон ва худо. Вожаи «номеҳрубон» ҳам бемеҳр маънӣ дорад, ки ба маъшуқи заминӣ итлоқ мешавад ва ҳеҷ гоҳ бо талаққии ирфонӣ аз маъшуқи илоҳӣ ба унвони мазҳари раҳмат созгорӣ надорад.

Вожаи «ошиқ» дар маънои инсонӣ, дилбохтаи як инсон аст, ки ҳамроҳ бо ранҷ, шикоят ва бевафоӣ метавонад баён шавад ва ин навъ бардошт дар сабки шеъри замони Робиа, яъне сабки хуросонӣ ғолиб аст. Аммо «ошиқ» дар ирфон маънои солик, ки маъшуқи ӯ худост ва ҳадафи он ҳам висоли он, ки дар тасаввуф, дар ашъори Саноӣ, Аттор ва Мавлавӣ дида мешавад, ба авҷ мерасад. Аммо аз куҷо медонем, ки дар байти Робиа мақсад аз «ишқи инсонӣ» аст?

Инро аз вожаҳои дигари ин байт, монанди “сангдил”, “номеҳрубон” медонем, яъне бояд ба қаринаҳо ҳам нигоҳ кард: вақте ошиқ ҳамроҳ бо шикоят, дуо мекунад, ки «эзадат ошиқ кунод», ранҷ ва нотавонии инсонро нишон медиҳад, пас ишқи инсонӣ аст, на сулуки ирфонӣ. Таҳлили тасвирии “сангдил” ва “номеҳрубон” ҳама сифатҳои равоншиносӣ ва иҷтимоӣ ва тавсифи шахсияти инсонҳоанд, дар ҳоле ки дар ирфон маъшуқ осмонӣ аст ва комил, зебо (на сангдил ва номеҳрубон!).

**Маънии байт:** Худованд туро ошиқ кунад, он ҳам ошиқи касе, ки монанди худат сангдил ва номеҳрубон бошад, то дарди ишқеро, ки ман дорам, ту ҳам ба он мубтало шавӣ ва пай бибарӣ ва монанди ман ғам бихӯрӣ ва азоби ҷудоӣ бикашӣ, то саранҷом қадри маро бидонӣ.

Аз лиҳози сохтори маъноии ҷумла, ки навъи нафрини зарифона бар мабнои адолати отифӣ ва ранҷи шахсӣ аст,

комилан сохтори равонӣ-инсонӣ дорад, на ирфонӣ; дар ҳоле ки дар ирфон, робита фақат робита бо Худо аст ва дар ин миён ориф каси дигареро шарик намедонад. Ҷиҳатгирии отифии байт аз лиҳози ранҷе аст, ки Робиа аз гузашта ба дӯш кашида ва дар ин байт бо дуо ва кумак аз эзад ба навъе «интиқоми отифӣ» ва ё «дарки мутақобил» ишора мекунад, ки маъшуқи сангдил ва номеҳрубон бояд ӯро саранҷом дарк ва ба ӯ иноят кунад.

**Натиҷаи ниҳоии байт:** Аз диди дақиқи матншиносӣ, ин байт ҳеч нишонае аз тасаввуф надорад ва танҳо як таҷрибаи ошиқонаи инсониро баён мекунад, ки миёни ду инсон, дар рӯйи ҳамин замин таҷриба гардидааст. Биноан, хониши ишқи заминии байти Робиа воқеитар ва табиитар аст.

Акнун як байти дигар аз шеъри маъруфи Робиаро, ки ағлаб ҳамчун ирфонӣ таъвил гардида, мисол меоварам:

*Ишқи ӯ боз андаровардам ба банд,*
*Кӯшиши бисёр н-омад судманд.*
*Ишқ дарёе каронанопадид,*
*Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд.*

**Таҳлили вожаҳо:** «ишқ», ки бо замири фардии «ӯ» омада, як вожаи ом аст ва бидуни сифати илоҳӣ. Дар таркиби «ишқи ӯ», «ӯ» дар инҷо маъшуқи муайян ва замири комилан фардӣ аст, ки ҳеч нишоне аз мафоҳими Худо ё ҳақиқати мутлақ ва ё амри қудсӣ дар он нест. «Боз андаровардам ба банд»: "банд", яъне асорат, як вобастагии отифӣ аст ва боз «дубора». Яъне, дубора гирифтор шудам, ки як таҷрибаи равонӣ ва отифиро баён мекунад; кӯшиши бисёр ҳам фоидае надошт. Дар ин байт сохтори маънии калимот бисёр сода ва рӯшан аст: гирифтор шудан дар ишқ, талоши инсонӣ барои раҳоӣ, нотавонӣ ва шикаст дар раҳоӣ аз ишқ; ин ҳама улгуи равоншиносии заминӣ аст, на таҷрибаи ирфонӣ.

**Таҳлили сабкшиносона.** Дар инҷо забон сода ба кор рафта ва мустақим аст (бидуни намодпардозии ирфонӣ) ва бидуни

лояҳои чандгонаи тасаввуф. Инҷо бо ҳамон сабки шеъри хуросонӣ дар намунаи шеъри Рӯдакӣ мувоҷеҳ ҳастем, ки аз калимоти асили форсӣ ва он ҳам бидуни такаллуф кор гирифта шудааст.

Идомаи байт:

*Ишқ дарёе каронанопадид ,*
*Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд.*

**Таҳлили вожаҳо:** «ишқ» дар инҷо як вожаи ом ва ғайриҷонибдор аст бидуни сифате монанди «ишқи илоҳӣ» ё «раббонӣ». Яъне дар инҷо ишқ илзоман ирфонӣ нест. «Дарёе каронанопадид», истиорае аз бепоёнӣ аст, ки дар он имкони хатари табиӣ бисёр аст. Ин тасвир як падидаи одӣ дар шеъри ошиқона аст ва мухтас ба ирфон нест. Вожаи «шино» ва «ҳушманд» дар ин шеър бисёр муҳим ва дархӯри таваҷҷуҳанд: «Шино» як фаъолияти инсонӣ аст ва дар ирфон ба ҷойи шино, маъмулан «фано» ва «ғарқ шудан» руҷҳон доранд, на «шино кардан». «Эй ҳушманд» дар инҷо мухотаб инсони оқил аст ва гӯянда дар ҳоли ҳушёрӣ ва ақлонӣ аст ва ба маҳдудияти тавоноии инсон дар шино дар дарёии бекарон таъкид дорад. Ин як нигоҳи воқеъгароёна ва айнӣ ба падидаҳо дар рӯйи замин аст.

Сохтори маъноии байт ҳам ҳушдордиҳанда аст аз хатар ва бекаронии ишқ ва нотавонии инсони шиногар, ки бояд ҷониби эҳтиёт ва ақлониятро бигирад. Ин ҳама бозтобдиҳандаи як таҷрибаи ақлонӣ аст. Баръакс, дар ирфон бояд дар ишқ фано (ғарқ) шуд ва ақлро бояд канор зад ва дил ба дарё дод.

**Таҳлили сабкшиносона.** Дар ин байт аз истиораи сода, яъне дарё истифода шуда ва забони шеър ҳам сода, равон ва мустақим аст. Дуруст, ҳамон забони сабки хуросонии асри Рӯдакӣ ва Робиа аст. Шеъри равон ва ба дур аз печидагиҳои адабӣ ва ирфонӣ. Ташбеҳот ва тасвирсозиҳо дар ин байт маҳсус ва малмус ҳастанд.

Акнун як байти дигари Робиаро ба таҳлил мегирем:

*Маро ба ишқ ҳаме муҳтамал кунӣ ба ҳиял,*
*Чӣ ҳуҷҷат орӣ пеши Худои азза ва ҷалл? (1, 240)*

Вожаҳои калидӣ дар ин байт: «ишқ», «муҳтамал», «ҳиял», «ҳуҷҷат», «Худои азза ва ҷалл». Инҳо вожаҳое умумӣ ва чандмаъноӣ ҳастанд, аммо истилоҳоти хоси ирфон нестанд. Инҷо ба «ишқ» ба гунаи мустақим ва бидуни рамзгузорӣ ба кор рафтааст ва ҳеч нишонае аз «ишқи илоҳӣ» ё «ваҳдати вуҷуд» надорад. Ҳамчунон, «муҳтамал» аз масдари "эҳтимол" гирифта шуда, ки ҳам имкони вуқӯъ ва ҳам имкони адами вуқӯи чизеро мерасонад. Ва «ҳиял» ба маънии найранг ва чорасозӣ барои ба даст овардани мақсад аст. "Ҳуҷҷат" ба маънии далел ва бурҳон аст. «Худои азза ва ҷалл» комилан умумӣ ва динӣ аст, ки барои таъбири таъзимии роиҷ барои Худованд ба кор меравад (Худои бузург ва арҷманд) ва истилоҳи хос ва мунҳасир ба фарди ирфонӣ нест. Ҳамаи ин мафоҳим ирфонӣ нестанд ва комилан дар як гуфтугӯи ошиқонаи заминӣ бо як ранги динӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба кор рафтааст.

Сабки он низ сода ва мустақим ва фоқиди рамзҳои ирфонӣ аст, ки нишондиҳандаи сабки замони Робиа (сабки Хуросонӣ) мебошад, ки ба маънии одӣ ва рӯзмарраи вожаҳо устувор аст. Биноан, корбурди чунин вожаҳо ба худии худ ҳеч далолати зарурӣ бар ирфонӣ будани шеър надорад.

**Маънии байт:** Эҳтимоли ошиқ буданро, ки бар ман бо ҳилла ва найранг мекунӣ, пас пеши Худованди бузург чӣ мегӯӣ?

Он гуна ки дар ин байт рӯшан аст, се шахсият вуҷуд дорад:

1. Муҳтамил ба ишқ, ки худи Робиа аст.
2. Касе, ки Робиаро ба ишқ муҳтамал кардааст, ҳар кӣ бошад.
3. Худои азза ва ҷалл.

Робиа ба мухотаби худ, яъне фарди дувум мегӯяд, ту, ки маро ба ишқ муҳтамал мекунӣ, пеши Худо чӣ ҳуҷҷат меоварӣ?

Нуктаи муҳим инҷост, ки дар ин байт масъалаи ишқи Худо дар миён набуда ва сухан комилан дар бораи ишқи заминӣ аст.

Робиа эҳтимоли ошиқ будани хешро комилан инкор намекунад ва вожаи "муҳтамал"-ро ба кор мебарад, аммо мухотабе, ки эҳтимоли ошиқ буданро ба ӯ медиҳад, чиро ӯро ба Худованди азза ва ҷалл ҳаволат мекунад? Ошиқи Худованд, ки даст ба чунин коре намезанад!

Дар ҳамин ғазал боз ҳам намунаи байте аст, ки ба гунаи рӯшан дар он сухан аз ишқи заминӣ меравад ва асолатро ба ишқи инсон бештар нишон медиҳад, монанди:

*Наим бе ту нахоҳам, ҷаҳим бо ту равост,*
*Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.*

Вожаҳои калидӣ дар ин байт иборатанд аз: «наим» ба маънии биҳишт, нозу неъмат ва осоиш; «ҷаҳим» ба маънии ҷаҳаннам, оташи сӯзон; «равост» -- пазируфтанӣ ва ҷоиз; «шакар» -- чизҳои ширин ва хушоянд; «заҳр» -- моддаи саммӣ ва талху кушанда; «асал» -- ширинии хушмазза.

Маънии байт: Биҳишт бидуни ту бароям арзише надорад ва онро намехоҳам, аммо агар ту бошӣ, ҳатто дӯзах бо ту пазируфтанӣ аст, зеро дар набуди ту, ширинтарин чизҳо монанди заҳр талх мешаванд ва бо ҳузури ту, ҳатто чизҳои талх ва кушанда, монанди заҳр бароям ширин мегардад.

Дар ҷумлаи «ҷаҳим бо ту равост» ошиқ ва маъшуқ ҳар ду ҳамсатҳанд, яъне ҳамроҳи физикӣ ва шарик дар ранҷи ҷаҳаннам ва бо ҳам сӯхтанро мерасонад, ки нишондиҳандаи ҳамсатҳии ду инсон метавонад бошад. Дар ҳоле ки шарик сохтани Худованд дар азоб, баръакс, бо мантиқи азамати илоҳӣ наметавонад созгор бошад.

**Ду навъи комилан мутафовити ишқ (заминӣ ва осмонӣ).** Акнун барои рӯшантар шудани тафовут миёни ишқи инсонӣ дар ашъори Робиаи Балхӣ ва ишқи ирфонӣ дар суннати суфиёна, намунае аз шеъри Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро

меоварем, ки дар он вожаи «дарё» низ истифода шудааст, аммо дар як низоми маъноии комилан дигар. Дар ин муқоиса нишон хоҳем дод, ки чӣ гуна тафовут дар низоми маъноӣ, ба ду навъи комилан мутафовит аз «ишқ» дар шеъри форсӣ анҷомидааст, чунончи, дар намунаи байти зайл:

*Халқ чу мургобиён, зода зи дарёи ҷон,*
*Кай кунад инҷо мақом мург, к-аз он баҳр хост.*

**Таҳлили вожаҳо:** Халқ (инсонҳо), чун мурғобиён (ҳамонанди мурғобиён, ки зотан ба об таалluқ ва пайванд доранд); дарёи ҷон (олами малакутӣ) ва ҷаҳони маъно ва сарчашмаи осмонӣ ва илоҳӣ аст, ки мо ин гуна таркиби «дарёи ҷон»-ро дар олами заминӣ надорем.

**Сохтори маъноии байт:** Дар инҷо ҳастаи ирфонӣ ба вазоҳат дида мешавад ва як ҳаракати се марҳилаиро мебинем, яъне: 1. Маншаъ (аз дарёи ҳақ). 2. Вазъияти мо дар ин дунё ё ҷойи муваққат ва гузаро. 3. Мақсад ва манзили ниҳоӣ, яъне бозгашти дубора ба дарёи ҷон.

Мафҳуми марказӣ дар ин байт ҳам «ғурбати вуҷудӣ» аст бо ин паёми аслӣ, ки: инсон дар ин ҷаҳон муваққатӣ ва меҳмон аст ва макони аслии ӯ дар ҷойи дигаре дар боло аст. Ва расидани дубора ба мабдаъ яке аз пояҳои аслии дидгоҳи ирфонӣ аст. Унсури муҳим дар инҷо ишора ба нопойдории дунё аст: «кай кунад инҷо мақом...» «мурғ, к-аз он баҳр хост», мурғ инҷо ба маънии инсони комил ё руҳи солик аст ва «баҳр» ҳам ишора ба ҳақиқати илоҳӣ.

**Маънии куллии байт:** Яъне инсон набояд ба ин олами хокӣ ва гузаро дилбастагӣ дошта бошад, чунки инсон аслан ба ҷойгоҳи болотаре таалluқ дорад ва моҳияти осмонӣ дорад ва аз олами маъно (дарёи ҷон) бархоста ва ҳамонанди мурғобиён, ки зотан ба об таалluқ доранд, инсон низ ба олами ғайб мутааллиқ аст ва бояд дубора ба онҷо баргашт кунад ва ба ҳақиқат бипайвандад.

**Натиҷагирӣ ва муқоиса бо ишқ дар шеъри Робиа.** Дар байти Мавлоно он гуна ки дар мисраи аввал мехонем, «Халқ чу мурғобиён зода зи дарёи ҷон» низоми маъноии байт комилан бар пояи «ҳастишиносии ирфонӣ» устувор аст. Инсон аз «дарё» (ҳақ) омада ва ногузир ба бозгашт ба мабдаи илоҳӣ аст. Бинобар ин, ишқ ва ҳаракат, моҳияти вуҷудӣ ва сулукӣ доранд. Ҷойи инсон дар ин дунё, ҷойи воқеии сукунати ӯ нест ва бояд ба дарё ва ё ҳақ дубора бозгашт кунад, яъне ба ҷое асли хеш, ба боло (осмон).

Аммо шеъри Робиа монанди «ишқи ӯ боз андаровардам ба банд...» ва ё «ишқ дарёе каронанопадид...», ишқ дар сатҳи таҷрибаи равонӣ-отифӣ ва инсонӣ дар ҳамин замин -- ҷойе ки Робиа зисти воқеӣ дошт, боқӣ мемонад. Робита бо «ӯ» як робитаи комилан шахсӣ аст ва «банд» ҳам ба маънии рӯзмарра ва содаи он, яъне асорати эҳсосӣ аст ва бавижа, вожаи «ҳушманд» ҳушдор нисбат ба ишқи ҳушманд ва ақлонӣ ва заминиро нишон медиҳад, ки Робиа аз мавзеи ақлонӣ ба он менигарад. Бинобар ин, дар ҳоле ки дар байти Мавлоно «ишқ» як асли кайҳонӣ ва бозгашт ба мабдаъ ва олами маъно дорад, дар Робиа «ишқ» як таҷрибаи комилан заминии ҳамроҳ бо кашмакашҳои дарунии миёни ақл ва эҳсос аст, на як сулуки ирфонӣ.

## Натиҷагирӣ ва пешниҳод

Робиа ошиқе буд заминӣ; ишқи ӯ моҳиятан ирфонӣ набуд, балки баъдҳо дар чорчӯби тасаллути гуфтумони ирфонӣ бозтафсир шудааст. Ҳамчунон, шеъри Робиа дар замони худаш ҳеҷ гоҳ суфиёна талаққӣ нашудааст.

Хониши суфиёна, ки бар ашъори Робиаи Балхӣ таҳмил шудааст, на бозтобе аз воқеияти таърихии зиндагӣ ва моҳияти шеъри ӯст, балки маҳсули як таҳаввули таъвили пасин аст, ки ҳудуди ду қарн пас аз асри Робиа, дар бистари ғалабаи

тадриҷии гуфтумони тасаввуф дар адабиёти форсӣ шакл гирифтааст.

Он чӣ дар тули замон дигаргун шудааст, на матни шеъри Робиа аст, балки шеваи хонишҳо аз шеъри ӯ дар чорчӯби тафсирҳо ва фазои мусаллати фарҳангӣ дар ҷомеа аст. Ҳамин гуфтумони мусаллати ирфонӣ, ки гузаштаро бо мафоҳими давраҳои баъдӣ хониш намуда, муҷиб гардида, то аз як воқеияти таърихии сода, як матни ирфонии печида ва мубҳам сохта шавад. Аз ҳамин ҷост, ки бисёре аз хонишҳои ирфонӣ на «кашфи маънии матн», балки «сохтани маънои ҷадид»-анд. Биноан, тафсири ирфонӣ аз ишқ ва ашъори Робиаи Балхӣ аз манзари шавоҳиди матн ва таҳлили забоншиносӣ як тафсири барчасп ва ғайримустанад ба матни шеър аст; дар муқобил, хониши матнӣ бар ишқи инсонӣ ва заминӣ, аз инсиҷоми бештаре бо додаҳои забонӣ ва сохтории аз мутун бархурдорбуда ва ба ҳамин далел, баёни айнӣ ва дақиқтар аз моҳияти ашъори Робиаи Балхӣ ироа медиҳад.

Дар поёни сухан, ҳамчун натиҷагирии баҳс дар қолиби пешниҳодгуна мехоҳам таъкид намоям, ки барои фаҳми дақиқи моҳияти ишқ дар ашъори Робиаи Балхӣ, афзун бар рӯйкардҳои матншиносона, баҳрагирӣ аз фаъолиятҳои амалӣ, бозофаринии ҳунарӣ дар ин замина метавонад нақши бисёр муассиртареро ифо кунад. Таҷрибаҳои ҳунарӣ дар минтақа, монанди тавлиди филми синамоӣ дар бораи «Ишқи Робиа ва Бектош», дар Афғонистон нишон додааст, ки намоиши тасвирии достони ишқи Робиаи Балхӣ бо Бактош метавонад дар муаррифии воқеъбинонатар аз ишқи заминии Робиа ва пайванд додани насли мухотаби имрӯзиро бо фазои отифӣ ва таърихии замони Робиа бисёр муассир бошад. Ҳамчунин, таҷрибаҳои муваффақ дар арсаи мусиқӣ, бар пояи ашъори баҷомонда аз Робиаи Балхӣ низ ин зарфиятро тақвият кардааст.

Аз ин рӯ, шоиста аст, ки чунин таҷрибаҳо ба гунаи густурда идома ёфта ва дар қолиби тавлиди филмҳои синамоӣ, мусиқиёӣ, театр ва расонаӣ дар ҷуғрофиёи мероси фарҳангии Робиаи Балхӣ тақвият ёбад, то заминаи дарки воқеъбинонатар аз мероси адабии ӯ ва низ ҷилавгирӣ аз хонишҳои ғайритаърихӣ беш аз пеш фароҳам гардад.

Ҳамчунон, номгузории ниҳодҳои омӯзишӣ ва фарҳангӣ, монанди мактабҳо, марказҳои мустақили адабӣ ва фарҳангии занон ба номи Робиаи Балхӣ метавонад ба унвони ёдмони пойдор, нақши муҳимме дар тадовуми ҳофизаи фарҳангӣ-таърихӣ ва муаррифии ҷойгоҳи арҷманди шоир дар зеҳни наслҳои имрӯз ва оянда ифо кунад.

**Адабиёт**

1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Бо тасҳеҳоти ҷадид ва ҳавошӣ ва таъликоти комил ба кӯшиши Саид Нафисӣ. -Теҳрон, 1332. -1082 с.

2. Ансорирод, Саид. Аввалин зани порсигӯй. Дар китоби: Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ). -Душанбе: ТҶБ "Истиқбол", 2010. -228 с.

3. Азизӣ, Башир. Ибни Сино – таҷрибагарои арастуӣ бо пӯшиши навафлотунӣ. /Маҷмуаи мақолоти Симпозиуми байналмилалии "Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ". -Душанбе: "Дониш", 2025. -1286 с. Ва низ руҷуъ шавад ба: Preaet Danay, Nelis Jan. Islam & Christendom, VUB, PRESS, Brussell, 2018. P.188

4. Адавия Робиа – бонуи суфӣ ва шоири арабии садаи дувуми ҳиҷрӣ буда, шайх Аттор дар бахши нуҳуми "Тазкират-ул-авлиё" аз ӯ ба ҳайси суфию авлиё ёд кардааст. Абдулҳусайни Зарринкӯб низ аз ӯ дар китоби "Арзиши мероси суфия" чунин ёд кардааст: "Робиаи Адавия, порсозане аз аҳли Басра, ки аз

пешравони суфия аст” (ниг.: Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси суфия. -Теҳрон: Интишороти Кабир, 1380. С.37). Бинобар шабоҳати номи Робиаи Адавия ва Робиаи Балхӣ, бархеҳо ин ду шахсияти комилан ҷудогонаро дар ҳам омехтаанд, ки баъзан муҷиби муғолата дар суфӣ донистани Робиаи Балхӣ низ гардидааст (ниг.: Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия. -Теҳрон: Интишороти Кабир, 1380. С.37).

5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси суфия. -Теҳрон: Интишороти Кабир, 1380. -316 с.

6. Замон, Муҳаммад Меҳдӣ. Таҳлили ҳавзаҳои маъноии шеъри Робиаи Балхӣ. //Фаслномаи забон ва адабиёти форсӣ. -Теҳрон, соли бисту сеюм, шумораи ҳафтоду ҳашт, 1394.

7. Нафисӣ, Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ. -Теҳрон: Интишороти китобхонаи Ибни Сино, 1341. -683 с.

8. Сарромӣ, Қадамалӣ. Робиаи Адавия ва Робиаи Балхӣ. Дар китоби: Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робаи Балхӣ (маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ). -Душанбе: ТҶБ “Истиқбол”, 2010. -228 с.

9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти дар Ирон. Чопи дувоздаҳум. -Ҷилди аввал. -Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1371.

10. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ул-қудс. -Теҳрон, 1370.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# ИҚБОЛ ВА ЛОИҚ

*Ба содагии ту раҳм омадам дар ин бозор,*
*Ки тангдастию умедвор мегузарӣ.*
*Урфӣ*

Дар мақола дар хусуси таассури устод Лоиқ аз Иқбол изҳори назар шудааст. Муаллиф иқболгароиро дар Тоҷикистон ба Мирсаид Миршакар марбут медонад, зеро маҳз ӯ буд, ки соли 1958 дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» мақолаи «Муҳаммад Иқбол»-ро навишт ва ҳамзамон 220 байт аз ашъори ӯро ба сифати намуна ба хонандагон пешниҳод намуд. Баъдан ин кори ӯро Абдуллоҷон Ғаффоров идома дод, ба тадқиқу нашри осори ӯ пардохт ва роҳро барои ошноӣ ва пайравӣ ба осори ӯ барои шоирони тоҷик ҳамвор кард.

Ба осори Иқбол рӯ овардан дар замони «бозсозӣ» (бозсузӣ) ба авҷ расид. Хосу ом, адибу олим дар он замон инқилоб, озодӣ мегуфтанд ва ба майдонҳо мерафтанд. Хусусан, шеъри «Аз хоби гарон хез!»-и ӯ вирди забонҳо буд. Ҳамагон моту мабҳути Иқбол ва осору шиорҳои инқилобии ӯ гардида буданд. Адибон на танҳо шеърашро мавриди тақлиду пайравӣ, тазмин қарор медоданд, балки бисёре аз одамон номи фарзандонашонро Иқбол, Муҳаммадиқбол мемонданд. Бо як сухан, бозори иқболгароӣ дар кишвар гарм буд. Акнун на фақат Миршакар, балки қариб тамоми адибон, аз ҷумла Қаноат, Бозор, Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар, Зиё Абдулло, Фарзона ва ғайра, дар осорашон ӯро васфу ситоиш мекарданд ва «ҳазрати Иқбол»

ном мебурданд. Албатта, он замон эшон ба эҳсос дода шуда буданд ва моҳияти осори ӯро, ки ташкили давлати исломӣ ва хилофату аморат буд, дарк намекарданд. Устод Лоиқ яке аз ҳамин гуна шоирони иқболгарою иқболситой буд, ки то охири умр аз моҳияти иртиҷоии осори ӯ огоҳ нашуд, ки нашуд.

Бояд гуфт, ки устод Лоиқ аз шеъри Иқбол илҳом мегирифт, мехост, ки мардум бедор шаванд, аз хоби гарон хезанд, худогоҳу худшинос бошанд. Бино бар ин, махсусан аз ибораи «хоби гарон» дар осораш зиёд истифода мекард ва гаронхобонро ба боди интиқод мегирифт. Ӯ мисли адибони дигари он замон танҳо ҷанбаҳои мусбати осори ӯро, ки иборат аз кӯшишу бедорию муборизаву огоҳӣ ва ғайра буд, медид, аммо аз ҷанбаҳои манфии осори вай, ки ташкили давлати исломӣ ва хилофату аморат буд, воқиф намешуд. Бадбахтона, мо дер аз ҳадафи ниҳонӣ ва ниҳоии Иқбол, ки инқилоби исломӣ будааст, бохабар шудем ва фаҳмидем, ки шеъру шоирӣ барои Иқбол василае баҳри иттиҳоди миллатҳои мусулмон будааст. Ин мақсади ӯро, ки дар осору гуфтораш мундариҷ аст, худи олимону идеологҳои давлатҳои исломӣ дар осорашон мутазаккир шудаанд, ки иборат аз ташкили давлатҳои исломӣ будааст, мисли давлатҳои Покистон, Эрону Афғонистон. Лиҳозо, мо имрӯз муваззафем, ки ба осори ӯ назари интиқодӣ дошта бошем, ба афкори хубаш пайравӣ кунем, аз бадаш парҳез намоем ва тибқи манфиатҳои миллӣ ва талаботи давлати демократӣ – дунявӣ ба осори ӯ наздик шавем, то дигарбора фиреб нахурем.

Нависанда Диловари Мирзо дар романи «Борон доғҳоро мешӯяд…» дар бораи Нусратулло Махсум сухан ронда, ҳамчун нависандаи мутаассибу иқболзада ин дуруғи осмониро дар бораи ӯ мебофад: «Мавлавӣ Сафар аз Покистон баргашт… Китоби бисёре овард. Ба вай (Нусратулло Махсум-Ҷ.С.) китоби аллома Иқболи Лоҳуриро туҳфа кард. Шабҳо хобаш намебурд.

Соатҳои дароз бо Мавлоно Муҳаммад Иқбол суҳбат мекард. Аз ӯ маслиҳат мепурсид. Ба суолҳои зиёди хеш миёни ҳарфҳои китоб ҷавоб меҷуст. Ва пеш аз хоб даст ба ҷониби осмон мебардошта мехонд:

*Ё мусалмонро мадеҳ фармон, ки*
*ҷон бар каф бинеҳ,*
*Ё дар ин фарсуда пайкар тоза ҷоне офарин,*
*Ё чунон кун ё чунин!..*
*Ё бикуш дар синаи ман орзуи инқилоб,*
*Ё дигаргун кун ниҳоди ин замону ин замин,*
*Ё чунон кун ё чунин!*

Ва гоҳе ки байти поинро мутолиа кард, бештар дар дили ӯ орзуи инқилоб шӯъла зад:

*Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,*
*Аз ҷафои деҳхудоён кишти деҳқонон хароб!*
*Инқилоб!*
*Инқилоб! Эй инқилоб!» (5,34-35).*

Аммо ҳамагон медонанд, ки устод Миршакар аз аввалкасонест, ки Иқболро ба муҳити адабии Тоҷикистон муаррифӣ кард ва осорашро дар ихтиёри хонандагони тоҷик қарор дод. Аз вай боэҳтиром дар ашъораш ном бурд, ба осораш пайравию тақлид намуд, мисраву абёташро мавриди тазмин қарор дод ва ӯро устод, «шаҳиди сӯзу сози орзуҳо, калиди рози дилҳо» ва ғайра хонд:

*Шаҳиди сӯзу сози орзуҳо –*
*Калиди рози дилҳо-шоир Иқбол*
*Биё, дар кишвари дил сайд бинмой,*
*Туӣ бар мурғи илҳомам пару бол (9, 68-69).*

Аз ҳамин давра васфу ситоиши Иқболи шоир ва «ҳазрати Иқбол»-гӯӣ дар гуфтору осори адибон шоеъ ва муд шуд. Хусусан дар замони «бозсозӣ» (бозсузӣ) ҳама ӯро «ҳазрати Иқбол» ва ба пайравӣ аз ӯ «инқилоб» мегуфтанд, аммо

намедонистанд, ки Иқбол кадом инқилобро дар назар дорад: сурх, сафед, сиёҳ... Лиҳозо, ҳамагон саргарми иқболгароӣ буданд ва шеъри Иқбол шиори рӯз буд. Дар майдонҳо садо медод, хосу омро таҳтушшуои хеш қарор дода буд. Бисёре аз одамон фарзандонашонро Иқбол ва Муҳаммадиқбол ном гузошта буданд. Маркази «Иқболшиносӣ» ташкил шуда буд, ки раисаш адабиётшиноси маъруф Расул Ҳодизода буд. Албатта, дар он замон касе аз оқибати ин амали носавоб намеандешид, зеро эҳсос бар ақл ҳоким буд, зоҳирбинӣ ба ботинбинӣ руҷҳон дошт. Хусусан, аҳли илму адаб дар ин майдон пешгом буданд, ба шеъраш пайравию тақлид менамуданд, мисраву абёташро мавриди тазмин, истиқбол қарор медоданд ва дар навиштаҳояшон барои исботи гуфторашон истифода мекарданд. Бо як сухан, на танҳо ҷомеаи илмиву адабӣ, балки оммаи мардум, аз ҳар табақае, ки бошанд, рӯ ба Иқбол ва осори ӯ оварда буданд. Акнун на танҳо Миршакар, балки соири адибон, аз ҷумла Қаноат, Бозор, Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар, Зиё Абдулло, Фарзона ва ғайра моту мабҳути осор ва шиорҳои инқилобии ӯ шуда буданд ва Иқболу осораш сармашқи кору осорашон қарор гирифта буд. Яке аз ҳамин гуна шоирони иқболгарой устод Лоиқ буд, ки дар гуфтору осораш аз ӯ суд меҷуст ва афкори ӯро ташвиқу тарғиб менамуд. Ӯ на танҳо дар ашъораш, суханрониҳояш, балки дар мақолаҳояш низ аз ӯ ном мебурд ва каломи ӯро ба масобаи пайки «бедорӣ», инқилоб, озодӣ барои тоҷикон тавзеҳу ташреҳ мекард. Шефтагии ҷомеаи тоҷикон ба Иқбол ва осори ӯ то ба ҳадде буд ва алъон ҳам ҳаст, ки бархеҳо ӯро, ки шоири миллии Ҳинду Покистон маҳсуб мешавад, шоири Тоҷикистон муаррифӣ мекарданд ва мекунанд. Чунончи, муаллифи мақолаи «Сухан ва симои Муҳаммад Иқбол Лоҳурӣ дар адабиёти муосири тоҷик» ин корро карда. Ӯ бо як ҷасорат аз шоири тоҷик хондани Иқбол, ки шоири форсизабони (тоҷикзабони) Ҳинду Покистон аст, ба

хонандагон хабар медиҳад. Ва вай барои мисол шеъри устод Лоиқро, ки дар он аз Иқбол бо ибораи «ҳазрати Иқбол» ёд мекунад, меорад ва то ҷое ҷуръат мекунад ва ҷасорат пайдо менамояд, ки Иқболи ҳиндунажодро «ниёгон»-и хеш ба қалам медиҳад. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Дар сари забонҳо қарор доштани номи  Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҳамчун шоир ва файласуфи барҷастаи адабиёти асри гузашта ҷойгоҳи ӯро ба сифати машъалафрӯзу муборизи ақвоми Шарқ муайян менамояд… Ба Иқболи Лоҳурӣ суханварони тоҷик ҷойгоҳи муҳимро қоиланд ва онро (ӯро-Ҷ.С.) дар радифи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ қарор додаанд. Устод Лоиқ Шералӣ ба сифати як чеҳраи барҷастаи адабиёти муосири тоҷик аз Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ чунин ёдоварӣ менамояд:

*Ҳазрати Иқбол, бар мо бад магир,*
*Мо агар дар хоби сакта андарем.*

Ин ҷо бо камоли ҷуръат таъбири «чеҳраи барҷастаи адабиёти муосири тоҷик»-ро дар мавриди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ истифода намудем ва албатта, ин бесабаб нест, зеро воқеан ҳам муборизаҳои ӯ барои пойдории забони форсӣ дар кишвари Ҳинду Покистон ва ҳадафу барномарезиҳои мушаххасаш қобили мулоҳизаву қадршиносист…» (3, 72).

Ба маълумоти муаллифи мақола, ки мисли ҳамаи мо яке аз гумроҳону  фиребхурдагони Иқбол ва осори ӯ маҳсуб мешавад, мерасонем, ки Иқбол ҳеҷ гоҳ шоири форс-тоҷик набуд ва нест, балки шоири миллии нимҷазираи Ҳинду Покистон аст. Мисли тамоми шоирони ин хитта, аз Хусрави Деҳлавӣ то Бедилу Ғолибу дигарон, ки ба номи эътирофшуда ва дар илму адаб қабулшуда, яъне адиби форсизабони Ҳинду Покистон ёд мешавад, на шоири тоҷик, ки ӯро ба мо танҳо забони осор ва динаш наздик мекунад, на нажоду миллаташ. Дигар, ӯ дар Тоҷикистон таваллуд ва зиндагӣ накардааст, балки дар Ҳинду Покистон таваллуд ва эҷод кардааст. Лиҳозо, мо ҳақ надорем,

ки шоири миллии Ҳинду Покистонро аз худ кунем ва шоири миллии тоҷик ва Тоҷикистон ба қалам бидиҳем. Бародарони кишвари Ҳинду Покистон метавонанд аз ин гуна ҷасорату густохии мо ба шур биёянд, эътироз кунанд, ки чаро шоири онҳоро аз худ мекунем ва ба номи аслиаш, адиби форсизабони Ҳинду Покистон, нею ба номи адиби форс-тоҷик ёд менамоем. Эшон ба ин ҳақ ҳам доранд, зеро Иқбол, қабл аз ҳама, шоир ва мутафаккири Ҳинду Покистон аст ва бо ҳамин ном дар кишвараш ва ҷаҳон ёд мешавад. Лиҳозо, мо бояд ин фикри ғалатро аз сар дур намоем, ба худсарӣ роҳ надиҳем, истилоҳоти қабулшударо, ки дар боло зикр кардем, дар мавриди шоирони ин сарзамин, ки солҳост дар илму адабиётшиносӣ шоеъ ва роиҷ аст, вайрон нанамоем, балки ӯро мисли соири шоирони форсигуи ин кишварҳо, яъне ба унвони адиби форсизабони Ҳинду Покистон ном барем. Бехабарӣ ва гумроҳӣ, содалавҳии худро дар пеши соҳибони аслии ин шоир, ки ҳиндуҳо ва покистониҳоянд, ба намоиш нагузорем, зеро ин кор, аз як сӯ, нодуруст, аз сӯи дигар, бароямон айби калон аст, зеро мо ҳеҷ гоҳ, дар тамоми давраҳои таърихи адабиётамон, ҳеҷ адиби кишвари дигарро аз худ накардаем ва ба ин кори носавоб даст назадаем, мо ба ин амал ниёз ҳам надорем, зеро, ба қавли Шиблии Нуъмонӣ, «ашъори форсӣ яктана бо ашъори тамоми дунё баробарӣ мекунад» (4). Дигар, муаллиф бояд бидонад, ки Иқбол ниёкони мо нест. Агар мо ҳар касеро, ки ба забони мо, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ, эҷод кардааст, ниёкони худ хонем, анархия мешавад ва мо ба нажоду миллатҳои мухталиф вобаста мешавем, илму адабамонро тақсим мекунем, ки ин бисёр хатарнок аст. Ниҳоят, муаллифи мақола бояд бидонад, ки Иқбол ҳаргиз барои пойдории ин забон ва тамаддуни аҳли Аҷам ба форсӣ эҷод накардааст, ӯ ҳеҷ гоҳ ғамхори забони мо набуд, балки барои амалӣ кардани ҳадафҳои худ аз он истифода кардааст, яъне барои нашри паёми исломии худ, ки

ба ташкили давлатҳои исломӣ, хилофат ва аморат хулоса ва мунҷар мешавад. Намунаи онҳо Покистон, Ҷумҳурии исломии Эрон ва Аморати Афғонистон, ки охундҳову толибон идора мекунанд, мебошанд. Ба ҳарфи дигар, ташкилшавии Покистону Эрони охундиву Афғонистони толибӣ гуё натиҷаи «муборизаҳои ӯ»-ст ва «ҳадафу барномарезиҳои мушаххасаш қобили мулоҳизаву қадршиносист», ки муаллифи мақола пешниҳод менамояд.

Тавре ки гуфтем, боз мегӯем, ки муаллифи мақола бояд бидонад, ки Иқбол ҳеҷ гоҳ ғамхори мо ва забони мо набуд, барои мо давлати миллию демократӣ намесохт, балки барои сохтани давлати исломию аморату хилофат ҷонкоҳию ҷоннисорӣ мекард, зеро ӯ миллату ватанро инкор менамуд, ҳамчун ҷаҳонватан, мутафаккири исломӣ дар орзуи муттаҳид кардани тамоми мусулмонони олам дар як давлат ё аморату хилофат буд. Азбаски барои нашру тадбиқи ин ғояҳои панисломиаш беҳтар аз забони тоҷикӣ – форсӣ воситае пайдо карда наметавонист, маҷбур шуд, ки англисӣ ва урдуро, ки забони модарии ӯ буд ва ҷуғрофиёи маҳдуди истифода доштанд, канор гузорад ва забони форсиро, ки ба аксари аҳолии Шарқ дастрас буд, барои нашри паёми диниаш интихоб намояд, на барои густариши ин забон ё ғамхорӣ ба аҳли Аҷам, сохтани давлатҳои миллӣ дар ин кишварҳо, балки барҳам задани давлатҳои миллӣ дар ин сарзаминҳо буд, ки намунаи он давлати дунявӣ, миллӣ шоҳаншоҳии Ризошоҳи Паҳлавӣ буд, ки зери ғояҳои Иқбол ва назарияи ӯ ба Ҷумҳурии Исломӣ табдил ёфт. Рӯи кор омадани Афғонистони толибонӣ низ натиҷаи ҳамин таълимоти Иқбол аст. Хушбахтона, дар Тоҷикистон тири ӯ хок хурд ва ин нияти шуми ӯ ҷомаи амал напушид. Неруҳои солими кишвари мо, ба вижа президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки то ҷое аз таълимоти авомфиребонаю зоҳиран озодихоҳонаи ӯ воқиф буданд,

нагузоштанд, ки исломгароёну муздурони таълимоти исломии Иқбол ихтиёри кишварро ба даст бигиранд. Аз ин хотир, сари вақт пеши роҳи эшонро гирифтанд. Имкони сохтани давлати исломиро, ки онҳо мехостанд ва он аз таълимоти Иқбол ба миён меомад, ба онҳо надоданд, балки аз сохти давлати миллию демократӣ дифоъ карданд, зеро давлати демократӣ аз муҳимтарин ва мутараққитарин дастовардҳои башарӣ дар сохти давлатдорӣ то имрӯз дар ҷаҳон аст. Ба қавли Черчил, «ойини демократӣ бадтарин шакли ҳукумат аст, бо вуҷуди ин аз тамоми ойинҳое, ки то кунун озмоиш шудаанд, беҳтар аст» (14).

Зимнан, фикри ташкили давлати исломӣ, ки Осиёи Миёнаро низ дар бар мегирифт, танҳо ба Иқбол ихтисос намегирад, зеро ин тарҳ қабл аз Иқбол аз ҷониби Саид Ҷамолиддини Афғонӣ кашида шуда буд. Тавре ки Ҷовид Иқбол – писари Муҳаммад Иқбол мегӯяд: «Дар соли 1881 мелодӣ Саид Ҷамолиддини Афғонӣ хоби як ҷумҳурии муттаҳиди исломиро дид, ки шомили манотиқи мусулмонишини Шуравӣ дар Осиёи Миёна, шомили Ғарби Ҳиндустон ва Афғонистон низ мешуд». 6 Албатта, ин гуна мақсадро Иқбол низ дар дил дошт. Аз ин рӯ, ӯ дар яке аз бандҳои шеъри машҳури «Аз хоби гарон хез!» – и худ ин маъниро бо сароҳати том эълом дошта ва гуфта буд:

*Ховар ҳама монанди ғубори сари роҳест,*
*Як нолаи хомӯшу асарбохта оҳест.*
*Ҳар зарраи ин хоки гиреҳхурда нигоҳест,*
*Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез!*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!*
*Аз хоби гарон хез! (10,173).*

Ногуфта намонад, ки Иқбол ҳеҷ гоҳ бо забони тоҷикӣ – форсӣ сухан намегуфт, шеър намехонд, балки ба урду ва инглисӣ суҳбат мекард. Бо ин забон, ки барои баровардани ҳоҷат ва ҳадафҳояш мусоидат менамуд, танҳо эҷод мекард,

зеро, тавре ки гуфтем, забонҳои урдуву ингилисиро танҳо аҳолии Покистон медонист, инглисиро бошад, асосан урупоиҳо, аммо ҳадафи ӯ ташкили иттиҳоди мусулмонҳо буд, на иттиҳоде дар Урупою Амрико, ки дар он ҷо инглисӣ густариш дошт. Аммо забони тоҷикӣ – форсиро, баръакс, на танҳо дар Ҳинду Покистон, Туркия, Осиёи Миёна, балки бисёре аз мамлакатҳои Шарқ медонистанд ва ҳоло ҳам медонанд. Аз ин хотир, барои ӯ баҳри ҳар чӣ васеътар паҳн кардани паёмаш забони тоҷикӣ-форсӣ аз соири забонҳои роиҷи замонаш қулайтару муфидтар буд. Тавре ки гуфтем, ӯ бо ин забон танҳо эҷод мекард, он ҳам барои расондани паёмаш, на барои суҳбату суханронӣ, ки барояш чандон муҳим набуд. Мо-содаҳо, ки аз ҳадафҳои ниҳоии Иқбол бохабар набудем, ӯро ғамхору ривоҷдиҳандаи забону адабиёти худ дар нимҷазираи Ҳинд, хайрхоҳи аҳли Аҷам, ҳатто шоири тоҷик – форс медонистему медонем. Лиҳозо, ҳеҷ гоҳ барои аз асорати таълимоти ӯ баромадан саъю талоше накардем, балки ҳарчи бештар ба ҳимояи ӯ, ташвиқи ғояҳои барои миллат ва кишвари мо зарарнок кӯшидем ва алъон ҳам мекӯшем. Барои он ки дар муносибат ба Иқбол ва осори ӯ дигар иштибоҳ нанамоем, бероҳа наравем, фақат афкори мутараққиашро, ки барои давлати миллӣ, дунявии мо муфид аст, бихонему бидонем, аммо аз афкори музиру иртиҷоиаш, ки ташкили давлати исломӣ, хилофату аморат, бо як сухан, ташкили императории исломӣ аст, парҳез намоем, мо ҳоло бо овардани ду далел иктифо менамоем. Якум аз ёддоштҳои Эраҷи Афшор, ки зери номи «Иқбол ба форсӣ сухансаро буд, вале суҳбат намекард», суд меҷуем, дувум аз шеъри Муҳаммад Иқбол»-и Нодири Нодирпур. Эраҷи Афшор гӯяд: «Кушёр, фарзандам, дар интернет ба хабаре таваҷҷуҳ кардааст, ки дар Пешовар интишор ёфта буд ва марбут мешуд ба як маросими адабӣ дар хонаи фарҳанги Эрон ва суханони Зуҳур Аҳмад дар он ҷо.

Матлаб ба ин иборат оғоз мешуд, ки дар савум аз сурудҳои Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба форсии саҳеҳ устувор аст. Медонем, ки рисолаи дуктурияш ҳам дар бораи фалсафа дар Эрон буд. Аммо ӯ ба хати форсӣ наменавишт ва форсӣ суҳбат намекард. Зеро тамрин накарда буд. Дуктур Зуҳур Аҳмад дар маҷлис (11 июли 2002) гуфтааст, ки Иқбол ва Сайид Сулаймон дар октябри 1933 ба Афғонистон рафтанд ва бо Нодиршоҳ дидор карданд. Сафари онҳо барои таҳияи барномаи донишҷӯёни риштаи адабии донишгоҳи Кобул буд. Дар ин сафар Иқбол дар чандин маҳал суханронӣ кард, вале ҳамвора ба забони инглисӣ ё урду. Сайид Сулаймон суханони ӯро ба форсӣ барои ҳозирин тарҷума мекард…» (1,141).

Нодири Нодирпур гӯяд: «Дар кунгурае, ки ба муносибати садумин соли таваллуди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз ҳафтум то ёздаҳуми обонмоҳи 1356 дар Деҳлии Нав ташкил ёфт, ҷуз намояндагони Эрон, фиристодагони кишварҳои дигар ба ду забон: ингилисӣ ва урду сухан гуфтанд ва ин шеър, ки дар вопасин рӯзи он кунгура хонда шуд, эътироз ба чунини амал буд» (9,152). Инак, он шеър, ки «Ба Муҳаммад Иқбол» ном дорад:

*К-андар ин ҷо, дар дили иқлими ту*
*Маҷлисе карданд дар такрими ту,*
*Ҳар кӣ овард аз ту зикре дар миён,*
*Инглисидон шуду урдузабон.*
*Лафзи зебои туро як сӯ ниҳод,*
*Ҳурмати шеъри дарӣ бар бод дод.*
*Гар ту таҷлиле чунин мехостӣ,*
*Аз чӣ қадри порсиро костӣ?*
*Ё ба урду менавиштӣ номаҳо,*
*Ё ба лафзи ингилисӣ чомаҳо.*
*Лек медонам, ки, эй марди шигифт,*
*Ин гунаҳро бар ту натвонам гирифт.*

*Гар дигар бор аз биҳишт ойӣ фуруд,*
*Кай ба ҷуз шеъри дарӣ хоҳӣ суруд.*
*Кошкӣ, номоварони анҷуман*
*Дар китобат хонда буданд ин сухан:*
*«Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,*
*Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст» (9,150-152).*

Акнун бармегардем боз ба муносибати Иқбол ва Лоиқ, ки яке аз ҳаводорону пайравони ӯ буд. Албатта, тақлиду пайравӣ ба афкору осори Иқбол сабабҳои зиёд дошт, аммо муҳимтарини онҳо ҳамон содагароии тоҷикона, бо зеҳни дигарон фикр кардан, таърихро хуб надонистан, тақлид, сармашқҷӯӣ, зоҳирбинӣ, оқибатноандешӣ, истиқлоли фикрӣ надоштан, таассуб, хушбоварӣ, дуруст дарк накардани ҳадафи шоир, моҳияти шеъри вай, ҷанбаҳои мусбату манфии осори ӯ, ҳассосияти зиёд, бо як калом, ба эҳсос такя кардан ва дар тарозуи ақл насанҷидани таровишҳои қалами адиб, ки дар тули асрҳо барои мо суннат шудааст, мебошад, ки мутаассифона, то имрӯз аз онҳо гиребони худро халос карда наметавонем, яъне мо ҳамеша фиреб мехурем ва аробаи холиро мекашему мекашем, ҳатто баъди фаҳмидани моҳияти осори шоир ба ислоҳи худ намепардозем. Ҳамин буд, ки устод Лоиқ то поёни умраш аз моҳияти зиёнбори осори Иқбол ва оқибати номаҳмуди он барои кишвар, миллат воқиф нашуд, ки нашуд, балки ҳамчун мухлису пайрави орову афкори ӯ монд ва дар силки шоирони иқболгарою иқболситой қарор гирифт. Аз осори ӯ дар ин замина метавон даҳҳо мисол овард ва ба қазоват пардохт. Масалан, устод Лоиқ дар «Ғазали тулонӣ» ном шеъраш, ки ҷанбаи қавии интиқодӣ дорад, аз ғафлати миллату кишвару афроди он, аз ҷумла роҳбарон ва хислату кирдорҳои манфии ҳамиллатон, сухан дар миён оварда, иллатҳои ҷомеа ва мардумро як-як мешуморад, ҷаҳлу нодонӣ ва яке аз хусусиятҳои зотии миллатамонро, ки иборат аз содагию

хушбоварӣ маҳсуб мешавад, пеши чашм ҷилвагар сохта, аз он ки миллат дар хоби сакта гирифтор аст, дар ҳолати таназзул қарор дорад, изҳори нигаронӣ менамояд ва аз Иқбол хоҳиш мекунад, ки нисбат ба мо сахт нагирад:

*Мулк сангистону мо бесарварем,*
*Сар ба сар сардору мо бесарварем*
*Кова куву кӯраи оҳангараш?*
*Монда муште нимаҷон сӯзангарем…*
*Дигарон бар госибон зуроваранд,*
*Мо фақат бар асли худ зӯроварем…*
*Дар чаҳи ҷаҳли мураккаб мондаем.*
*Соддапиндору соддабоварем.*
*Пеши насронӣ мусулмонем агар,*
*Аз нигоҳи муслимин мо кофарем.*
*Рӯзу шаб бедор шамси ховарон,*
*Мо зи хоболудагони ховарем.*
*Ҳазрати Иқбол, бар мо сахт магир,*
*Мо агар дар хоби сакта андарем (6, 8-9).*

Дар шеъри «Хурдаҳо», ки лаҳни баёну забони Иқболро дорад, низ шоир мисли шеъри боло назари интиқодӣ ба аҳли ҷомеа дорад, хусусан ба ғофилони миллат метозад ва ӯ ин маъниро ба воситаи як ҳодисаи табиат, яъне заминларза, ки муҷиби аз хоби гарон хестани мардум мегардад, ба намоиш мегузорад:

*Ба гафлат мондагон аз ҳоли миллат кай хабар доранд,*
*Дагалбозон куҷо донанд ин маънии борикро?*
*Замини Тоҷикистон з-он сабаб бисёр меларзад,*
*Ки аз хоби гарон бедор созад халқи тоҷикро… (6,21).*

Шоир дар ин хурдагирӣ аз шеъри «Аз хоби гарон хез»-и Иқбол илҳом гирифта, ба мардуми ғафлатзадаю гаронхобамон бо оҳанги танзу таъриз интиқод намудааст. Маънии болоро шоир дар як дубайтияш низ баён кардааст. Дар он ибораи

«хоби гарон», ки корбурди зиёд дар шеъри Лоиқ пайдо кардааст, боз ҳам як навъ иқтибос аз шеъри машҳури Иқбол «Аз хоби гарон хез», ки солҳо пеш хондану вирди забон кардани он дар байни мардум муд шуда буд, мебошад. Воқеан, ҳамин шеър буд, ки майдоннишинон, суханварон дар нутқу суханрониҳояшон онро замзама мекарданд, бе он ки ба моҳияти он сарфаҳм рафта бошанд, ҳамин шеър буд, ки мардум ба майдонҳо рехтанд, зоҳиран аз хоби гарон хестанд, аммо ин бархостан ботинан аз мурдахоб ҳам батар буд, зеро муҷиби бархурдҳои шаҳрвандӣ ва марги 150 ҳазор сокини кишвар гардид. Эй кош, мардум аз хоби гарон намехестанд ва шояд миллат ба ин фоҷиа рӯ ба рӯ намешуд. Ба қавли Урфӣ:

*Ман, ки бедориям аз хоб тиҳимоятар аст,*
*Маслиҳат нест, ки аз хоби гарон бархезам (15,360).*

Ба ҳар ҳол, эшон он замон аз хоби гарон хестанд, чун «аз хоби гарон хез!» гуфтан муд шуда буд. Устод Лоиқ низ мардумро ба бедорӣ даъват мекард ва мисли Иқбол мехост, ки аз хоби гарон бархезанд, ба камолот рӯ биёранд, даст ба худсозӣ бизананд. Лиҳозо, мегуфт:

*Ало, эй ҳамватан, хоҳам камолат,*
*Вале аз ин сухан н-ояд малолат.*
*Зи тундар осмон таркид, аммо*
*Ту дар хоби гаронӣ, хуш ба ҳолат! (6,263).*

Албатта, мо аз Иқбол домангир нестем, ӯ ҳеҷ гуноҳ надорад, вай муваззаф аст, ки орзуву ҳадафҳояшро, ба ҳар роҳе, ки бошад, бароварда созад. Гуноҳ аз мост, ки моҳияти осор ва мақсади ӯро дарк накардем. Мо бояд имрӯз баҳуш бошем, аз осори ӯ хубашро бигирем, бадашро як сӯ гузорем, ғафлат наварзем, яъне ба шеъраш назари интиқодӣ дошта бошем ва аз нигоҳи манфиатҳои миллат ва давлат наздик шавем. Ба ҳарфи дигар, мо бояд дар иқболгароӣ ифрот нанамоем, осорашро бихонем, аммо на куркурона, ки то ин дам мехондем, балки

огоҳона ва бамақсад. Дигар, мо бояд ҳаргиз ғофил нашавем, таассуб нанамоем, бетафовут ба тақдири миллату кишвар набошем ва гуфтори зери шоирро меъёр қарор бидиҳем. Агар аз рӯи ин гуфтор амал намоем, ҳаргиз фиреб нахоҳем хурд:

*Қиссаи Заҳҳок, ҳамэдун, бихон*
*Номаи Ҷамшеду Фаридун бихон!*
*Неку бад аз дафтари эшон биҷӯй,*
*Нек ба хотир куну бадро бишӯй. (16,302;3).*

Албатта, агар мо аз оғоз моҳияти осори Иқбол ва мақсади ӯро мефаҳмидем, ба осори ӯ эҳтиёткорона муносибат мекардем, то бар зарарамон анҷом напазирад. Мутаассифона, ҳамон хушбоварии тоҷикона, ки ҳазорон сол дунболагири мост, ҳануз ҳам моро раҳо накарда ва намекунад. Мо аввали корро мебинем, оқибати онро андеша наменамоем, зеро эҳсосро бар ақламон ҳоким кардаем. Устод Лоиқ низ дар силки ҳамин хушбоварон буд, ки на танҳо аз Иқбол меомӯхт, балки ба тарғиби афкору ғояву осораш, ки ба афкору ғояи миллии мо муғойират дошт, мепардохт. Ӯ, ки аз ғафлату худшиносии миллат ҳамеша изҳори нигаронӣ мекард, аз дил нола сар медод, мисли Иқбол бедории миллатро мехост, аммо миллат ҳеҷ не, ки бедор шавад, гуё мурдахобаш бурда бошад, ки бедор намешуд, ки намешуд. Ӯ ин маъниро аз забони борон чунин баён медорад:

*Чи хуш мегуфт борон дар биёбон,*
*Шитобон омадам, рафтам шитобон.*
*Зи шаб то субҳдам хондам тарона,*
*Вале нашнид гӯши сахтхобон (6.202).*

Мусаллам аст, ки устод Лоиқ беш аз ҳама дар китоби «Фарёди бефарёдрас» иқболгароӣ кардааст. Ӯ дар ин замина аз тамоми воситаҳо кор гирифтааст. Масалан, дар шеъри «Алорағми маҳалгароён аз ин шеъри Толиби Қандаҳорӣ ба масобаи катиба суд ҷустааст:

*Агар аз Балх ё аз Қандаҳорем,*
*Ҳама парвардаи як кӯҳсорем.*
*Дар ин дарёи нопайдоканора*
*Ба як киштии тӯфонӣ саворем (7,8).*

Аммо шеъри Толиби Қандаҳорӣ дар пайравии шеъри зерини Иқбол гуфта шудааст, ки на ба маҳалгароӣ, балки ба миллатгароӣ иртибот мегирад, ки Иқбол дар муқобили он қарор дошт ва исломгароиро ташвиқ мекард:

*На афғонему не турку таторем,*
*Чаманзодему аз як шохсорем.*
*Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,*
*Ки мо парвардаи як навбаҳорем (11,84).*

Мутаассифона, мо ки миллати содаем, то ҳол аз маънии ин шеър ва мақсади Иқбол огоҳ нашудаем ва аз он истифода менамоем. Ҳол он ки ғояи ин шеър ба сиёсати миллату кишвари мо, ки давлати миллист, на исломӣ ва пеш аз ҳама, ба арзишҳои миллӣ арҷ мениҳад, на исломӣ ва бемиллатӣ, ки Иқбол ташвиқ мекунад, муғойират дорад. Аммо, ба қавли Ҳофиз, «бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!» (17,32).

Бояд гуфт, ки устод Лоиқ на танҳо ашъори Иқболро пайравию тақлид намудааст, шеъру ғазалу дубайтию рубоиҳои иқболиёна сурудааст, балки бархе аз мисраҳои ӯро тазмин ҳам кардааст. Аз ҷумла дар ин байти ӯ мисраи аввал аз Иқбол аст:

*«Ҳазор бодаи нохӯрда дар раги ток аст»,*
*Умеди бода надорам зи токзори шумо (7,133).*

ки аз ин байти Иқбол гирифтааст:

*Гумон мабар, ки ба поён расид кори муғон,*
*Ҳазор бодаи нохӯрда дар раги ток аст (11,95).*

Лозим ба ёдоварист, ки устод Лоиқ аз мазомини ашъори Иқбол мавфур суд ҷустааст. Аммо судҷӯиаш муҳаққиқона аст, на муқаллидона. Чунончи, дар ин дубайтӣ:

*Кӣ ҳастиву чӣ ҳастӣ, худ надонӣ,*

*Надорӣ ҳамзабону ҳамзабонӣ.*
*Ба дӯши ту агар бори ҷаҳон нест,*
*Чаро ту бори дӯши ин ҷаҳонӣ? (7,192).*

ки як навъ бозсозии ин шеъри машҳури Иқбол аст:

*Мусулмон фоқамасту жандапӯш аст,*
*Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст.*
*Биё, нақши дигар миллат бирезем,*
*Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст (11,259).*

Тавре ки зикр кардем, устод Лоиқ ба даъвати Иқбол аз шеъри «Аз хоби гарон хез» сахт унс гирифта буд. Лиҳозо, аз он ба ҳар навъ дар осораш кор мегирад. Мисли ин байт, ки дар он ошкоро аз номи аллома Иқбол сухан мегӯяд:

*Гуфт алломаи Иқбол, ки бархез зи хоб!*
*Буздиле гуфт, ки фулонист мухотаб, на манам… (7,90).*

Дар дубайтии зер низ устод Лоиқ ҳамон ибораи «хоби гарон»-ро, ки иқтибос аз шеъри машҳури Иқбол аст, истифода кардааст ва гаронхобонро, ки масъулият ва талаботи замонро бар душ намегиранд, ба боди интиқод гирифтааст. Дигар, вай барои барҷастагии фикр ба образи устод Айнӣ талмеҳ задааст, ки ӯ бори таърих ва миллатро бар душ гирифта, дар як лаҳзаи ҳассоси таърих дар эҳёи миллат ва ташкилшавии давлати миллӣ саҳми бузург гузоштааст:

*Туро кай ёди дардиину он буд?*
*Туро кай ҳамрикобӣ бо забон буд?*
*Ҳама бори гарон бар дӯши Айнӣ,*
*Ба дӯши ту фақат хоби гарон буд… (7,181).*

Зимнан, ба иқболгароии устод Лоиқ муҳаққиқон низ ишораҳои зиёд кардаанд. Дар ин замина гуфтори Аскар Ҳаким, Юсуф Акбарзода, Гулназар ва дигарон ҷолиб ва шоистаи ёдовариянд. Чунончи, устод Гулназар дар мавриди рубоиву дубайтиҳои шоир чунин гуфтааст: «Дар рубоиву дубайтиҳои Лоиқ шуру қиёми ошиқонаву риндонаи Бобо

Тоҳири Урён, содагию ширинии сурудаҳои мардум, фалсафи худсозу худгароёнаи аллома Иқбол ҷамъ омадаанд… Азбаски Бобо Тоҳири Ҳамадонӣ ва Иқболи Лоҳурӣ дубайтӣ гуфтаанд, ман танҳо ба нишон додани ҳамоҳангии дубайтиҳои Лоиқ иктифо кардаам, ҳарчанд чунин созгорӣ дар рубоиҳои шоири тоҷик ҳам фаровон ба назар мерасад…

*Иқбол:*
*Ба он миллат сару коре надорад,*
*Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.*
*Лоиқ:*
*Замин безор шуд з-он соҳибоне,*
*К-аз онҳо ҳосилаш беҳосилӣ буд!*
*Иқбол:*
*Ба дарё афту бо мавҷаш даромез,*
*Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.*
*Лоиқ:*
*Ба доман ашк тӯфон карданат чист?*
*Бигар аз домани тӯфонзамире!» (3,44-46).*

Устод Аскар бошад, таассури Лоиқро аз Иқбол дар мисоли як ғазал нишон медиҳад. Ба қавли ӯ, «ғазалҳои Муҳаммад Иқбол ва Соиби Табрезӣ ба василаи шоироне, ки мафоҳиму сухан ва тасвири шеърро дар қолабҳои суннатӣ тоза кардан мехостанд, мавриди истиқбол қарор гирифт… Пайравии Лоиқ аз ғазалҳои Соиб аз солҳои ҳафтодум мушоҳида шуд, вале аз ғазалҳои Иқбол аз солҳои аввали эҷодиёташ-солҳои шастум ба назар мерасад… Ҳарчанд таъсир ва умумияте, ки Муҳаммад Иқбол дар шеъри форсӣ эҷод кард, фақат дар шакли дубайтӣ ва ғазал маҳдуд шуда, соири мафоҳим ва диду бофти бадеиро фаро мегирад, бо вуҷуди ин, мисоле аз таъсири ғазали ӯро меоварем, ки сарчашмаи умумият собит шавад. Муҳаммад Иқбол газале дорад, ки дар ситези ҷони нолон ва ғамгусори ӯ бо муҳити бегонаи шавқ ва ноғамгусор бо тазоду муқобила хеле

устодона нигориш шуда, бар шахсияти ҳассосу дардошнояш меафзояд:

*Ҷонам даровехт бо рӯзгорон,*
*Ҷӯест нолон дар кӯҳсорон.*
*Пайдо ситезад, пинҳон ситезад,*
*Нопойдоре, бо пойдорон.*
*Ин кӯҳу саҳро, ин дашту дарё*
*Не роздорон, не ғамгусорон.*
*Бегонаи шавқ, бегонаи шавқ,*
*Ин ҷӯйборон, ин обшорон.*
*Фарёди бесӯз, фарёди бесӯз,*
*Бонги ҳазорон дар шохсорон.*
*Доғе, ки сӯзад дар синаи ман,*
*Ин доғ кам сӯхт дар лолазорон.*
*Маҳфил надорад, соқӣ надорад,*
*Талхе, ки созад, бо беқаророн.*

Дар ғазали Лоиқ на фақат ҳамин вазну қофия, балки таъбирҳо низ иқтибос шудаанд, ки аломати сахти зери таъсир мондани ӯст. Ғазали Лоиқ ҳам агарчи ба сари худ хуб аст, аммо мартабаи ғазали Иқбол аз назари мафоҳим баланду ҳунар матин, бадеътар аст. Мафоҳиме, ки ғазали Иқбол дар бар дорад, бештар улвӣ аст ва ғазали Лоиқ заминитар аст. Бархурди тазоди эҳсосот дар Иқбол шадид ва дар Лоиқ оромтар аст, ки аз байти аввал пайдост. Иқбол «Ҷонам даровехт бо рӯзгорон» ва Лоиқ «Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон» мегӯяд, ки аз ҳамин мисраъ оҳанги давоми шеър, дар шеъри аввал оҳанги мубориза бо рӯзгор ва дар шеъри дувум оҳанги хоҳиш аз рӯзгор ба гӯш мерасад. Ғазали Иқбол бо истиораи худ хеле бадеъ аст, ки ҷони худро ба ҷӯи нолон ва зиндагиро ба кӯҳсорон, ки пойдори ноғамгусор аст, монанд мекунад. Хоҳиши Лоиқ аз зиндагӣ ба ин шакл зоҳир мешавад, ки камтар тасвирӣ ва бештар зикрӣ аст.

*Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон?*

*Навбатгузорӣ бо ҳақгузорон.*
*Бо сӯзи пинҳон ёд оварам ман*
*Аз ашки ёрон, дар рӯзи борон*
*Бо худ ситезам, бе худ ситезам,*
*Коре надорам бо кинадорон.*
*Чун тангчашмон дунё наҷӯям,*
*Қисмат кунам дил, бо дилфигорон.*
*Дар синаи ман ҷӯшад ҳамеша*
*Сад корзоре бе корзорон.*
*Одам ғанимат, ҳар дам ғанимат,*
*Эй ҳамнасибон, эй ҳамҷаворон.*

Дар байни ғазалҳои Лоиқ боз ин гуна монандиҳоро пайдо кардан мумкин аст, аммо моҳияти масъала дар ин аст, ки шоири тоҷик низ мекӯшад то аз он дидгоҳе, ки аллома Иқбол ба оламу одам менигарад, назар андозад, аммо ин дидгоҳ дастрасии фалсафии соҳибназарашро мехоҳад…» (2,440-442).

Равшан аст, ки устод Лоиқ аз Иқбол на танҳо дар шеърҳояш ёд мекунад, суханашро тақлиду пайравӣ ва тазмин менамояд, мазомини ашъорашро бозсозӣ мекунад, балки дар суханрониву мусоҳибаву мақолаҳояш низ аз ӯ ном мебарад ва аз мақому ҷойгоҳаш сухан дар миён меоварад. Масалан, дар мусоҳибаи «Суҳбати орзуҳо» оид ба ғазал сухан ронда, аз он дифоъ менамояд ва онро жанри инқилобӣ меномад. Барои исботи андешааш ба Иқбол руҷуъ мекунад, ки пайваста дар шеъраш аз инқилоб сухан дар миён меорад: «Ғазал дар зоти худ маншаи исёнгарӣ, инқилобгарӣ ва созандагию барафрозандагӣ доштааст, ҳарчанд инқилоби иҷтимоӣ маҳз аз ғазал сурат нагирифтааст, аммо инқилоби маънавӣ, равонӣ ва рӯҳонӣ аз ӯ сарчашма мегирад… Ғазали Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавии Балхӣ, Соиб, Калим, Ғании Кашмирӣ, Сайидо, Шоҳин ва мисли онҳо инқилобӣ буд, ҳарчанд мисли шеъри Иқбол таъбири мукаррари «Инқилоб» надошт: Ба ёд оред байти Ҳофизро:

*Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,*
*Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме...» (4,73)*

Дигар, ӯ дар мусоҳибаи «Гӯш ба лафзи Рӯдакӣ диҳем!» роҷеъ ба моҳияти шеър ва маънои вожагон ва рӯ ба классикон овардан, бо як сухан, забонро дуруст фаро гирифтан суҳбат карда, калиди кушоиши корро дар мутолиаи шеъри шоирон, аз ҷумла Иқбол, медонад ва мегӯяд: «Фарде, ки ашъори Рӯдакию Фирдавсӣ, Ҳофизу Хайём, Носири Хусрав, Соибу Иқбол ва дигар ситорагони назми Шарқро ба форсӣ мутолиа накардааст худро нотавон мегардонад...» (4,136).

Хулоса, устод Лоиқ низ, чун соири адибони Тоҷикистон, ба Иқбол ба дидаи эҳтиром нигариста, ба осораш пайравӣ намуда, таълимоти инқилобии ӯро ташвиқу тарғиб намудааст. Мутаассифона, ӯ мисли адибони дигари тоҷик танҳо ҷанбаҳои мусбати осори ӯро, ки иборат аз ҳаракату фаъолияту талабу худогоҳию худшиносӣ, мубориза, озодӣ, истиқлол аст, дида, аз ҷанбаҳои манфии он ғофил мондааст. Ба ҳарфи дигар, моҳияти таълимоти инқилобӣ, фалсафаи худии ӯро, ки иборат аз ташкили давлати исломӣ, хилофат ва ё аморат буд, нафаҳмидааст, яъне ба зоҳири ин таълимот, ки басо фиребанда аст, дода шуда, ба ботини он чандон таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Албатта, он замон касе ба ин ҷиҳати осори Иқбол ишора накарда, равшанӣ наяндохта буд. Аммо имрӯз равшан гардид, ки мо дар иқболшиносӣ, ошноӣ бо Иқбол хеле зиёд иштибоҳ карда будем, ба таассуб роҳ дода будем, зеро нигоҳи интиқодӣ надоштем, шитоболуда, куркурона ба осори ӯ наздик шуда будем, бо як сухан, аз ҳадафи Иқбол, ки инқилоби исломӣ буд, пай набурда будем. Имрӯз фаҳмидем, ки падид омадани давлатҳои исломии Покистон, Эрон, Аморати Афғонистон самараи таълимоти Иқбол будааст. Хонандагони азиз, агар бовар надоред, ба гуфтаҳои намояндагони сиёсату илму адаби ин кишварҳо таваҷҷуҳ намоед, ки худи онҳо дар бораи Иқбол ва

таълимоти ӯ чӣ мегӯянд. Аввал сухани донишманди покистонӣ-Меҳрнури Муҳаммадхонро ба хониш мегирем, ки дар бораи Иқбол ва таълимоти ӯ чӣ мегӯяд. Ба қавли ӯ, «шеър ва шоирӣ низ барои Иқбол василаест барои фиристодани паёмҳое ба манзури наздик сохтану иттиҳоди миллатҳои мусулмон, в-агарна, ба қавли худи ӯ:

*Нағма куҷою ман куҷо, сози сухан баҳонаест,*
*Сӯи қатор мекашам, ноқаи безимомро.*

Иқбол дар сурудаҳои худ мусулмононро ба мазарроти ватанпарастӣ ошно сохта ва гуфт: «Ватанпарастӣ ва ислом бо якдигар мутаноқиз ва муғойиранд ва онҳо агар мехоҳанд мусулмони воқеӣ бошанд, бояд худро ба гуруҳҳои нажодӣ тақсим накунанд, зеро ин тафаккур дар ислом нописандида ва мардуд аст… Мавқеъе, ки аллома Иқбол аз ин ақида, ки ислом на миллӣ ва на истеъморӣ таблиғот мекард, пеши вай исломи байналмилалӣ буд, яъне давлати муштараки Иқбол дар хитобаи Аллоҳ ободии худ пешниҳоди таҷзияи Ҳинд ва ташкили кишвари мустақили мусулмононро ироа намуд ва ба ҳамин сабаб вайро падари маънавӣ ва мусаввири Покистон низ ёд мекунанд… Иқбол исломро ба сурати неруи созандае дар ташкили як миллат ба кор бурд ва ҳамин асоси миллати исломӣ буд, ки мунҷар ба ташкили Ҷумҳурии исломии Покистон гардид… Эрон дар назари Иқбол аз кишварҳои бисёр муҳимми исломӣ аст.. Акнун ки мардуми мусулмони Эрон беху буни мулукиятро канда, Ҷумҳурии исломиро ба вуҷуд оварданд, ки алҳақ, инқилоби азиме мебошад… Чунин ба назар меояд, ки дар асари фурупошии импературии коммунистии Шуравӣ ва тамоюли Ҷумҳуриҳои мусулмонишини Осиёи Миёна ба пайвастани Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, ин пешгӯии Иқбол дар шарафи таҳаққуқ ёфтан аст. Албатта, ин амр душманони қарордодии ислом ва ибтикорро ба ваҳшат андохтааст ва онҳо алайҳи ташкили як блуки ҷадиди исломии

мураккаб аз кишварҳои Покистон, Эрон, Афғонистон ва шаш ҷумҳурии мусулмони Шӯравии собиқ (Озарбойҷон, Туркаманистон, Узбакистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирқизистон) даст ба таблиғоти васеъе задаанд… Наҳзати бозгашт ба ислом аз замони Саид Ҷамолиддини Асадободии Афғонӣ шурӯъ шуда буд… Табиист, ки дар инчунин заминаи афкор Иқбол, ки аз орзуҳо ва ормонҳои мазҳабӣ ва таълимоти Қуръон сарчашма мегирад, асари амиқтаре гузошт. Иқбол дар байни тамоми касоне, ки хоҳони бозгашт ба ислом ва Қуръон буданд, асар гузошта, аммо намудаш бештар дар осори дуктур Алии Шариатӣ аст.. Афкори аллома Иқбол дар Оятуллоҳи Хоманаӣ, роҳбари муаззами Инқилоби исломӣ низ асари амиқе доштааст… Оятуллоҳи Хоманаӣ мефармоянд: «Аз бародарон ва хоҳарон хоҳиш мекунам, ки иҷоза бидиҳанд, самимона ва мисли касе, ки солҳо муриди Иқбол буда ва дар зеҳни худ бо Иқбол зистааст, дар ин ҷо ҳарф бизанам… Назар ба ҳамин таъсири афкори худам дар Эрон буд, ки Иқбол гуфта буд: «Навои ман ба Аҷам оташи куҳна афрӯхт».

Аз ин гуфтаи Иқбол бармеояд, ки ӯ ба дурбинӣ ва фаросати худ дарёфта буд, ки афкори вай бар дилу андешаи эрониён таъсир хоҳад гузошт ва интизор дошт, ки баъд аз чанде он ҷо ҳарорати даруниаш чун куҳи оташфишон шуълавар хоҳад шуд ва аз он инқилобе, ки мумкин аст аз тамоми инқилобҳои ҷаҳон бозӣ бибарад, намудор хоҳад шуд. Ин пешгӯии Иқбол дар мавриди Эрон муддате камтар аз ним қарн пас аз даргузашти Иқбол, бо овардани инқилоби пуршукуҳи исломӣ, ин фармудаи Иқболро таҳаққуқ бахшид. Бо пирӯзӣ ва таҳаққуқи инқилоби шукуҳманди исломии Эрон, дар воқеъ, афкору омоли Иқбол таҳаққуқ ёфтааст, зуҳури раҳбари кабири инқилоб ва вуқуъпазирии ин рухдоди муҳим дар Эронро Иқбол дар ин шеъри худ чунин пешгӯӣ намуда буд:

*Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,*
*Дидаам аз равзани devори зиндони шумо…» (8,21-25).*

Акнун суханони раҳбари идеологии Инқилоби исломӣ Оятуллоҳ Хоманайиро мешунавем, ки дар рӯзи таҷлили Иқбол баён кардааст: «Имрӯз Ҷумҳурии Исломӣ, ки ормони Иқбол буд, дар кишвари мо (Эрон-Ҷ.С.) таҳаққуқ пайдо кардааст.. Ӯ агар зинда буд, метавонист миллатеро бубинад, ки бар рӯи пойи худ истода ва ҳадаф меофаринад ва бо ҳаракат дар роҳи ин ҳадафҳо ошиқона метозад ва худро даруни чаҳордевори қавмият ва носиюнолизм ва ватанпарастӣ зиндонӣ намекунад. Аз бузургтарин орзуҳои Иқбол, ки дар саросари осори арзишманди ӯ машҳур аст, ҳамин буд, ки битавонад чунин миллатеро дар ин ҷо бубинад ва банда хушҳолам, ки биҳамдуллоҳ, мо орузи Иқболро дар муҳити худ бароварда мебинем… Ба ҳар ҳол, ин Кунгура ҷузви беҳтарин корҳоест, ки анҷом гирифта, аммо ба ин ҳам иктифо набояд кард ва ман аз оқои вазири муҳтарами фарҳанг ва омӯзиши олӣ ва бародарони донишгоҳӣ хоҳиш мекунам, ки дар фикри эҷоди бунёдҳое ба номи Иқбол ва номгузории донишгоҳ, толор, солун ва муассисоти фарҳангӣ ба номи ин шахсияти барҷаста дар кишвар бошанд. Иқбол мутааллиқ ба мо ва мутааллиқ ба ин миллат ва ин кишвар аст. Ҳамон тавр ки оқои дуктур Муҷтабавӣ хонданд ва шунидед, иштиёқ ба мардуми Эронро изҳор мекунад ва мегӯяд:

*Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,*
*Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо.*

ва дар охир мегӯяд.

*Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,*
*Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.*

Ин шеър мазиди ҳарфест, ки дар сабаби наёмадани Иқбол ба Эрон қаблан арз кардам. Ва ӯ ин ҷоро зиндон ва хитоб ба

зиндониён ҳарф мезанад... Ӯ мехоҳад шӯълаеро, ки барафрухтааст, дар Эрон сар бикашад ва интизор дорад дар ин ҷо як муъҷизае бишавад...» (8,6-8).

Бояд тазаккур дод, ки ҳатто дар Тоҷикистон ҳам яке пешвоёни ҷараёни «бозсозӣ» (бозсӯзӣ) Ардамеҳр (Фотеҳи Абдулло), ки он замон ба эҳсос дода шуда, гумроҳ гардида, аз моҳияти осори Иқбол ва ҳадафи ӯ, ки сохтани давлати исломӣ, аморату хилофат буд, огоҳӣ надошт ва масҳури зоҳири осори вай гардида буд, пешниҳод карда буд, ки на танҳо нашри куллиёт, иншои рисолаҳо доир ба рузгору осори вай, балки ашъорашро дар китобҳои дарсӣ (аз синфи як то даҳ) ворид кунем, хиёбону мактабҳоро ба номи ӯ гузорем ва ҳайкалашро дар пойтахт бимонем. Бад-ин маънӣ, ӯ дар мақолаи «Ном ҳам бедор мекунад» чунин мегӯяд: «Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро покистониён падари маънавии хеш мешуморанд, таълифоташро мисли Қуръони мубину маҷид медонанд, хиёбони Исломободу Академияи фарҳанг ба номи азизи ӯ шарафёб шудаанд, лекин дар Душанбе хиёбоне ба исми ӯ нест. Иқбол ба каломи муқаддаси порсӣ дар нимҷазираи Ҳинд тоза ҷоне ато кард, бештари ашъорашро ба ин забон сароид ва мисли пири маънавиаш – Мавлонои Балх дар Аҷам беҳамто гардид. Бояд мо на танҳо куллиёти порсии ӯро пурра ба дасти чоп расонем, доири рӯзгору осораш рисолаҳое фузун нигорем, ашъори бедорбахшашро ба кутуби дарсӣ аз синфи як то синфи даҳ шомил кунем, хиёбону дабистонеро ба номаш ниҳем, балки боз ҳайкалашро дар пойтахтамон гузорем!» (10,16).

Мутаассифона, дар он замон ҳамагон мафтуни зоҳири осори Иқбол буданд, аз моҳияти зиддимиллӣ ва ҳадафи шоир, ки сохтани давлати исломӣ, аморату хилофат буд, огоҳ набуданд (бадбахтона, ҳануз ҳам огоҳ нестанд). Аз ин рӯ, осори зиддимилии ӯро осори миллӣ мепиндоштанд. Масалан, Адаш Истад, ки аз равшанфикрони он замон буд, аз мисраи зери

Иқбол барои посух ба ҳамфикронаш суд меҷӯяд ва мегӯяд: «Баъди чопи мақолаи «Забони миллат – номи миллат» ҷавоне ба ман занг зад ва аз номи бисёр шариконаш гуфт: «Мо-як гурӯҳ ҷавонон аз ин пас бо шумоем. Шуморо дар ҳама ҷо ҳимоя мекунем». Ман ҳам ин минбари газетаро истифода бурда бо мисраи Иқбол гуфтам: «Эй, ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо!»… (10,30).

**Китобнома**


1.Аз ёддоштҳои Эраҷи Афшор. Садои Шарқ, 2016, №3. – С.141.

2.Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор. – Ҷ.4. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.

3.Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 82 с.

4.Дар суҳбати Лоиқ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 253 с.

5.Диловари Мирзо. Борон доғҳоро мешӯяд… Садои Шарқ, 2006, №6. – С.34-35.

6.Лоиқ аввалу охири ишқ. – Душанбе: Маркази фарҳангии арабӣ, 1994. – 272 с.

7.Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. – Душанбе: Адиб, 1977. – 240 с.

8.Меҳрнури Муҳаммадхон. Сайре дар осору афкори Муҳаммад Иқбол-шоир, файласуф ва андешаманди Покистон. Маҷаллаи «Ошно», соли дувум, шумораи ҳафтум, меҳру обонмоҳи соли 1371. – С.12-25.

9.Мирсаид Миршакар. Асарҳои мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 496 с.

10.Мунтахаби ашъори Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 280 с.

11.Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 320 с.

12.Нодири Нодирпур. Мурғи офтоб. Душанбе: Адиб, 1995. – 224 с.

13.Ромиз Абдуллоев. Сухан ва симои Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар адабиёти муосири тоҷик. – Камоли Хуҷандӣ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ. – Хуҷанд, 2015. – С.72.
14.Суханони мондагори Черчил. Миллат, 2 июни соли 2014.
15.Урфии Шерозӣ. Девони ғазалиёт ва рубоиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 536 с.
16.Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. – Ҷ.3. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 392 с.
17.Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.
18.Ҷовид Иқбол. Зиндаруд. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 532 с.
19.Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Ҷ.3. Душанбе, 2016. – 18 с.

**Пирмаҳмад НУРОВ**
*доктори илмҳои филологӣ*

# ВОЖАҲОИ СУҒДӢ ВА СУҒДИТАБОРИ ТОҶИКӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз нигоҳи луғавӣ таҳлил карда шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба дарёфти вожаҳои забонҳои эронии шарқӣ, ба мисли суғдӣ дар ин асар равона карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, азбаски Абулқосим Фирдавсӣ дар замоне (асрҳои X–XI) ин асарро таълиф карда буд, ки таъсири забонҳои шарқии эронӣ ҳанӯз пурра аз байн нарафта буд, метавон интизор дошт, ки дар ашъори поягузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ вожаҳо аз забони суғдӣ дида шавад. Гузашта аз ин,Фирдавсӣ ҳангоми эҷоди асар аз «Худойнома»-ҳои паҳлавӣ, ривоёти шифоҳӣ ва суннатҳои таърихии маҳаллӣ истифода бурдааст, ки бисёре аз ин ривоётҳо дар муҳити Хуросон ва Мовароуннаҳр ташаккул ёфта буданд. Дар ин замина дар асоси таҳқиқоти шарқшиносони шуравию аврупоӣ ва забоншиносони тоҷик ва такя ба фарҳангҳои муосири забони тоҷикӣ аз тарафи муаллиф қариб 250 вожае аз ин асар дарёфт карда шудаанд, ки ба андешаи ӯ ба забони суғдӣ мансубанд ва ё вожаҳое аз забонҳои паҳлавӣ, портӣ, бохтарӣ ё хоразмӣ мебошанд, ки дар забони суғдӣ мавриди истеъмол қарор доштанд. Муаллиф хулоса мекунад, ки дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фардавсӣ вожаҳои суғдӣ бештар дар номҳои ҷойҳо, унвонҳо, истилоҳоти низомӣ ва баъзе сифатҳои қаҳрамонон ба мушоҳида мерасанд. Дар баъзе мавридҳо вожаҳои марбут ба либос, силоҳ, ва урфу одатҳо низ ба назар мерасанд. Гарчанде на ҳамаи онҳоро метавон мустақиман суғдӣ

номид, аммо муҳити фарҳангии Мовароуннаҳр дар ташаккули онҳо албатта нақш дорад.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (асри X–XI) яке аз бузургтарин осори адабиёти форсии дарӣ ба шумор меравад, ки дар заминаи эҳёи фарҳанг ва забони эронии пас аз ислом ба вуҷуд омадааст. Фирдавсӣ дар муҳити Хуросон, ки дар асрҳои IX–X яке аз марказҳои асосии фарҳангӣ ва меросбари мустақими суннатҳои шарқиэронии бостонӣ буд, ба камол расидааст. Бинобар ин, забони ин шоҳасар, ҳарчанд форсии дарӣ аст, аммо дар таркиби луғавии он осори забонҳои куҳани эронӣ, аз ҷумла паҳлавӣ ва забонҳои эронии шарқӣ, ба мисли суғдӣ мушоҳида мегардад.

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ зикр намудаанд, "Маънову мухтавои олии «Шоҳнома» ба зевари лафзи дарӣ, забони софу ноби тоҷикӣ пардоз ёфта, дар матни худ беҳтарин намунаи забони равону расо ва дар айни ҳол содаву покизаи тоҷикӣ - форсӣ – дариро ҳифз намудааст, ки нишони камоли забони модарии мо мебошад ва бо гузашти беш аз ҳазор сол мо ба ҳамин забон гуфтугӯ мекунем. Эъҷози Фирдавсӣ он аст, ки ба ҳамин забони софу содаву равшани тоҷикӣ таърихи чандинҳазорсолаи миллати куҳанбунёди худро бо ҳама фарозу фуруди он ба таҷассуми олии ҳунарии адабӣ расонидааст ва барҳақ ин таърихро эҳё кардааст" [2, 9].

Ҳамин тавр, «Шоҳнома» на танҳо ёдгории адабии форсӣ, балки ойинаи тамаддуни умумиэронист, ки дар он саҳми Суғд ва Осиёи Марказӣ низ инъикос ёфтааст. Воқеан, забони суғдӣ ба шохаи забонҳои шимолу шарқии эронӣ мансуб буда, он тайи асрҳои III-VIII мелодӣ забони байналмилалии Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт ва то Чин нуфуз дошт. Дар асоси маълумоти забоншиносон ва таърихнигорони машҳури

шарқу ғарб забони суғдӣ дар ин ҳавзаҳо аз қарнҳои пеш аз истилои араб ҷойгоҳи забони гуфторӣ ва навишториро ёфта буд. Бо дарназардошти он ки бисёре аз ривоёт ва достонҳои куҳани эронӣ аз ҳамин муҳит ба адабиёти форсӣ гузаштаанд, бо бовар метавон зикр намуд, ки дар «Шоҳнома» вожаҳои суғдӣ бояд фаровон истифода шуда бошанд. Дар матни "Шоҳнома" низ борҳо вожаҳои "суғд", "суғдӣ" ва номи шаҳрҳои қадимии суғдиён - Бухорову Самарқанд борҳо истифода шудаанд.

Мусаллам аст, ки пас аз истилои араб ва густариши ислом, тадриҷан забони суғдӣ ҷойи худро ба форсии дарӣ дод. Бо вуҷуди ин, бисёре аз унсурҳои луғавӣ ва фарҳангии он дар порсии дарӣ боқӣ монданд. Азбаски Фирдавсӣ дар замоне мезист, ки таъсири забонҳои шарқии эронӣ ҳанӯз пурра аз байн нарафта буд, метавон интизор дошт, ки дар ашъори поягузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ осори суғдӣ дида шавад. Чунончи, дар асоси таҳқиқоти шарқшиноси шуравӣ В. Лившитс дар ашъори Рӯдакӣ беш аз 30 вожаи суғдӣ истифода шудааст, аз ҷумла: *огоз, оругда, олугда, патфуз, полик, пасок, чугз, чархушт, рог, роз, гирев, нагз, тим, зандбоф, лод, фажок, фажогин, варг, алфагдан, ёфа, нус* ва ғайра [5, 34–35].

Бояд зикр намуд, ки масъалаи таъсири забонҳои эронии шарқӣ, аз ҷумла забони суғдӣ ба порсии дарӣ дар асарҳои шарқшиносони аврупоӣ Т. Нолдеке [19], В. Ҳеннинг [18], Н. Симс-Вилямс [20],, И.Гершевич [16], шарқшиносони шуравӣ В.С. Расторгуева [13], И.С. Брагинский [4], В.А.Лившитс [9] ва дигарон, забоншиноси эронӣ Б. Қариб [17], ҳамчунин забоншиносони тоҷик Т. Зеҳнӣ [6], С.Мирзоев [11], [12], О. Маҳмадҷонов [10] ва дигарон баррасӣ шудааст, аммо таҳқиқи махсуси вожаҳои суғдӣ дар «Шоҳнома» ҳанӯз пурра анҷом наёфтааст. Тавре маълум аст, Фирдавсӣ ҳангоми эҷоди асар аз «Худойнома»-ҳои паҳлавӣ, ривоёти шифоҳӣ ва суннатҳои

таърихии маҳаллӣ истифода бурдааст, ки бисёре аз ин ривоётҳо дар муҳити Хуросон ва Мовароуннаҳр ташаккул ёфта буданд. "Абулқосими Фирдавсӣ таърихи пурифтихор ва нақлу ривоятҳои паҳлавонию қаҳрамонии ниёгони бузургамонро аз маъхазҳои қадими хаттӣ ва гуфтори шифоҳии ҳамзамононаш, бахусус «Авасто», «Ёдгори Зарирон», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Шоҳномаи Абумансурӣ», худойномаҳо, таърихномаҳо ва андарзномаҳо ҷамъоварӣ карда, номаро «зи дафтар ба гуфтори хеш» овардааст ва ба ин восита дар олами суханварӣ ва адабу ҳунар ҷойгоҳи баланд ёфтааст. Ба таъбири дигар, ӯ бо «пайвастани номаи бостон» китоби азиме ба вуҷуд овард, ки ба қавли худаш «аз боду борон наёбад газанд» ва бад-ин васила таъриху фарҳанги дурахшону бостонии моро умри абад бахшид" [2, 7)]. Аз ин рӯ, таъсири луғавию фарҳангии шарқи Эронзамин дар «Шоҳнома» табиӣ менамояд.

Бино ба омӯзишу пажӯҳиши мо, дар асоси таҳқиқоти шарқшиносони шуравию аврупоӣ ва забоншиносони тоҷик оид ба вожаҳои забони суғдӣ, ҳамчунин бо такя ба фарҳангҳои муосири забони тоҷикӣ [1], [14], [15] ва фарҳанги забони суғдии забоншиноси маъруфи эронӣ Б. Қариб [17], метавон гуфт, ки дар "Шоҳнома" вожаҳои забони суғдӣ ва суғдитабори зерин *бо баъзе тағйироти овозӣ* истифода шудаанд (*шояд баъзе аз ин вожаҳо аз забонҳои паҳлавӣ, портӣ, бохтарӣ ё хоразмӣ бошанд, ки дар забони суғдӣ мавриди истеъмол қарор доштанд*):

**Авборидан//Уборидан** – фурӯ бурдан, фурӯ кашидан:

Агар марг касро наявборадӣ,
Зи пиру ҷавон хок биспорадӣ [2, 190].

**Анбоз** – шарик, ҳамроҳ:

Зи ҷое ки буд, шодмон боз гашт,
Ту гуфтӣ, ки бо бод анбоз гашт [3, 13].

**Анбон** – халтачаи чармӣ, кулвор:

Ҳамебуд Шопур то божу сов
Фиристод қайсар даҳ анбони гов [3, 181].

**Анбор** – ҷои анбоштан ва нигаҳдории молу ашё, ғалладона ва ғайра:

Бирезам зи тан хуни анбордор,
Ки ӯ кори Яздон гирифтаст хор! [3, 298].

**Анборидан//Анбоштан** – пур кардан; ғун кардан, ҷамъ намудан; захира кардан:

Биянборам ин рӯди Ҷайҳун ба мушк,
Ба машк оби дарё кунам пок хушк [2, 678].

**Андом** – тан, бадан:

Чу шери жиён ҳар ду ошуфта,
Пур аз хашму андомҳо кӯфта [2, 46].

**Анҷом** – охир, поёни ҳар кор:

Яке он, ки ҳастии ӯ роз нест,
Ба кореш анҷому оғоз нест [2, 144].

**Анҷомидан** – ба поён расидан, анҷом ёфтан:

Чӣ бошӣ ту эмин зи гардуни пир,
Ки фарҷом анҷомадат ногузир [2, 315].

**Анҷуман** – ҷойи ҷамъомади мардум:

Ба назм орам ин номаро – гуфт-ман,
Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман [2, 14].

**Арғанда//Арғунда** – хашмгин, ғазнок:

Яке нома бинвишт наздики Кайд
Чу шере, ки арғанда гардад зи сайд [3, 103].

**Афсурда//Фисурда** – сармозада; яхкарда

Яке марди барно фуру бурда буд,
Ба хуну ба заҳр-андар афсурда буд [3, 249].

**Афсурдан-** хунук шудан, шах шуда мондан:

Чунон шуд, ки бифсурд ҳомуну роғ,
Ба сар-бар наёрист паррид зоғ [2, 45].

**База -** гуноҳ, айб, хато.

Варо аз тани хеш бошад база,
База кай гузинад касе бе маза [3, 291].

**Балуч//Балоҷ** – бӯрё, ҳасир:

Сипоҳе зи гурдони кӯчу балуч,
Сиголидаи ҷанг монанди ғуч [2, 346].

**Барг//Балғ –** узви дарахт ва растаниҳо:

Бар он марзи куҳсор-бар ҳар чӣ буд
Зи барги дарахту зи кишту дуруд [2, 574].

**Бардидан** – дур шудан, эҳтиёт шудан:

Чу дидӣ касе шоҳро дар набард,
Ба овоз гуфтӣ, ки эй шоҳ бард! [3, 400].

**Баркост -** зариф, латиф:

Бад-ӯ гуфт шоҳе гузин ростгар,
Сараш бартару танаш баркосттар [3, 52].

**Барсам** – химчаҳо ё шохчаҳое аз дарахти газ ё анор:

Бирафтанд бо божу барсам ба даст,
Ниёишкунон пеши оташпараст [3, 271].

**Басеч** - тайёрӣ, омодагӣ:

Аз ин пеш, к-ин корҳо шуд басеч,
Набуд хурданиҳо ба ҷуз мева ҳеч [2, 19].

**Басечидан** - омодаву баргузор кардан:

Кунун ман ба дастурии шаҳрёр,
Басечам бад-ин кинавар корзор [3, 302].

**Биёбон//Ёбон –** саҳрои васеи беобу беалаф ва ё каму беш гиёҳҳои худрӯи ёбоӣ дошта, чӯл, дашт:

Нишебу фарозу биёбону кӯҳ,
Ба ҳар сӯ шуданд анҷуман, ҳамгурӯҳ [2, 94].

**Бирён –** чизи дар деги хушки тафсон ё дар равғани доғ пухташуда, зирбондашуда:

Ман аз духти Меҳроб гирён шудам,
Чу бар оташи тез бирён шудам [2, 86].

**Бишкаридан** - дарҳам шикастан, аз миён бурдан, нобуд кардан:

Ҷаҳоно, надонам, чаро парварӣ,
Чу парвардаи хешро бишкарӣ? [2, 291].

**Бишхудан** - харошидан, рӯйканию мӯйканӣ

Бимолид дасташ абар чашму рӯй,
Бару ёл бӯсиду бишхуд мӯй [2, 320].

**Боғ** – қитъаи замини иҳоташудае, ки дар он дарахтони мевадору бемева ва гулҳои гуногун шинонда шудааст:

Яке шаҳр дид андар он диж фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох [2, 336].

**Боғбон –** нигоҳубинкунандаи боғ:

Хуриш сохт чанде зани боғбон,
Зи ҳар гуна чандон, ки будаш тавон [3, 194].

**Бож//Боҷ –** пулу чизе, ки подшоҳони бузург аз подшоҳони зердаст ё мардум мегирифтанд**:**

Ниёкону шоҳони мо то буданд,
Ба ҳар сол боже ҳаме бистаданд [3, 90].

**Бозӣ** – машғулияти шавқу ҳавасангез ё амали дигар барои андармонӣ, дамгирӣ; ҳаракат, ҷунбиш:

На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад [3, 608].

**Бозор –** маҳалли махсуси харидуфурӯш, ки аз раставу дӯконҳои зиёде иборат аст:

Ки «Меҳмон ба чарми хар-андар кӣ дӯхт,
Кӣ бозори кини куҳан барфурӯхт? [3, 200].

**Бозу//Бозок** – қисми болои даст аз китф то оринҷ:

Сипоҳе, ки бинад каманди туро,
Ҳамон бозуи зӯрманди туро [3, 253].

Бок - тарс, хавф, бим:

Чунин дод посух, к-«Аз ин бок нест,
Саранҷоми мардум ба ҷуз хок нест [2, 95].

Бум – замин, хок: сарзамин, кишвар:

Ҳама бораи диж бизад бар замин,
Баровард гард аз бару буми Чин [3, 18].

**Бун** - таг, поён; асл, реша; асос, поя:

Сипаҳдор чун пеш лашкар кашид,
Яке жарфдарёи бебун бидид [3, 9].

**Бунёд//Бунлод** – пойдевор, таҳкурсӣ, поя:

Замин сар ба сар сабз бо доди ту,
Равони хирад гашт бунёди ту [2, 95].

**Бухоро** – шаҳри қадима дар Осиёи Марказӣ:

Чу Шингону чун Тирмизу Висагирд,
Бухорову шаҳре, ки ҳасташ ба гирд [2, 526].

**Век//Вайк** - ҳаргиз, зинҳор; офарин, таҳсин:

Агар шохи бад хезад аз бехи нек,
Ту бо бех тундӣ маёғоз век! [2, 146].

**Вуреб** - уреб, каҷ:

Чу хуршед барзад синон аз нишеб,
Шитоб омад аз рафтан андар вуреб [2, 382].

**Гуреғ** - гурез, гурехтан, фирор кардан:

На гурзу камон ёдат ояд, на теғ,
Набинӣ дари ҷангу роҳи гуреғ [3, 5].

**Гусӣ//Гусел** – равон кардани касе ба ҷое:

Гусӣ кардашон шоду хушнуд шоҳ,
Се манзил ҳамеронд бо ӯ ба роҳ [3, 293].

**Гуселидан** - гусехтан, аз ҳам ҷудо кардан шикастан:

Ҳаме устхони танаш бигусилид,
Рухи ӯ шуда чун гули шанбалид [3, 455].

**Ғав//Ғев** – садои баланд, бонг:

Даманда сияҳдевашон пешрав,
Ҳаме б-осмон баркишиданд ғав [2, 20].

**Ғарв** – ғарав, най; миёнхолӣ:

Кунун чанбарӣ гашт болои сарв,

Тани пилворат ба кирдори ғарв [3, 193].

**Ғирев** – доду фарёд, гиряву зорӣ:

Бад-он ҷойгаҳ бошад Аржангдев,
Ки ҳазмон барорад ғирингу ғирев»[2, 160].

**Ғиревидан –** доду фарёд задан, гиряву зорӣ кардан:

Ғиревид бисёру бурдаш намоз,
Бипурсидаш аз ранҷҳои дароз [2, 160].

**Ғиринг//Ғаранг** – хир-хире, ки аз гиря дар гулӯ падид ояд:

Бад-он ҷойгаҳ бошад Аржангдев,
Ки ҳазмон барорад ғирингу ғирев[2, 160].

**Ғунуд** - роҳат, истироҳат, осудагӣ:

Як имшаб шуморо набояд ғунуд,
Ҳама шаб сари найза бояд бисуд [2, 207].

**Ғуридан//Ғурридан** – оташин шуда, бонг задан:

Ситад найза аз дасти он номдор,
Биғуррид чун тундар аз кӯҳсор [2, 140].

**Ғурм** – меши кӯҳӣ, гӯсфанди модаи куҳӣ:

Ҳаметохт бар ғурму оҳу ба дашт,
Пароканда шуд ғурму ӯ монда гашт [3, 403].

**Ғуч//Қуч** - гӯспанди нар:

Сипоҳе зи гурдони кучу балуч
Сиголидаи ҷанг монанди ғуч [2, 346].

**Давол//Дувол** - банди камар, тасмае, ки аз зери зин бар шиками асп банданд, тасмаи чарми ҳайвонот:

Ба тарк-андар афтод хамми давол,
Сипаҳдори Турон бидуздид ёл [2, 189].

**Дандон** – узви устухонӣ дар даҳони инсон ва ҳайвонот:

Гирифтори фармони Яздон бувад,
В-агарчанд дандон-ш сандон бувад [2, 86].

**Дарахт** – растании дарозумре, ки дорои реша, тана, шоху барг ва гоҳо мева аст:

Гиё руст бо чанд гуна дарахт,

Ба зер-андар омад сароншон ба бахт [2, 12].

**Дареғ** – ҳайфу афсӯс:

Гирифтанд тобути ӯ сар ба зер,
Дареғ ончунон номдори далер! [2, 223].

**Диж//Диз** – қалъа (ҳисор)-и кӯҳӣ:

Ҳамон гаҳ дари диж кушоданд боз,
Бидид ошкоро, надонист роз [2, 63].

**Дижбон//Дизбон** – нигаҳбони қалъа, кутвол:

Маро гуфт, шав сӯи дижбон, бигӯй,
Ки рӯзу шаб орому хушшӣ маҷӯй [2, 63].

**Дижхим//Дужхим –** зишт, бадхӯй, бадхоҳ.

Куҷо ҷои девони дижхим буд,
Бад-он ҷойгаҳ пилро бим буд [2, 150].

**Домод** – марди ҷавони нав зангирифта:

Нагирад зи кори дирам низ ёд,
Аз он пас, ки домоди ӯ шуд Шағод [3, 62].

**Дук –** дастгоҳи хурди бофандагӣ (*дар қадим*), олати ресмонресӣ:

Надорӣ намаксуду ҳезум, на нон,
На шаб дук ресӣ ҳаме чун занон [3, 249].

**Дукдон -** ҷое, ки дукро дар он ҷойгир мекунанд, ҷойи дук:

Аз он ҳар яке пунба бурдӣ ба санг,
Яке дукдоне зи чӯби хаданг [2, 157].

**Дум** - қисми охири ҳар чиз; қафо, ақиб:

Ҳаме кӯфт бар хок руина сум,
Чу тундар хурӯшиду афшонд дум [2, 155].

**Ёзидан** - дароз шудан, қад кашидан:

Зи пеши бузургон биёзид даст,
Бад-он ҷоми май ёхт, бар пой ҷаст [3, 231].

**Ёд** – хотира, ҳофиза:

К-аз ободкардан ҷаҳон шод кард,
Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард [2, 19].

**Ёл** – мӯйи гардани баъзе ҳайвонот монанди аспу хар, шер:

Башу ёл бинеду аспу инон,
Ду дида ниҳода ба нӯки синон [2, 178].

**Ёр** - рафиқ, ҳамроҳ, дӯст:

Магар ёр бошад-т Яздони пок,
Сари ҷодувон андарорӣ ба хок [2, 160].

**Ёристан//Ёрастан** - тавонистан, ҷуръат кардан, тавоноӣ доштан:

Пурандеша шуд, то чӣ омад падид,
Кӣ ёрад бад-ин ҷойгаҳ орамид? [2, 155].

**Ёфа -** беҳуда, ёва, ботил, бемаънӣ, ҳарза, парешон:

Ки «Наздики ӯ файласуфон буванд,
Бад-он кӯш, то ёфае нашнаванд! [3, 513].

**Ёфтан** – пайдо кардан; ба даст овардан, ҳосил кардан, гирифтан:

Падарро ҳаме ҷустию ёфтӣ,
Кунун б-омадан тез биштофтӣ [2, 225].

**Зинда** – инсон ё ҳайвоне, ки дар бадан ҷон дорад, ҷондори дар ҳаёт буда:

Нажоди Фаридун бад-ӯ зинда буд,
Замин наъли аспи варо банда буд [2, 130].

Зиндон – бандихона, ҳабсхона, мабҳас:

Ба рӯзи ҷавонӣ ба зиндон шудӣ,
Бар ин хонаи мустамандон шудӣ [2, 223].

**Зону//Зонок –** банде, ки устухони сонро бо соқи по мепайвандад:

Аз ӯ шоҳ бистад, ба зону нишаст,
Бимолид хонай камонро ба даст [2, 261].

**Истадан//Истодан** - ба по будан; тавақуф кардан; ист кардан; қарор гирифтан, ором шудан:

Наистад кас он паҳлавӣ шоҳро,
Сутӯҳ оварад шоҳи хиргоҳро [2, 683].

**Ишкардан** – шикор кардан; ниг.: **Шикардан:**

Набудӣ ба гетӣ чунин кеҳтарам,
Ки ҳазмон бад-ӯ пилу дев ишкарам [2, 463].

**Кадбону** – соҳибхоназан:

Калидаш ба кадбонуи хона дод,
Танашро бад-он чарми бегона дод [3, 192].

**Кадевар** - деҳқон, барзгар, боғбон:

Кадевар бад-ӯ гуфт: "Аз ин дар маранҷ,
Ки дар хони мо кас наёбад сипанҷ" [3, 261].

**Каниз** – хидматгор:

Аз он сӯи рӯдон канизон буданд,
Зи Дастон ҳаме достонҳо заданд [2, 80].

**Канизак** – зан ё духтари барои хизмат харидашуда (зархарид):

Канизак писар зод рӯзе яке,
Ки аз моҳ пайдо набуд андаке [3, 62].

**Кафч** – оби даҳон:

Фурӯ ҳишта лафчу бароварда кафч,
Ба кирдори қиру шаба кафчу лафч [3, 129].

**Кафш** – пойафзол:

Ба пой-андарун кафшу бар тан гилем
Ба бор-андарун гавҳару зарру сим [3, 10].

**Кеш** – расму оин, қоида:

Бурун рафт бо вижа гурдони хеш,
Ки бо вай яке будашон рою кеш [2, 76].

**Киёр -** лавандӣ, танбалӣ, коҳилӣ:

Бари меҳтари Зарқ шуд бекиёр,
Ки барсам яке з-ӯ кунад хостор [3, 618].

**Кишвар –** сарзамин, мамлакат:

Ки ҷовид дар кишвари Ҳинду Чин
Кунад бар ту-бар ҳар касе офарин» [3, 284].

**Кишт** – киштан, киштукор кардан:

Пароканда бинем говони кор,

Гиё руста аз кишту аз киштзор» [3, 295].

**Киштан –** кишт кардан:

Нависанда бархонду посух навишт,
Ба полези кина дарахте бикишт [3, 287].

**Киштзор//Киштзой –** зой (қитъаи замин)-и киштбоб:

Лигом аз сари асп бардошт хор,
Раҳо кард бар хеду бар киштзор [2, 158].

**Ком** – орзу, майл, ирода; манфиат, суд:

Зи Турон барояд ҳама коми мо,
Барояд ба хуршед-бар номи мо!» [2, 405].

**Комрон –** ба муроду мақсади худ расида; хушбахт, бахтиёр:

Ки ман будам андар ҷаҳон комрон,
Маро буд шамшеру гурзи гарон [3, 36].

**Кор** – фаъолият, амал; шуғл, пеша:

Надонад баду неки фарҷоми кор,
Нахоҳад аз ӯ бандагӣ кирдгор [2, 12].

**Корзор** – майдони набард:

Фароз омадандаш тане сӣ ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор [3, 335].

**Корсон//Користон** - ҷойи кор, маҳалли кор.

Чу Гуштосп омад бар он шорсон,
Ҳаме ҷуст ҷое дар он корсон [2, 655].

**Кофидан** – шикофтан:

Бикофад тиҳигоҳи сарви саҳӣ,
Набошад мар ӯро зи дард огаҳӣ [2, 109].

**Лафҷ//Лафч** – лаби ғафс:

Фурӯ ҳишта лафчу бароварда кафч,
Ба кирдори қиру шаба кафчу лафч [3, 129].

**Мағз** – он чи дар даруни донаки баъзе меваҳо (*аз қабили* зардолу, бодом, писта,чормағз) мавҷуд аст; майнаи сар:

Бад-ӯ гуфт: «Лахте панири куҳун
Або мағзи бодом бирён бикун! [3, 230].

**Мағок** - чуқурии даҳонааш фарох:

Бибуррад пайи бадсиголон зи хок,
Ба рӯи замин-бар намонад мағок [2, 87].

**Майдон –** замини васеъ, ялангӣ:

Агар баҳри ман з-ин ҷаҳони фарох
Набудӣ ҷуз аз боғу майдону кох [3, 319].

**Марғзор** - чаманзор, сабзазор:

Биёсуд чанде зи бахри шикор,
Ҳамегашт дар кӯҳу дар марғзор [3, 364].

**Мард** - ҷинси наринаи инсон:

Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон,
Чи кеҳтар, чи аз тухмаи паҳлавон [2, 26].

**Мардум** – одам, инсон:

Ки мардум ба мардум бувад арҷманд,
Агарчанд бошад бузургу баланд [3, 368].

**Меғ** – абр, туман:

В-аз он дайр чун барқи рахшон зи меғ
Биёмад суи шорсони Вареғ [3, 513].

**Метин** - олати оҳанин барои кандани замин:

Бибурданд метину мардони кор
В-аз он кӯҳ бибрид сад ҷӯйбор [3, 155].

**Меш** – гӯсфанди мода:

Чунин гуфт, к-«Имрӯз разми бузург
Бирафту падид омад аз меш гург [2, 416].

**Миён** – камар, камаргоҳ;

Ҳамаш рангу бӯю ҳамаш қадду шох,
Саворе миёнлоғару барфарох [2, 83].

**Мужда** –хабари хуш:

Биёмад ба мужда бари шаҳрёр,
Ки пардахта шуд шоҳ аз ин корзор [2, 589].

**Муждабар** – расонандаи мужда:

Пас он гаҳ бидод ӯ бад-он чорагар,

Яке даст ҷома бар он муждабар [2, 89].

**Мум** - моддаи нарми равғанмонанди аз хонаи занбӯри асал ҳосилшуда:

Ҳар он гаҳ ки хашм оварад бахти шум,
Шавад санги хоро ба кирдори мум [2, 218].

**Мурғ** – номи умумии парандаҳо:

Замона баросуда аз доварӣ,
Ба фармони ӯ деву мурғу парӣ [2, 21].

**Мурдан** – вафот кардан; қурбон шудан:

Чунин гуфт, к-«Имрӯз мурдан баном
Беҳ аз зиндаву душманон шодком! [3, 90].

**Мурдарӣ** - мерос, меросмонда, тарака:

Шуморо бад-он мурдарӣ хоста,
Бар он гуна-бар дил шуд ороста [2, 250].

**Мулидан//Мӯлидан** - диранг кардан, таъхир кардан, дер кардан.

Бимӯлем, то назди Хусрав шаванд,
Ба даргоҳи ӯ лашкаре нав шаванд [2, 392].

**Набард** - ҷанг, ҳарб, размъ ҷангу ҷидол:

Дигар панҷаҳ андешаи ҷома кард,
Ки пӯшанд ҳангоми базму набард [2, 21].

**Нав** - тоза, ҷадид:

Ба кох андаромад давон Кундрав,
Дар айвон яке тоҷвар дид нав [2, 36].

**Нағз** – хуб, некӯ, писандида:

Фаровон сухан гуфт зебову нағз,
Ҷавонро зи дониш тиӣ буд мағз [2, 23].

**Нағнавидан** – наосоидан, ором нагирифтан:

В-агар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нағнавӣ [3, 86].

**Назд** – пеш, наздик:

Чу пирӯзгар боз гардӣ зи роҳ,

Ба дил шоду хуррам шавӣ назди шоҳ [3, 7].

**Наздик** – қариб:

Ҳар он кас ки наздик ё дур буд,
Гумон мушк бурданд, кофур буд [2, 76].

**Найза –** чӯби дарози сахт, ки дар нӯгаш пайкони оҳанӣ шинонда мешавад**:**

Чӣ гуна занӣ найза дар корзор,
Чу хурдан чунин дорӣ, эй шаҳрёр? [3, 28].

**Намоз** - ситоиш, ниёиш, изҳори итоат, фармонбурдорӣ:

Парирӯи гулрух, бутони Тароз,
Бирафтанду бурданд пешаш намоз [2, 81].

**Нев –** далер, шуҷоъ, диловар, паҳлавон:

Бар он барниҳоданд яксар, ки Гев
Ба Зобул шавад назди солори нев [2, 200].

**Ниё** - бобо, падари падар ё падари модар, падарбузург:

Ва дигар, к-аз он пиргашта ниё
Зи дил дур карда баду кимиё [3, 18].

**Ниёз –** ҳоҷат, эҳтиёҷ:

Чунин то гаҳи зодан омад фароз,
Ба хобу ба ором будаш ниёз [2, 108].

**Ниём** - ғилофи шамшеру ханҷар ва ғайра:

Ҳамон тез ханҷар кашид аз ниём,
На бикшод розу на баргуфт ном [2, 38].

**Нишеб** - фуруд, пастӣ, сарозерӣ:

Яке дар фарозу яке дар нишеб,
Яке бо фузунӣ, яке бо ниҳеб [2, 100].

**Нишем** - ошёна, лона, ҷойи нишаст:

Кунам зинда дар гӯр ҷое, ки ҳаст,
Мабодаш нишему мабодаш нишаст! [3, 295].

**Нишохтан** - нишондан, мондан, таъйин кардан, савор кардан, ҷой додан:

Яке хонаро з-обгина бисохт,

Забарҷад ба ҳар ҷой-андар нишохт [2, 181].

**Нуқра** – филизи гаронбаҳои сафедранг:

Ду хона зи баҳри силеҳи набард,
Бифармуд аз нуқраи хом кард [2, 181].

**Оғашта//Оғишта** – олуда, омехта, таршуда:

Дилаш худ зи тахту кулаҳ гашта буд,
Ба темори Ағрирас оғашта буд [2, 134].

**Оғоз** - ибтидо, нахуст, аввали ҳар чиз:

Кунун боз кардам ба оғози кор,
Суи номаи номвар шаҳрёр [2, 16].

**Оғозидан** – оғоз кардан, ба коре сар кардан:

Агар Файлақӯс ин навиштӣ ба Фӯр,
Ту ҳам расм оғозу бардор шӯр! [3, 109].

**Оғолидан** - ба ҷангу ситез водор кардан, барангехтан, шӯронидан:

Ту лашкар бароғол бар лашкараш,
Аз анбӯҳи мо хира гардад сараш [2, 451].

**Оғордан** – ба ҳам бастан, пайвастан, омехтан:

Агари шохи бад хезад аз бехи нек,
Ту бош охи бад бармаёғор, век [2, 146].

**Оғушта** – таршуда, нармшуда:

Чу Баҳман бародар-шро кушта дид,
Замин зери ӯ чун гил оғушта дид [3, 47].

**Озарм** – якдилӣ, шафқат, муҳаббат:

Туро худ ба дида-дарун шарм нест,
Падарро ба назди ту озарм нест [2, 79].

**Озмун** – имтиҳон, озмоиш:

Дигар он ки бо озмуни хирад
Бикӯшад, ки бо дод гирд оварад [3, 180].

**Озмуда –** кордон, таҷрибанок:

Аз охур биёвард пас паҳлавон
Даҳ аспи савор, озмуда гавон [2, 296].

**Озмудан** – имтиҳон кардан, санҷидан:

Бад-ӯ гуфт шоҳи Самангон: «Чӣ буд?,
Кӣ ёрист бо ту набард озмуд? [2, 191].

**Озурда –** ранҷида:

Ту гар пеши шамшер меҳр оварӣ,
Сарат гардад озурда аз доварӣ [2, 50].

**Озурдан//Озордан** – озор додан, ранҷонидан:

Маёзор касро, ки озодмард
Сар андарнаёрад ба озору дард! [2, 42].

**Олуда** – он чи ба чизи нопок оғишта шудааст:

Чу аз хун дару дашт олуда гашт,
Зи кушта бар ҳар ҷой-бар тӯда гашт [3, 128].

**Олудан** – олуда кардан, чиркин кардан (ё шудан), ба нопокӣ оғушта кардан чизеро ё оғушта шудани чизе:

Бисою биёло дар он хастагиш,
Бубинӣ ҳам андар замон растагиш [2, 109].

**Ор** – шарм, ҳаё:

Пиёда нагардад, ки ор оядаш,
Зи шоҳӣ тани хеш хор оядаш [2, 584].

**Орадан –** овардан:

Гар ӯ сар зи Кайвон фуруд орадӣ,
Равонаш бари ман дуруд орадӣ [3, 44].

**Орамидан-** осуда шудан, роҳат кардан:

Зи диданаш Рӯдоба менорамид,
Ба дуздида дар вай ҳаме бингарид [2, 84].

**Ором**- сокит, хомӯш, осуда:

Маро гуфт, шав сӯи дижбон, бигӯй,
Ки рӯзу шаб орому хушшӣ маҷӯй [2, 63].

**Ороста** – худро орою зиннатдода:

Або пилу бо ганҷу бо хоста,
Ба даргоҳи шоҳ омад ороста [3, 56].

**Оростан** – зинат додан, оро додан:

Чу нон хурда шуд, маҷлис оростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд [3, 63].

**Осеб** – ранҷ, дард, зарбу кӯфт:

Ҳама шаб ба хоб андар осебу шеб,
Зи пайкорашон дил шуда ношикеб [2, 516].

**Осема** - парешон, ҳайрон, парешонхотир; саросема:

Дигар хуфта осема бархостанд,
Ба ҳар ҷой ҷанге биёростанд [3, 190].

**Осмон** – сипехр:

Ки гардон баланд осмон офарид,
Тавоноею нотавон офарид» [3, 191].

**Осуда** – роҳат, ором, фориғ:

Чу осуда шуд, сар ба хурдан ниҳод,
Касеро наёмад зи Баҳром ёд [3, 269].

**Осудан//Осоидан** – истироҳат кардан, фориғ шудан:

Бисоюю биёло дар он хастагиш,
Бубинӣ ҳам андар замон растагиш [2, 190].

**Оташкада** - маҳалли оташ, оташхона.

Чу шуд сохта кори оташкада,
Ҳамон ҷойи Наврӯзу ҷашни Сада [3, 271].

**Офаридан** – аз нестӣ ба ҳастӣ овардан, ба вуҷуд овардан, халқ кардан, эҷод кардан:

Хирад доду гардонсипехр офарид,
Дуруштию тундию меҳр офарид [2, 163].

**Охтан** – кашидан, кашида баровардан:

Бикуштию мағзаш бурун охтӣ,
Мар он аждаҳоро хуриш сохтӣ [2, 26].

**Оштӣ** – сулҳ, созиш:

Ба ҷои ҷаҳон ҷустану корзор,
Мабодам ба ҷуз оштӣ ҳеч кор! [2, 245].

**Ошуфта** – хашмнок, оташин, шӯрида:
Тани пилвораш чу ин гуфта шуд,
Шуд аз ташнагӣ сусту ошуфта шуд [2, 155].

**Ошуфтан** - хашму ғазаб кардан, хашмгин шудан:
Бад-ӯ гуфт Тӯс: «Ин чӣ ошуфтан аст?
Бад-ин дашт пайкори ту бо ман аст!  [2, 386].

**Падруд//Пидруд** - видоъ, хайрухуш, бадруд:
Пас он моҳро шоҳ падруд кард,
Тани хеш тору бараш пуд кард  [2, 84].

**Паём** – пайғом, хабар:
Ба ҳар буму бар, к-ӯ фуруд омадӣ,
Зи ҳар сӯ паёму дуруд омадӣ  [3, 329].

**Пажмон//Пижмон** - ғамнок, маҳзун:
Аз ин ҳар замон нав фиристам яке,
Ту бо дард пажмон мабош андаке  [3, 486].

**Пажмурда –** рангпарида:
Гаронмоя Синдухтро хуфта дид,
Рухаш пажмурида, дил ошуфта дид [2, 90].

**Пажмуридан** – пажмурдан, пажмурда шудан, афсурдан, палосидан, ранг зард шудан:
Бипурсиду гуфташ: «Чӣ дидӣ, бигӯй,
Чаро пажмуридат ду гулбарги рӯй?»  [2, 90].

**Пайғом** – пайк, хабар:
Чу омад, бад-ӯ дод пайғоми Сом,
Аз ӯ Зол бишниду шуд шодком [2, 88].

**Пайғомбар//Пайғамбар** – қосид, фиристода:
Кунун нав шавад дар ҷаҳон доварӣ,
Чу мубад биёяд ба пайғамбарӣ [2, 117].

**Пайғора** - сарзаниш, танбеҳ, маломат, таъна, буҳтон:
Ту рав, боз гардон сипаҳро зи роҳ,

Ба пайғораи душману шарми шоҳ!» [2, 390].

**Пайғула** - кунҷ, гӯша, канора, дахма; ноҳамворӣ:

Ба пайғулае шуд фуруд аз меҳон,
Пур аз дард биншаст хаста ниҳон [2, 658].

**Парваз** – насаб, насл:

Бад-ӯ гуфт ман хеши Гарсевазам,
Ба шоҳ Офаридун кашад парвазам [2, 226].

**Парниён -** ҳарир, матои нафис:

Сараш моҳи заррину бумаш бунафш,
Ба зар бофта парниёни дирафш [2, 257].

**Пархош** - ҷанг, ҷадал, набард:

Сипос аз Худованди ҷонофарин,
К-аз ӯяст орому пархошу кин!» [3, 259].

**Пасудан//Пасовидан** - расидан, молидан, даст молидан, ламс кардан:

Пушаймонӣ ояд ба фарҷом зуд,
Гули орзуро нашояд пасуд [3, 426].

**Патёра** – бало, офат:

Тавонем кардан магар чорае,
Ки бе чорае нест патёрае [2, 28].

**Пиёда** – одами бо пои худ раванда:

Ҳамон гаҳ расиданд наздики шоҳ,
Пиёда шуданд андар он соягоҳ [3, 524].

**Пиростан//Перостан –**ороиш додан; зебу зинат додан:

Ба дебои чинӣ биёростанд,
Табақҳои заррин биперостанд [2, 83].

**Полез//Полиз** – киштзор; ҷое, ки растаниҳои палакӣ ва сабзавот кошта мешавад:

Бигустард кофур бар ҷойи мушк,
Гули арғавон шуд ба полез хушк [3, 182].

**Полезбон** – боғбон:

Бад-ӯ гуфт Шопур к-эй мизбон,

Сухангӯйи пурмоя полизбон! [3, 194].

**Равшан** – ҷое, ки ба он нур тобидааст, мунаввар, тобон, дурахшон:

Чу дарёву чун дашту чун кӯҳу роғ,
Замин шудба кирдори равшан чароғ  [2, 12].

**Рама** – мардум, одамон; галаи гову гӯсфанду асп:

На рӯзаш талоя, на шаб посбон,
Сипоҳ аст ҳамчун рама бешубон [3, 197].

**Рахш** - сурху сафед; рахшон:

Бад-ин рахш монад ҳаме Рахши ӯй,
Валекин надорад паю пахши ӯй!  [2, 216].

**Рев** - макр, фиреб, ҳила:

Туву модарат ҳар ду аз чанги дев
Бурун оваридам ба ройу ба рев [2, 325].

**Реғ/Ореғ** - кина, адоват, нафрат:

Ҷаҳон вижа кардам ба бурранда теғ,
Чаро дорад аз ман ба дил шоҳ реғ?  [2, 697].

**Рек** - нек, хушбахт:

Сухан гуфтани нағзу гуфтори нек
Нагардад куҳан, то ҷаҳон аст рек [3, 377].

**Роғ** - доманаи кӯҳ, чаман, марғзор:

Чу дарёву чун дашту чун кӯҳу роғ,
Замин шуд ба кирдори равшан чароғ [2, 12].

**Рой** - роҳ, равиш:

Ту аз ман мапарҳезу хез, эдар ой,
Ки моро дигаргунатар гашт рой  [3, 55].

**Рон –** қисми болоии пои инсон ё ҳайвон аз камар то зону, сон:

Барангехт аспу бияфшурд рон,
Ба гардан баровард гурзи гарон [2, 325].

**Руспӣ** – зани бадахлоқ:

В-аз он пас чунин гуфт бо саркашон,

Ки «Ин руспизодаи бадნишон [3, 488].

**Рухом** - мармар, навъе аз санг:

Зи сангу зи гаҷ сохта в-аз рухом ,
В-аз он гавҳаре, к-аш надонем ном [2, 276].

**Савор –** он ки бо асп аз ҷое ба ҷое меравад:

Ки «Омад набарда саворе далер
Ба ҳаррои заррин, сиёҳе ба зер! [3, 27].

**Сазидан** – муносиб будан, лоиқ будан:

Падар Молика ном кардаш, чу дид,
Ки духташ ҳаме мамлакатро сазид [3, 189].

**Самарқанд//Самаркант –** шаҳри қадима дар Осиёи Марказӣ:

Бухорову Суғду Самарқанду Чоч,
Сапеҷобу он кишвару тахти оч [2, 248].

**Санг//Санк** – ҷисми сахти кӯҳӣ:

Ба санг-андар оташ аз ӯ шуд падид,
К-аз ӯ равшанӣ дар ҷаҳон густарид [2, 19].

**Санглох** – замини серсанг, серрег:

Чу з-он бигзарӣ, санглох асту дашт,
Ки оҳу бар он-бар наёрад гузашт [2, 159].

**Сарғин** - сурной, як навъи ной:

Хурӯш омаду нолаи карраной,
Дами нои сарғину ҳиндидарой [3, 325].

**Сигол** – андеша, фикр, хаёл:

Бирафтанд ҳар ду ба айвони Зол,
Гирифтанд ҳар ду суханро сигол [2, 481].

**Сиголидан** - фикр кардан, нақша кашидан; қасд намудан; андешидан:

Фузунӣ наҷӯяд, таносон шавад,
Чу бешӣ сиголад, ҳаросон шавад» [2, 416].

**Сипанҷ -** қароргоҳ, бошишгоҳ; меҳмон ; ориятӣ, муваққатӣ:

Кушода дари ганҷу афканда ранҷ,

Бар ойину расми саройи сипанҷ [2, 77].

**Сипардан -** тай кардан; паси сар кардан:

Заминро ба обод кардан гирифт,
Ҳама марзҳоро сипардан гирифт [3, 234].

**Сипос** – ҳамду сано, шукр:

Ҳамегуфт «Сад раҳ зи Яздон сипос,
Ниёиш кунам рӯзу шаб ҳар се пос [2, 231].

**Ситад** - доду гирифт, фурӯшу харид, тиҷорат:

Дари кулбаи номвар боз кард,
Зи доду ситад диж пуровоз кард [3, 11].

**Ситадан** - гирифтан, тасхир кардан, ситондан:

Чу мар додаро боз хоҳӣ ситад,
Чӣ ғам, гар бувад хок он, гар бусад? [2, 68].

**Ситех//Ситеғ** - рост, баланд, қуллаи кӯҳ:

Хам овард пушту синони ситех,
Бизад тунду барканд ҳафтод мех [2, 211].

**Ситез** - ҷанг, мубориза:

Ту хуни сари бегуноҳон марез,
На хуб ояд аз номдорон ситез [3, 270].

**Ситудан** - ситоиш кардан:

Бад-ӯ гуфт: «Ҷонро зудудан ба чист,
Ҳунарҳои танро ситудан ба чист?» [3, 379].

**Ситурдан -** кандан, зоил кардан:

Ҳамакнун туро ҳамчу Комуси гурд
Ба дида ҳаме хок бояд ситурд!» [2, 421].

**Соруҷ** – оҳак, гилоҳак:

Чу соруҷу санг аз ҳаво гашт гарм,
Ниҳоданд кирм андар ӯ нарм-нарм [3, 158].

**Суғд** - сарзамини маъруфи таърихӣ:

Ба Суғд аст бо лашкар Афросиёб,
Сипоҳу сипаҳбад ба ин рӯи об [2, 243].

**Суғдӣ** – мардуми Суғд:

Чӣ суғдию синию чӣ паҳлавӣ,
Нигоридани он куҷо бишнавӣ [2, 21].

**Сутун** – чӯби ғафси дароз, ки онро рост мегузоранд ва он сақфро нигоҳ медорад; *маҷ.* пуштибон, пушту паноҳ, ҳимоя; воситаи пойдории чизе:

Ду наргис дижамму ду абру бахам,
Сутун аст бинӣ чу симин қалам [2, 81].

**Тунбал//Танбул** – ҳила, макр, фиреб:

Ки ӯро замона бар он гуна буд,
Ҳама тунбали деви вожуна буд [3, 553].

**Тобут** – сандуқи чӯбин, ки мурдаро дар он гузошта ба қабристон мебаранд:

Аз он дашт бурданд тобути ӯй,
Суи хаймаи хеш бинҳод рӯй [2, 222].

**Тозидан -** бошитоб рафтан, давидан, тохтан:

Сари саркашон андаромад ба хоб
Зи тозидани бодпоён ба об [3, 34].

**Тундар//Тундур –** ғурриши абр, раъд:

Ситад найза аз дасти он номдор,
Биғуррид чун тундар аз кӯҳсор [2, 140].

**Турунҷ//Туранҷ** - меваест, аз ҷинси лиму ва афлесун:

Май оварду нору турунҷу биҳӣ,
Зидуда яке ҷоми шоҳаншаҳ [2, 464].

**Устухон//Устуғон** - ҳар як аз қисматҳои сахти бадан:

Набинӣ бад-ӯ-андар айвону хон,
Магар пӯшиши ӯ ҳама устухон [3, 139].

**Фағистон** - буткада, ҷойи бутҳо:

Фиристаш ба сӯи шабистони хеш,
Бари хоҳарону фағистони хеш [2, 230].

**Фар(р)** - шукӯҳ, шавкат, азамат, қудрат, бузургӣ:

Ба чашмаш ҳамон хоку ҳам симу зар,

Бузургӣ бад-ӯ ёфта зебу фар [2, 15].

**Фарғар//Парғар//Фалғар** – номи қадимии маҳалле дар водии Зарафшони имрӯза:

Алонону Фарғар ба Луҳросп дод,
Бад-ӯ гуфт, к-"Эй гурди хусравнажод!".

**Фарзанд** – писар ё духтар нисбат ба падару модар:

Наёзорам онро, ки фарзанди туст,
На онро, ки ӯ низ пайванди туст! [3, 8].

**Фаришта** – мавҷуди оқилтар ва бартар аз инсон аст, малак:

Фаридуни фаррух фаришта буд,
Зи мушку зи анбар сиришта буд [2, 39].

**Фармон** – амр, ҳукм:

Ҳаме офарин хонд бар як Худой,
Ки гетӣ ба фармони ӯ шуд ба пой [3, 5].

**Фармудан** - ба коре водоштан, супориш кардан:

Чӣ беҳтар зи фармудану доштан,
В-агар мардро хор бигзоштан? [3, 382].

**Фарох//Фароғ** – кушод, васеъ, паҳновар:

Яке чашма дидам ба даште фарох,
Мар он чашмаро ҳар суе роҳу шох [3, 100].

**Фароз** – боло, баланд, баландӣ:

Басе гаштаам дар фарозу нишеб,
Наям марди гуфтори зарқу фиреб!» [2, 216].

**Фарозидан** - афроштан, баланд бардоштан.

Зи гарди саворону аз юзу боз
Фарозидани найзаҳои дароз [2, 184].

**Фархунда** – муборак, нек; фаррух, саодатманд; хушқадам, ҳумоюн:

Ки Яздон ҳар он ч-ат ҳаво буд, дод,
Саранҷоми ин кор фархунда бод!» [2, 83].

**Фарҷом** - поён, анҷом:

Чӣ ҷӯӣ ҳаме з-ин саройи сипанч,

Ки оғоз ганҷ асту фарҷом ранҷ? [3, 67].

**Фисурдан** - афсурдан, аз сармо беҳис шудан:

Яке абри танг андаромад, на хурд,
Зи сардӣ ҳаме об бар ҳам фисурд [2, 363].

**Фитрок** - тасмаи чармин ё камарбанде, ки барои бастани чизе аз зин овезон кунанд:

Фиристодае чун ҳижабри дижам,
Каманде ба фитрок, бар шаст хам [2, 165].

**Фом** – ранг:

Ҳаво тирафому замин тира гашт,
Ду дида дар ӯ-андарун хира гашт [2, 20].

**Ханда** – ифодаи хушҳолӣ, шодмонӣ ва ё истеҳзо дар одам, ки бо садои махсусе зоҳир мегардад:

Лаби марди барно пур аз ханда шуд,
Ҳаме Рустам он хандаро банда шуд[3, 19].

**Хандидан –** ханда кардан, ханда задан:

Бихандид, хандидани шоҳвор,
Чунон к-омад овозаш аз чоҳсор [2, 490].

**Ханидан** – акси садо пайдо шудан:

Ҳама дашт аз овозашон механид,
Ҳаме рафт то шаҳри Тӯрон расид [2, 487].

**Харҷидан** – гиристан, ашк рехтан:

Бихарҷиду гуфташ, ки "Эй шоҳзод,
Шунав панду аз нав макун сӯг ёд" [2, 229].

**Хед** – гандум ва ҷави тари сабзшудаи норасида.

Лигом аз сари асп бардошт хор,
Раҳо кард бар хеду бар киштзор [2, 158].

**Хим//Хилм** - захм, ҷароҳат, чирк:

Дигар хай бувад он ки хонем хим,
Ки бо ӯ надорад дил аз дев бим [3, 378].

**Хоиск** - путк, болғаи заргарӣ ва мисгарӣ, чаккуш:

Ба пӯлоду хоиски оҳангарон

Фурӯ бурда мисморҳои гарон [2, 475].

**Хор** – гиёҳе, ки дорои неши тези халанда ва харошанда аст:

На гӯё забону на ҷӯё хирад,
Зи хору зи хошок тан парварад[2, 12].

**Хоразм** - номи сарзамини машҳур дар Осиёи Марказӣ:

Басе пеш аз ин кӯшишу разм буд,
Гузар хасмро роҳи Хоразм буд [2, 324].

**Хорсон** – хористон, майдони серхор:

Хирадманд мардум аз он шорсон
Гузида ба ҳомун яке хорсон [2, 103].

**Хотун** - кадбону; хонум, малика, зани хон:

Нигар, то кадом аст бошарму дод,
Зи модар, ки дорад зи хотун нажод! [3, 370].

**Хошок** – алафҳои хушккардашуда ҳамчун хӯроки чорво:

Зи пайкони тир оташе барфурӯхт,
Бар ӯ хору хошоку ҳезум бисӯхт [2, 154].

**Хуррам** - шод, шодмон, хурсанд, дилхуш, масрур:

Чу бишнид Зол ин суханҳои нағз,
Ба дил гашт хуррам гави покмағз [2, 110].

**Хурсанд** – хушнуд; ором:

Тавонгар шавад, ҳар кӣ хурсанд гашт,
Гули навбаҳораш баруманд гашт [3, 175].

**Хуршед** – офтоб:

Бувад ҳар шаб он гоҳ бориктар,
Ба хуршеди тобанда наздиктар [2, 13].

**Хуҷаста** - нек, муборак, фаррух:

Мар ӯро хуҷаста писар буд ҳафт,
Чу огаҳ шуд, аз пеши Баҳман бирафт [3, 153].

**Чангол//Чангул** – нохун, панҷаи ҳайвонот:

Аз он мурғ кас рӯи ҳомун надид,
Ҷуз андому чанголи пурхун надид [3, 5].

**Чарғ** - як навъ парандаи шикории сиёҳранг:

Сагу юз бо чарғу шоҳину боз,
Бибояд кашидан ба роҳи дароз [3, 263].

**Чарм** – пӯст:

Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ ойини чанг[2, 17].

**Чароғ** - абзори торикиафрӯз:

Чу хуршед барзад сар аз тира роғ,
Замин шуд ба кирдори равшан чароғ [3, 79].

**Чафтан//Чафтидан** – хам шудан, хамидан:

Чу шуд соли он подшаҳ бар ду ҳафт,
Бинолиду он сарви нозон бичафт [3, 206].

**Чахидан** - хусумат (ҷанг, душманӣ, муқобилат) кардан; ситеза кардан:

Зи Кобул кӣ бо Сом ёрад чахид,
Кӣ хоҳад ҳаме захми гурзаш чашид? [3, 98].

**Чоплус** - тамаллуқпеша, хушомадгӯй:

Бари меҳтар омад, замин дод бӯс,
Чунончун бувад мардуми чоплус [3, 116].

**Чоч//Чоҷ** - номи қадимии Тошканд:

Гар аз Чоч як пай ниҳӣ пеши рӯд,
Ба нӯки синонат фиристам дуруд! [3, 300].

**Ҷаноғ**- доманаи зин, қоши зин:

Гаронмоя аспон ба зини ходанг
Нишонда гуҳар дар ҷаноғи паланг [2, 493].

**Ҷувол** - халтаи калони пашмин:

Зане бо ҷуволе миён пур зи коҳ
Ҳамебурд пӯён миёни сипоҳ [3, 443].

**Чуғд-** кунгура, ҳисор, қалъа:

В-аз он ҷо биёмад суи марзи Суғд,
Яке нав ҷаҳон дид ороми чуғд [2, 591].

**Ҷуноғ** - зинпӯш, ки аксар аз пӯсти паланг ва матои зарбафт дӯхта мешуд:

Чу барзад сар аз кӯҳ равшан чароғ,
Бибурданд болои заррин ҷуноғ [3, 135].

**Шаб** – торикӣ:

Чу сӣ рӯз гирдаш бипаймоядо,
Ду рӯзу ду шаб рӯй нанмоядо [2, 13].

**Шабдез** – аспи сиёҳ:

Бигуфту барангехт шабдезро,
Надод орамидан дили тезро [2, 122].

**Шабистон//Шабистан** - манзил, хобгоҳ; ҳарамсаро:

Бут андар шабистон фиристод шоҳ,
Бифармуд, то барнишинад ба гоҳ [2, 227].

**Шағаб** –ҳаёҳу, ғавғо, ошӯб:

Чу бигзашт як пос аз он тирашаб,
Биёсуд Тоир зи бонгу шағаб [3, 190].

**Шаман** - бутпараст, санампараст:

Агар тоҷи Эрон супорад ба ман,
Парастиш кунам чун бутонро шаман [2, 20].

**Шанбалид** - як навъ гули зарди хушбӯй:

Ҳаме устхони танаш бигусилид,
Рухи ӯ шуда чун гули шанбалид [2, 455].

**Шангарф –** яке аз навъҳои сангҳои маъданӣ–симоби гӯгирддор, ки гарди сурхи қаҳварангаш дар наққошӣ ба кор меравад; маҷозан: сурхчатоб:

Сари жандаи Зол чун барф гашт,
Зи хуни ялон хок шангарф гашт [2, 144].

**Шарза** – зӯр, қавӣ, пурқувват:

Дили Рустам аз кина омад ба ҷӯш,
Баровард чун шери шарза хурӯш [2, 168].

**Шах** - кӯҳ, кӯҳпора, домани кӯҳ, дара; замини сахт:

Биҷӯшид, гуфтӣ, ҳама регу шах,

Саросар биёбон чу мӯру малах [2, 121].

**Шахудан** - харошидан, захм кардан; пора кардан, реш кардан, озурдан:

Шахуданд рӯю биканданд мӯй,
Гусастанд перояи мушбӯй [3, 647].

**Шеб** - нишебӣ, нишеб, поён:

Ба аспу ба пою ба ёлу рикеб
Савор аз фароз андаромад ба шеб [2, 327].

**Шед** - офтоб, хуршед:

Чу зад бар сари кӯҳ-бар теғ шед,
Ҷаҳон шуд ба сони булӯри сапед [2, 77].

**Шефта** - ошуфта, мадҳуш, девона:

Кият, эй бадандеш, бифрефтаст,
Фиребандаи ту магар шефтаст?! [3, 447].

**Шигарф** - зебо, хуб, дилкаш:

Ҳама мӯйи андоми ӯ ҳамчу барф,
Валекин ба рух сурх буду шигарф [2, 69].

**Шиканҷ** - шиканҷа, азоб:

Або тоҷу бо ганҷ, нодида ранҷ,
Магар зулфашон дида ранҷи шиканҷ [2, 45].

**Шикаридан** - шикор кардан:

Ҳаме буд бӯсу канору набид,
Магар шер, к-ӯ гӯрро нашкарид [2, 84].

**Шикеб** - сабр, ором, таҳаммул:

Ҷавон чиз бинад, пазирад фиреб,
Ба гоҳи дирангаш набошад шикеб [2, 441].

**Шикефтан** - ором шудан, сабр кардан:

Ту бо тоҷ бар тахт нашкефтӣ,
Хирадро бад-ин гуна бифрефтӣ [2, 152].

**Шикор** – сайд кардан:

Биёмӯзаш ороиши корзор,
Нишастангаҳи базму разму шикор [3, 56].

**Шод** - хурсанд, хушҳол:

Дили ман ба гуфтори ӯ ром шуд,
Равонам бад-ин шоду пидром шуд [2, 15].

**Шодком** – хушҳол, шодмон:

Чу бишнид Дороб, шуд шодком,
Ба наздики ӯ рафту бинвишт ном [3, 77].

**Шодмон** – шод, хурсанд, хушҳол:

Тану ҷон-т Яздон нигаҳдор бод!
Дилат шодмон, бахт бедор бод! [2, 69].

**Шох** - шохи дарахт; ҳисса, пора, қисм:

Чу бишнид Рустам, ғамӣ гашт сахт,
Биларзид бар сони шохи дарахт [3, 47].

**Эдар** - ин ҷо, дар ин ҷо:

Туро зинда хоҳам, ки монӣ ба ҷой,
Сари хештан гиру эдар мапой! [2, 290].

**Эдун** - ҳоло, акнун:

Ки эдун шунидастам аз мубадон,
Аз ахтаршиносону аз бихрадон [3, 56].

**Эч** - ҳеч, ҳеч гоҳ, ҳеч вақт:

Набуд эч фарзанд мар Сомро,
Дилаш буд ҷӯё дилоромро [2, 69].

**Якшанбад –** якшанбе:

Ҳамин рӯзаи поки якшанбадӣ,
Зи ҳар дар парастидани эзадӣ [3, 567].

**Яла** - кушода, озод, раҳо, раҳо кардашуда:

Ҳама ҳар чӣ буданд аспон гала,
Ки будӣ ба кӯҳу ба саҳро яла [2, 194].

**Ях** – оби аз шиддати хунукӣ басташуда, оби афсурда:

Чунон шуд, ки гуфтӣ, тарози нах аст,
Ва ё пеши оташ ниҳода ях аст [2, 229].

**Яшк** - дандони калони ҷоғи пеши ҳайвон ва инсон, дандони ашк:

Яке зиштрӯ буду болодароз,
Сару гардану яшк ҳамчун гуроз [2, 169].

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фардавсӣ вожаҳои суғдӣ бештар дар номҳои ҷойҳо, унвонҳо, истилоҳоти низомӣ ва баъзе сифатҳои қаҳрамонон ба мушоҳида мерасанд. Дар баъзе мавридҳо вожаҳои марбут ба либос, силоҳ, ва урфу одатҳо низ дорои хусусиятҳои шарқиэронияанд. Гарчанде на ҳамаи онҳоро метавон мустақиман суғдӣ номид, аммо муҳити фарҳангии Мовароуннаҳр дар ташаккули онҳо албатта нақш дорад.

## Китобнома

1. Айнӣ Садриддин.Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ/ Куллиёт, Ҷилди 19. Душанбе: «Дониш», 2025. - 878 с.

2.Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1. – Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод». -2025. - 792 с.

3. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 2. – Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод». -2025. - 704 с.

4. Брагинский, И. С. Из истории персидско-таджикской литературы. - Москва: - 1972. – 523с.

5. Гулзода Н. Воҳидҳои фразеологии тоҷикии марбут бо калимаи «сар» ва муодили русии онҳо (Аз рӯйи матни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ)/Н.Гулзода//Суханшиносӣ. 2022, №2. – С.10-17.

6. Зеҳни, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 1987. - 235 с.

7. Касимов О. Х. Лексика «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси: автореф. докт. филол. наук: 10.02.22/О.Х.Касимов. - Душанбе, 2011. -53 с.

8. Ќосимова М. Н. Об дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ/М.Н.Ќосимова. -Душанбе: Деваштич, 2003. -102 с.

9. Лившиц, В. А. Согдийская эпиграфика Средней Азии. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ, 2008. - 414 с.

10. Махмаджонов, О.О. Историко-лингвистическое исследование топонимии Гиссарской долины Таджикистана/ автореф. дисс. докт. фил. наук. Душанбе: 2010. – 50 с.

11. Мирзоев, С.Дж. Лексика ягнобского языка/автореф. дисс. канд. фил. наук. – Душанбе: 1998. – 25 с.

12. Мирзозода, С. Луғати яғнобӣ -тоҷикӣ. -Душанбе: Анчумани Деваштич. - 2008.

13. Расторгуева, В. С. Очерки по исторической лексикологии персидского языка. - Москва: - 1963. – 148 с.

14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия. - 1969. Ҷ. 1. - 952 с.; Ҷ. 2. - 952 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе: 2010. Ҷ. 1. - 996 с.; Ҷ. 2. - 1095 с.

16. Gershevitch I. A Grammar of Manichean Sogdian. - Oxford: Basil Blackwell. - 1954. – 308 p/

17. Gharib B. Sogdian dictionary. Sogdian-Persian-English. - Tehran: Farhangan Publications. - 2004. – 650 p.

18. Henning W. B. The Sogdian Texts of Paris/ Bulletin of the School of the Oriental and African Studies. - 1977. - P.231- 258.

19. Holdeке, Teodor. *Das iranische Nationalepos*. Berlin, 1879.- 82 p.

20. Sims-Williams, Nicholas. *The Sogdian Language*. – London: 1985. - 348 p.

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

## БАРХУРДИ ФРИДРИХ НИТШЕ БО АРЗИШҲОИ АНЪАНАВӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳим, ки Фридрих Нитше (1844-1900) ба он диққати ҷиддӣ додааст, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Нақди арзишҳои суннатӣ ё анъанавӣ дар навиштаҳои Ф. Нитше ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Дар муқоиса бо дигар файласуфон Ф. Нитше ба масъалаи нақди арзишҳои суннатӣ таваҷҷуҳи хоса намудааст. Ф. Нитше нақши арзишҳои суннатиро дар ҷомеа ба таври возеҳ баён менамояд. Ӯ нишон медиҳад, ки арзишҳои анъанавӣ куҳна гаштаанд ва замоне фаро расидааст, ки бояд онҳоро бо арзишҳои нав ҷойгузин намуд. Яке аз китобҳое, ки Ф. Нитше дар он ба нақди арзишҳои суннатӣ мепардозад, ин китоби "Чунин гуфт Зардушт" мебошад. Китоби мазкур яке аз китобҳои муҳимтарини соҳаи фалсафа ба ҳисоб меравад. Сабаб дар он аст, ки китоби мазкур як романи фалсафӣ ва адабӣ аст. Тамоми андешаҳои Ф. Нитше дар китоби мазкур аз забони Зардушт гуфта мешаванд. Суханони Зардушт дар китоб ба воситаи тамсилу истиора зикр мегарданд. Аз ин сабаб барои дарки маъниҳои онҳо каме душвориро ба вуҷуд меоранд. Аммо Ф. Нитше дар чандин қисматҳои ин китоб, доир ба нақди арзишҳои анъанавӣ ибрози андеша менамояд.

Бархурди Ф. Нитше бо арзишҳои анъанавӣ яке аз масъалаҳои калидии фалсафаи ӯ ба ҳисоб меравад. Ф. Нитше дар чандин китобҳои дигари худ доир ба ин масъала ибрози андеша намуда аст. Барои ӯ нақди арзишҳои анъанавӣ на ин ки як амали тасодуфӣ аст, балки як ҳуҷумест барои раҳониданидани инсоният аз ин монеа аст. Барои Ф. Нитше пойбандӣ бар арзишҳои суннатӣ ё анъанавӣ инсониятро аз роҳи рушду такомул боз медорад. Сабаб низ ҳамин гардид, ки Ф. Нитше ба муқобили ин арзишҳо бармехезад. Бояд дар назар дошт, ки ӯ душманӣ бо арзишҳои анъанавӣ надошт, балки ӯ чунин мешуморид, ки арзишҳои мазкур боис гардидаанд, инсоният озодӣ ва роҳи истиқлолашро гум кунад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки китоби "Чунин гуфт Зардушт"-и Фридрих Нитше, яке аз китобҳои муҳимтарин ва душворфаҳмтарин китобҳои Ф. Нитше ба ҳисоб меравад. Сабаб дар он аст, ки китоби мазкур як романи фалсафӣ ва адабӣ аст. Тамоми андешаҳои Ф. Нитше дар китоби мазкур аз забони Зардушт гуфта мешаванд. Аммо суханҳои Зардушт дар китоб ба воситаи тамсилу истиора гуфта мешаванд. Аз ин сабаб барои дарки маъниҳои онҳо баъзе душвориро ба вуҷуд меорад. Аммо Ф. Нитше дар чандин қисматҳои ин китоб, доир ба нақди арзишҳои анъанавӣ, ибрози андеша менамояд. Махсусан, дар бахши аввали китоб чунин ба назар мерасад, ки ӯ доир ба се марҳилаи дигаргуншавии руҳи инсон сухан мегуяд. Ин се марҳилаи дигаргуншавии руҳи инсон, маънои онро дорад, ки чигуна инсон аз арзишҳои анъанавӣ ё суннатӣ озод ва раҳо мегардаду арзишҳои нави зиндагии худро месозад.

Марҳилаи аввал марҳилаи шер ном дорад ё ба таври дигар, марҳилаи фармонбардорӣ низ номида мешавад.

Дар ин марҳила инсон табеъи арзишҳои ҷомеа ва арзишҳои суннатӣ ва анъанвӣ қарор дорад. Дар ин марҳила инсон мисли уштур аст. Ҳар он чи ҷомеа бар гардани ӯ бор мекунад, инсон

онро рад карда наметавонад ва онҳоро бечуну чаро иҷро мекунад. Мисли арзишҳои динӣ ва ғайра. Дар ин ҳолат инсон дар бунбаст қарор дорад ва роҳи озодиро намебинад. Роҳи наҷот надорад танҳои пойбанди арзишҳои динӣ ва ҷомеа аст, ки ба монанди уштур ҳар он чи ҷомеа бар души у таҳмил мекунад, бе эътироз онҳоро иҷро менамояд. Инсон фикр мекунад, ки ман бояд ин чунин бошам ва ин ҳама бори сангинро таҳаммул намоям.

Таҳлили навиштаи Ф. Нитше чунин аст, ки ин ҷо уштур бори ахлоқи суннатӣ, аҳкоми динӣ, интизорҳои ҷомеа, арзишҳои таҳмилиро бар душ мегирад. Инсони мазкур, инсони мутеъ, аҳли риёзат яъне инсоне, ки тоб овардан ба ранҷу машаққатро бар уҳда дорад, инсонест, ки дар ҳолати ранҷу азоб кашидан умр ба сар мебарад, фидокорӣ менамояд бидуни хоҳиши худ, ва инкоркунандаи хеш буда ва тобеъи арзишҳои ҷомеа мебошад. Инсон дар ин марҳила қодир нест арзишҳои нав барои зиндагиаш биофаринад. Танҳо мутеъ будан хоси инсон дар ин марҳила мегардад.

Марҳилаи дуюм марҳилаи шер аст. Шер маънои шуриш ва шуришгариро ифода менамояд. Ин ҳолати шуришгарии инсон мебошад, ки ӯ арзишҳои анъанавӣ яъне арзишҳои динӣ ва ахлоқи суннатиро рад мекунад ва ба иқтидорҳо ё маҳдудиятҳои иҷтимоӣ муқобилият менамояд. Дар ин марҳила ӯ ҳануз қодир ба офаридани арзишҳои нав нест. Танҳо бо он чи қабл аз ӯ ба монади ахлоқи суннатӣ, арзишҳои анъанавӣ ва ончи ҷомеа бар души ӯ вогузоштааст, онҳоро рад мекунад ва ба ҳамаи онҳо “Не” мегуяд. Инҷо “Не” гуфтан, маънои муқобилияти инсонро нишон медиҳад.

Марҳилаи сеюм марҳилаи кудак ном дорад. Маънои ин марҳила офариниш ва “Ҳа” гуфтан аст. Дар ин ҷо инсон озод аст, бегуноҳ аст, бозӣ мекунад, арзишҳои нав меофаринад.

Кудак, рамзи офаринандагӣ, оғози нав, фаросуи инсон яъне Абаринсон аст.

Дар қисмати китоби «Чунин гуфт Зардушт», як фасле ҳаст бо номи «Парҳезгорон» ё «Фозилатмандон», ки дар он Нитше ба масъалаҳои бисёр муҳими фалсафии замони худ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад ва махсусан худи мафҳуми фазилат (ахлоқ)-ро дар байни мардум ба таври васеъ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳад. Ф. Нитше дар ин фасл ахлоқи суннатӣ ва он касонеро, ки худро фазилатманд (боахлоқ) нишон медиҳанд, сахт нақд мекунад. Ӯ исбот менамояд, ки бисёре аз он «фазилатҳо»-е, ки дар назари мардум бисёр муҳим ва шоистаи эҳтиром шуморида мешаванд, дар асл он қадар арзиши амиқе надоранд.

Ба андешаи Ф. Нитше, аксар вақт мардум фазилатманд нестанд на аз он сабаб аст, ки рӯҳи қавӣ ва иродаи нерӯманд доранд, балки баръакс, аз рӯйи тарс, роҳатталабӣ ва одат ба итоат намудан аст. Яъне онҳо на аз муҳаббат, меҳрубонӣ ё бузургии рӯҳ, балки аз тарси ҷазо, аз хоҳиши амн будан ва аз одат кардан ба итоаткорӣ «хуб» мешаванд. Аз ин ҷост, ки Ф. Нитше мегӯяд, ки бисёр одамон аксар вақт хубанд, на барои он ки нерӯманд ва озоданд, балки барои он ки чунин рафтор кардан барои онҳо бехатартар ва оромтар аст.

Ҳоло метавон гуфт, ки Ф. Нитше баъзе чизҳоро ҳамчун «фазилатҳо» танқид мекунад ва андешаи ӯ ин нест, ки ин фазилатҳо худи ҳақиқатанд. Ф. Нитше ин фазилатҳоро танқид мекунад, зеро онҳо дар асл бар итоат, фурутанӣ (хоксорӣ), тарс аз ҷазо ва тобоварӣ ба таълимот асос ёфтаанд. Чунин омилҳо боиси ҳадафи нақд қарор гирифтани Ф. Нитше гардиданд.

Ба назари Ф. Нитше дар пушти ин фазилатҳо аксар вақт бузургӣ нест, балки тарс аз ҷазо, хоҳиши таъйид шудан ва тасдиқ гаштани худ, заифии инсонӣ меистад, ки одамро водор мекунад ба фазилат рӯй оварад. Нахостани ҳимоят аз худ ва

муқобилият накардан низ боиси он мешавад, ки инсон ба чунин фазилатҳо майл пайдо кунад.

Ф. Нитше дар китобаш "Фаросуи неку бад" дар бораи ахлоқи табибон сухан мегуяд. Аммо Ф. Нитше бисёр нозукона ва ба таври мустақим ахлоқи суннатиро зери интиқод қарор медиҳад. Чун Ф. Нитше аксар вақт нисбати ахлоқи суннатӣ андешаи манфӣ дошт ва сабабҳояшро низ дар навиштаҳояш зикр менамояд. Аммо дар бахши китобаш ки вобаста ба ахлоқи табибон навишта шудааст, Ф. Нитше исбот менамояд, ки ҳангоме, инсон аз назари биологӣ ва солимӣ қуввати зинда монданро надорад, идома додани чунин зиндагӣ дуруст нест. Яъне барои Ф. Нитше зиндагии инсон бояд пурқувват бошад, бошараф ва маънодор бошад, на ин ки танҳо ба ҷои ӯ асбобҳои нафаскашанда мисли дар беморхонаҳо кор кунанд. Дар ин мисол Ф. Нитше мехоҳад нишон диҳад, ки ахлоқи суннатӣ дар мисоли масеҳият дигар қодир нест барои идома додани ҳаёт. Ё ин ки ояндаи инсониятро ахлоқи суннатӣ сохтан ва равшан кардан наметавонад. Аз ин сабаб Ф. Нитше ба нақд кардани он мепардозад. Аммо дар баробари ҳамаи ин Ф. Нитше объективона ба ин масъалаҳо менигарад ва баҳо медиҳад. Чун баъзеҳо чунин меандешанд, ки Ф. Нитше назари манфӣ дорад, аз ин сабаб ахлоқи суннатӣ дар мисоли масеҳиятро зери танқид қарор медиҳад. Аммо дурусташ ин аст, ки Ф. Нитше ҳамчун файласуф ва як равшанфикр хатарро шинохта ва саъю талош менамояд, ки онро ба инсоният бифаҳмонад ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намояд, ки аксари донишмандон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус намудаанд.

Чигунае, ки ахлоқи суннатӣ махсусан масеҳият мегуяд ин аст, ки ҳаёт ва зиндагӣ муқаддас мебошад. Дар ҳар ҳолат бояд ин ҳаёт нигоҳ дошта шавад. Дар ин ҳолат яъне азоб кашидан барои инсон фазилат аст. Сабру тоқат намудан, худро қурбон кардан барои инсон кори нек ҳисобида мешавад. Аммо худкушӣ

гуноҳи бузург аст. Яъне табиб бояд ҳамеша ҳаётро то охир нигоҳ дорад. Агар ба таври дигар гуем, ҳарчи бештар инсон, яъне бештар ранҷу азоб бикашад ва ба ранҷу азоб тоқат намояд, ӯ ҳамон қадар инсонтар ва ахлоқитар мебошад.

Ба назари Фридрих Нитше, ҳаёт танҳо он вақт арзиш дорад, ки инсон қавӣ, фаъол ва созанда бошад. Яъне зиндагӣ бояд дорои маъно, ирода ва ҳадаф бошад. Фақат нафас кашидан ё зинда мондан ба ҳар қимат ин ҳанӯз «ҳаёти ҳақиқӣ» нест. Ба андешаи Ф. Нитше агар маънои зиндагӣ танҳо нафас кашидан мебуд, пас дастгоҳҳои тиббӣ ҳам метавонанд «зиндагӣ» кунанд. Пас чунин зиндагӣ худфиребӣ аст, на зиндагии воқеӣ. Аз назари Ф. Нитше, азоб кашидан ва нотавонӣ фазилат нест, чуноне ки ахлоқи суннатӣ таълим медиҳад. Ахлоқи суннатӣ мегӯяд, «Касе, ки ранҷ мекашад ва тоқат мекунад, инсони хуб аст». Аммо Ф. Нитше баръакс мегӯяд, ранҷ ва нотавонӣ нишонаи заъф ва таназзул аст, на фазилат. Ӯ чунин мешуморад, ки зиндагии дарозу бо азоби инсони бемор, ин натиҷаи ақли тарсончак аст. Яъне вақте табибон ё ҷомеа ҳар қимат мехоҳанд инсонеро зинда нигоҳ доранд, ки зиндагии ӯ дигар ҳеҷ қувват, шодмонӣ ва офариниш надорад  ин бар зидди табиат аст. Ба ақидаи Ф. Нитше: «Марги огоҳона ва сари вақт беҳтар аст аз зиндагии хору таҳқиромез» [11]. Ахлоқи суннатӣ мегӯяд: инсон бояд ҳамеша ба оянда умед бандад, ҳатто агар зиндагӣ пурра вайрон шуда бошад. Аммо Нитше мегӯяд: агар инсон дигар қувват, оянда ва иродаи зиндагӣ надошта бошад, маҷбур карданаш ба умед бастан, худфиребӣ ва бераҳмӣ аст. Ба назари ӯ, баъзан табиӣ ва дуруст аст, ки зиндагӣ ба поён расад, на ин ки инсон солҳо дар ҳолати таназзул, ранҷ ва беҳудагӣ зинда монад.

Акнун сари масъалае меоем, ки Ф. Нитше чӣ гуна ба танқиди мустақими масеҳият меояд. Ба назари Ф. Нитше, масеҳият маргро бо хавотир ва тарс мегирад. Яъне масеҳият лаҳзаи

маргро пур аз тарс, гуноҳ, ва ҷудоии худ ва Худо тасвир мекунад. Ф. Нитше мегӯяд, масеҳият аз марг як театри даҳшатнок месозад. Он маргро ҳамчун як ҳодисаи даҳшатнок тасвир мекунад, ки заъф ва нотавонии инсонро намоиш медиҳад ва виҷдони ӯро шикаст медиҳад. Ин ҳамон андешаест, ки Ф. Нитше ба таври васеъ ва нақд кардани ахлоқи суннатӣ, махсусан ахлоқи масеҳӣ, баён мекунад. Ахлоқи суннатӣ инсонро ҳатто дар охири ҳаёт бо тарс ва марг маҳкум мекунад. Аз назари Ф. Нитше, ахлоқи суннатӣ ҳеҷ коре барои пешрафти инсоният намекунад. Масалан, вақте ки марг сари вақт ва табиӣ ба ҳаёт меояд, ахлоқи суннатӣ мегӯяд: «То охир таҳаммул кун». Ф. Нитше мегӯяд: вақте ки инсон қувват надорад, ҳангоме, ки шахс дар ҳолати беморӣ ва ниҳоят заифӣ қарор дорад ва дигар умеде надорад, тахминҳои сохта ва умедҳои ғайриақлӣ пешниҳод кардани ахлоқи суннатӣ ба ӯ хатар мерасонанд. Аз ин рӯ, Ф. Нитше ахлоқи суннатиро то андозае ҳамеша танқид мекунад, зеро он зиндагиро дар ҳар ҳолат муқаддас меҳисобад, бе таваҷҷӯҳ ба қувват, ирода ва арзиши воқеии инсон. Ба ақидаи Ф. Нитше, танҳо ҳаёти пурқувват ва созанда арзиши воқеӣ дорад. Ҳаёти заиф ва таназзулёбанда арзиш ва баҳодиҳанда надорад [12].

Бояд гуфт, ки аз ҳама муҳимтарин китоби Фридрих Нитше, ки доир ба нақди арзишҳои суннатӣ ва дини масеҳӣ равона шудааст, ин китоби “Антихрист” ё “Даҷҷол” мебошад. Ф. Нитше дар китоби мазкур бисёр ба таври радикалӣ ба масеҳият ҳамла мекунад. Китоб ба таври васеъ ва бисёр ҷиддӣ ба нақди масеҳият ва ахлоқи суннатӣ мепардозад. Дар китоби “Даҷҷол” менависад: “Набояд масеҳиятро бузург кард ва орост: масеҳият алайҳи навъи олитари инсон то сарҳади марг ҷангида аст, ҳама ғаризаҳои бунёдии ин навъи инсонро матруд (рад кардан) сохта ва аз чакидаи онҳо бадӣ ва фақат бадиро нигоҳ дошта аст” [8].

Дар китоб Ф. Нитше доир ба ин андешаҳо бисёр мисолҳо меорад ва бисёр шарҳ медиҳад. Бояд гуфт, ки Ф. Нитше дар инҷо масеҳиятро ҳамчун дин на барои баланд бардоштани инсон, балки барои паст кардани ӯ ва муқобилият намудан бо қудрат ва нерӯи инсонӣ мубориза нишон медиҳад. Дар инҷо Ф. Нитше дидгоҳи танқидӣ дорад ва андешаҳои наққодонаи худро доир ба арзишҳои масеҳият ва ахлоқи суннатӣ баён менамояд. Ба назари Ф. Нитше масеҳият ҳама инстинктҳо, ғаризаҳои асосии зинда ва қавиро маҳкум намуда, онҳоро бад ё гуноҳ ҳисобид. Яъне масеҳият тарафдори заиф ва нотавонон буда, қавиёнро маҳкум кард. Ин андешаҳои Ф. Нитше, ки бисёр ба таври мустақим дар китобаш оварда мешаванд, моҳияти ва онҷи масеҳият дар назди Ф. Нитше шинохта мешавадро Ф. Нитше ба риштаи сухан медарорад.

Аз дидгоҳи Ф. Нитше, масеҳият ва ҷузъҳои он ба монанди шафқат ва раҳм, аз арзишҳои динӣ ҳастанд, ки ӯ онҳоро таҳлил ва танқид мекунад. Ф. Нитше дар китобҳои худ ба танқиди масеҳият ва ахлоқи суннатӣ мепардозад ва андешаҳои худро дар ин самт баён мекунад.

Ба назари Ф. Нитше ахлоқи суннатӣ, ки раҳм ва шафқатро таълим медиҳад, неру ва қудрати инсонро заиф менамояд. Яъне ҳангоме мо раҳм мекунем, қудрат ва нерӯи ҳаёти худро суст мекунем. Ба андешаи Ф. Нитше: раҳм ва шафқат барои инсон нерӯи ҳаётро заиф мекунад, раҳм, ҳаётро барои заифон ва нотавонон "қобил" мекунад, дар ҳоле, ки онҳо табиатан бояд ҳалок шаванд. Ҳамин тавр, агар масеҳият шафқат ва раҳмро "фазилат" ҳисоб кунад, барои Ф. Нитше ин раҳм ҳеҷ гоҳ ба ҳаёт ва қудрат аҳамият намедиҳад. Масеҳият раҳмро барои заифон ва нотавонҳо нишон медиҳад. Ба назари Ф. Нитше, раҳм нигилизм аст, яъне рад кардани ҳаёт. Раҳм ва шафқат ҳаётро заиф ва бефоида ҳисоб мекунад [10]. Чигунае, ки зикр гардид, маълум мегардад, ки андешаҳои Ф. Нитше дар китоби

«Даҷҷол» бисёртар ба мавзӯи ахлоқ ва махсусан ахлоқи масеҳият равона мегарданд. Сабаб низ дар он аст, ки ба фаҳмиши Ф. Нитше, дин ва ахлоқи масеҳӣ ҳеҷ робитае бо воқеият надоранд, яъне ин ахлоқ ва дин аз воқеият дуранд. Аз назари ӯ, масъалаи ахлоқ на ин ки аз рӯи воқеияти зиндагӣ балки бар пояи фиксияҳо (бофтаҳо) ва хаёлҳои пур аз хато сохта шудаанд.

Чунон ки маълум аст, Ф. Нитше дар китоби «Даҷҷол» дини масеҳиро нақд менамояд. Ба андешаи ӯ, ахлоқ ва дини масеҳӣ ҳеҷ нуқтаи тамос бо воқеият надорад. Ин ҷо Ф. Нитше мехоҳад исбот намояд, ки масеҳият аз зиндагии воқеӣ дур аст ва ин дурӣ наметавонад барои ояндаи инсоният роҳи пешрафт ва воситаи беҳтар кардани зиндагии инсон бошад. Аз ҳамин ҷиҳат Ф. Нитше дин ва ахлоқро, махсусан масеҳиятро, ҷаҳони афсонаҳо ва хаёлҳо меҳисобад [9].

Бояд зикр намуд, ки ҳангоме шароити зиндагӣ дигар мегардад ё ин ки бухронҳое дар ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд меоянд, инсоният маҷбур мегардад дар баробари он саъю талош намояд ва барои муқобилият бо он иқдоме кунад. Аммо шахсоне, ки ба ин фаъолият даст мезананд, шахсиятҳои ҷиддӣ ва дорои иродаи қавӣ мебошанд. Махсусан ҳангоме, ки арзишҳои кӯҳна дигар қодир ба иҷрои ниёзҳои мардум нестанд, шароит чунин шахсиятҳоро ба майдон меоварад. Дар баробари ин Фридрих Нитше яке аз ин шахсиятҳои барҷастаи асри 19-уми Олмон буд, ки ба майдони мубориза баромад ва талоши худро барои ислоҳи ҷомеа равона сохт. Аммо қабл аз ӯ файласуфи Фаронсавӣ Жан Жак Руссо иқдоме намуда буд. Иқдоми ӯ чунин буд, ки аз бемории ҷомеа сухан мегуфт. Аммо дар муқоиса бо Жан Жак Руссо Ф. Нитше ба таври радикалӣ ба мубориза бархост. Эълони Ф. Нитше аз он иборат буд, ки ӯ нишон дод, ки  ахлоқе, ки дар Олмони асри 19 роиҷ буд дар ҳоли фурупошӣ аст. Барои Ф. Нитше шинохти масоили

муҳимми ҷомеа зарур буд ва ӯ онро кашф кард. Нигилизм дар андешаи Ф. Нитше ҷойгоҳи хеле муҳим дошт, зеро ӯ бар ин бовар буд, ки нигилизм ба пешрафти ҷомеа осеби ҷиддӣ мерасонад.

Ҳангоме, ки Ф. Нитше аз нигилизм сухан мегӯяд, мақсади ӯ ба таври аслӣ дин ва ахлоқ аст. Яъне ба андешаи ӯ дин ва ахлоқ на барои рушди шахсият, балки баръакс, барои боздоштани рушду камолоти шахсият хизмат мекунанд, ки ин назари Ф.Нитше мебошад. Яъне дин ва ахлоқ ҳамчун василаи итоаткорӣ дар ҷомеа истифода мешаванд. Хулоса чунин мешавад, ки инсон ба натиҷае мерасад, ки ӯ бояд аз хислатҳои мусбати шахсии худ даст кашад ва ҳатто метавонад аз худ низ бегона шавад, яъне ҳолати бегонасозӣ ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, ҳадаф ва фалсафаи асосии Ф. Нитше дар ин ҷо рушд ва шодии инсон аст, пас ӯ мехоҳад инсонро аз хаёлҳо ва арзишҳои бардурӯғе, ки худи инсон сохтааст, бедор кунад. Ф. Нитсше талош менамояд ба инсон нишон диҳад, ки рӯҳи нави зиндагӣ дар худи мост ва мекӯшад инсонро омода созад, яъне заминаи ҷомеаи навро фароҳам меоварад.

Ба назари Ф. Нитше мушкилии асосие, ки боиси қафомондагии ҷомеаҳо мегардад ин ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ мебошанд. Барои Ф. Нитше шинохти сарчашмаҳои пайдоиши ахлоқ бисёр ҳам муҳим ва зарурӣ буд. Ф. Нитше далел меоварад, ки нақши ахлоқ чигуна таъсире дар зиндагӣ ва пешрафти ҷомеа мегузорад. Ф. Нитше мегуяд: «Ахлоқи ба назари хуби мо, сабаби камбағал шудани тамаддуни мост»[3]. Ба назари Ф. Нитше ахлоқе, ки он заъфу нотавонӣ, тарсу инкор кардани худро ба инсон меомузаду ташвиқ менамояд, барои ояндаи инсоният мусбат набуда, балки манфӣ аст. Он инсонро қавӣ намекунад, дар сурате, ки ахлоқи дуруст ва асосӣ инсонро қавӣ менамояд, аммо ин ахлоқ баръакс роҳи пешрафти ҷомеаро суст карда ҷомеаро маънаван бемор мегардонад[6]. Ф.

Нитше мехоҳад бигӯяд, ки сабаби бемории ҷомеа ахлоқ ва дин мебошанд. Агар ба китобҳои дигари Ф. Нитше таваҷҷуҳ зоҳир намоем, дар аксари ҷойҳои онҳо Ф. Нитше ин масъаларо таъкид мекунад, ки ахлоқи бардагон боис гаштааст, ки инсоният аз роҳи рушду такомул боз истад. Барои Ф. Нитше ахлоқ ва дин занҷирҳое ҳастанд, ки инсонро аз роҳи дониш ва рушд ва доштани иродаи қудрат боз медоранд.

Ф. Нитше инсониятро аз назари ахлоқ ва ахлоқи олӣ баррасӣ мекард. Ӯ намудҳои гуногуни ахлоқро муаррифӣ намуда, онҳоро ташхис ва таҳлил мекунад. Андешаҳои ӯ хусусияти интиқодӣ доштанд. Ф. Нитше ахлоқи ислоҳгароёнро ҳамчун ахлоқи ғуломон меномид ва ахлоқи ашрофонро ахлоқи нерӯманду ҳоким тавсиф мекард. Ҳамчунин, ӯ ахлоқи рӯҳоният ва махсусан ахлоқи масеҳиро мавриди баррасӣ ва интиқод қарор медод. Ба назари Ф. Нитше, андешаҳои ӯ комилан бар хилофи бисёр файласуфон ва китобҳои қаблӣ буданд. Ӯ бар он ақида буд, ки то имрӯз ҳеҷ як низоми ахлоқӣ вуҷуд надоштааст, ки ниёзҳои ҳақиқии инсонро қонеъ созад. Ахлоқ умуман наметавонад ниёзҳои воқеии инсонро таъмин кунад. Хусусан ахлоқи динӣ, ки Ф. Нитсше онро баррасӣ мекунад, аз нигоҳи ӯ нишонаи заъф ва таназзул мебошад. Ба андешаи Ф. Нитсше, ин навъи ахлоқ заъфро ташвиқ ва тақвият медиҳад. Ӯ ҳамеша таъкид мекунад, ки чунин ахлоқ зидди зиндагӣ аст, яъне инсонро водор месозад аз зиндагӣ даст кашад ва арзишҳои зиндагиро инкор намояд. Ба ҷойи беҳтар кардан ва сифатҳои хубро ба инсон нишон додан баръакс, он заъф, ранҷ кашидан ва норизогӣ аз ҳаётро ба инсон меомӯзонад.

Ф. Нитше роҳи ислоҳи инсонро аз мушкилот дар раҳо гаштани инсон аз дин мебинад. Сабаб дар он аст, ки ба назари Ф. Нитше дин, махсусан масеҳият, аз таъсири эҳтиёҷ ва нотавонӣ ба вуҷуд омадааст. Яъне решаҳои дини масеҳият ин таъсири эҳтиёҷ ва нотавонӣ мебошанд. Яъне ин решаҳо

зиндагии воқеии инсонро паст мезананд, инсонро водор менамоянд, ки пешрафт накунад. Барои роҳи пешрафти инсон монеа мегардад. Масеҳият ба назари Ф. Нитше зиндагии ин дунёро бад мешуморад. Ба фаҳмиши Ф. Нитше масеҳият зиндагии воқеӣ, зиндагии имрӯза, зиндагии олами реалӣ, зиндагии дунёиро зиндагии хуб ва мусбат намешуморад. Барои он зиндагии беҳтар баъд аз марг вуҷуд дорад. Ба назари Ф. Нитше тибқи гуфтаҳои масеҳият яъне инсон бояд умедашро ба олами олами рӯҳонии дигар бандад ва ба зиндагии пас аз марг таваҷҷӯҳ кунад. Яъне ба назари Ф. Нитше ахлоқи масеҳӣ худи зиндагӣ гӯё чизи нодруст ва нолоиқ собит мешавад, яъне нолоиқ ва нодруст аст. Ахлоқе, ки то имрӯз маъруф аст, «инстинкти декаданс аст, ки худро ба амр табдил медиҳад, он мегӯяд: “нобуд шав!” - он ҳукми маҳкумшудагон мебошад»[5]. Барои ҳамин бояд инсон на бояд ба зиндагӣ дил бандад ва ба олами пас аз марг таваҷҷуҳ кунад ва зиндагии худро пас аз марг, зиндагии ҳаққониро пешбинӣ намояд. Чунин дидгоҳҳое буданд, ки Ф. Нитше доир бо масеҳият чунин андеша дошт.

Акнун бояд, гуфт ки Ф. Нитше, ҳамгоме, ки ахлоқи масеҳӣ ё ки дини масеҳиро нақд мекунад, ягон пешниҳод мекунад ё не? Албатта Ф. Нитше ҳеч гоҳ бе пешниҳоди ҷадид, андешаронӣ намекард, чун Ф. Нитше ҳамеша доир ба ҳар масъалае, ки бо он рӯ ба рӯ мегардид ва доир ба он қазоват мекард, дар баробари он алтернативаҳои онро пешниҳод менамуд. Яъне Ф. Нитше пешниҳод мекунад, ки ба ҷои ахлоқи динӣ бояд ахлоқи натуралистӣ пайдо шавад. Ё ахлоқи натуралистӣ, ки ахлоқи табиӣ низ номида мешавад. Ахлоқе, ки аз фаровонӣ ва қувваи зиндагӣ тавлид мешавад, инсон ё як махлуке, ки решаҳои онро зиндагии воқеӣ ташкил медиҳад, ё ахлоқе, ки ба рушд, қувват, эҷод ва болоравии инсон хизмат мекунад. Яъне Ф. Нитше мехоҳад бигӯяд, ки ахлоқи оянда бояд ахлоқе бошад, ки инсонро бисозад. Ахлоқи созанда бошад, инсонро барои

зиндагии беҳтар омода кунад. Инсоне ки пешраванда, қувватнок буда инсонест, ки дорои иродаи қудрат аст ё инсоне, ки дорои қудрати созандаи шахсияти худ аст. Ф. Нитше мехоҳад тағйиротро тарғиб кунад, мехоҳад инсонро аз дохил маънаван тағир диҳад, ки мардум бедор шаванд. Яъне бедории маънавӣ, ҳадафи Ф. Нитше аст. Барои ҳамин низ ҳангоме, ки Ф. Нитше доир ба иродаи қудрат сухан мегӯяд, иродаи қудрат маънояш ин аст, ки инсон бояд иродаи тағир додани шахсият ва дидгоҳи худро доир ба зиндагӣ дошта бошад. Яъне инсон на ин ки ба андешаҳои динӣ, андешаҳои ахлоқӣ, ки махсусан ба масеҳият такя мекунанд инсон пайравӣ онҳо бошад, баръакс инсон бояд пайрави андешае, бошад, ки ояндаи худро шахсияти худро худи инсон бисозад. Инсон бояд барои озод шудани худ бояд аз дин махсусан аз масеҳият берун шавад ё озод гардад. Сабаб из дар он аст, ки Ф. Нитше доир ба масеҳият нигоҳи интиқодӣ дошт, мехост самти зиндагии инсонро дигар кунад. Чунки самти зиндагӣ, қабули зиндагии воқеӣ, ҳадафу арзишҳои зиндагӣ барои Ф.Нитше дар дараҷаи аввал меистоданд. Ҳамеша дар китобҳояш инро тарғиб менамуд ва китоби Чунин гуфт Зардушт, Иродаи қудрат ва дигар китобҳое ки таълиф намуда буд, ҳамин андеша дар онҳо ба таври рамзнок ва символикӣ дар ҳар шаклҳои гуногун тасвир мегарданд[7].

Китоби «Сапедадам» ё чигунае дар тарҷумаи русиаш «Утренняя заря» ном дорад, яке аз китобҳои муҳиму фалсафии Фридрих Нитше ба шумор меравад. Ф. Нитше дар ин китоб муборизаи ҷиддии худро бар зидди ахлоқи суннатӣ оғоз мекунад. Дар ин асар Ф. Нитше масъалаҳои бисёр муҳимеро ба монанди: мафҳумҳои некӣ ва бадӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ф. Нитше таъкид мекунад, ки чӣ гуна мафҳумҳои мазкур дар тӯли таърих бар инсон ҳукмрон будаанд. Ба назари ӯ, маҳз ҳамин мафҳумҳои «нек» ва «бад» ҳатто қавитарин, устувортарин ва мустақилтарин инсонҳоро заиф гардондаанд.

Аз ҳамин сабаб Ф. Нитше ин хатарро дуруст дарк карда, ба нақди ин мафҳумҳо бармехезад. Ба андешаи ӯ, одатҳо, меъёрҳои ахлоқии "хуб", тарс ва қоидаҳои сахти ахлоқӣ ба инсон иҷозаи озодӣ намедиҳанд ва ӯро аз роҳи озодфикрӣ дур месозанд. Ф. Нитше мегӯяд: «...Дар ҳузури ахлоқ андешидан номумкин аст, чӣ расад ба баён кардан. Дар ин ҷо танҳо як чиз боқӣ мемонад - итоат кардан»[4]. Ф. Нитше махсусан ба масъалаи озодии андеша диққат медиҳад. Ба назари ӯ, дар доираи ахлоқи суннатӣ инсон наметавонад озодона андеша кунад ва ҳатто фикри худро баён намояд. Ахлоқи суннатӣ, аз дидгоҳи Ф. Нитше, монеаи азиме барои андешаи озод ва озодфикрӣ дар ҷомеа мебошад. Ин ҳолат Ф. Нитшеро сахт нигарон месохт ва андешаи ӯро ба чолиш мекашид. Аз ин рӯ Ф. Нитше маҷбур мешавад андешаҳои худро дар бораи ин масъалаҳо баён намояд. Ӯ иброз медорад, ки чунин ахлоқ бо инсон чӣ гуна рафтор мекунад ва ӯро ба чӣ ҳол меоварад. Дар чунин шароит, ба назари Ф. Нитше, инсон танҳо як роҳ дорад: итоат кардан. Итоат аз қонунҳо, қоидаҳо ва мафҳумҳое, ки ахлоқи масеҳӣ онҳоро муқаддас шуморидааст. Ин қоидаҳо инсонро бо тарс, ваъдаҳои биҳишт ва таҳдиди ҷазоҳо ба худ баста, ӯро ба бандагӣ равона месозанд. Ф. Нитше маҳз зидди ин занҷирҳо бармехезад ва занҷирҳое, ки андеша ва пойҳои инсониятро мебанданд. Аз ин рӯ, ӯ андешаҳои худро бисёр равшан ва дар баъзе мавридҳо бо рамз ва символ баён мекунад. Ф. Нитше вазъияти инсонро нишон медиҳад, ки чигуна дар тӯли таърих ҳамеша зери фишори ин мафҳумҳо қарор доштааст. Яъне инсон ҳамеша дар ранҷ, тарс ва ташвиш зиндагӣ кардааст, зеро маҷбур будааст аз он чизе итоат кунад, ки бар зиндагии ӯ ҳукм рондааст. Ба андешаи Ф. Нитше, ахлоқи масеҳӣ инсонро аз паёмҳои воқеии зиндагӣ дур кардааст ва бисёр камбудиҳо, сустӣ ва ранҷҳои инсонӣ маҳз аз ахлоқи мазкур сарчашма гирифтаанд. Ф. Нитше кӯшиш мекунад

ҳамаи ин нуктаҳоро дақиқ ва равшан нишон диҳад. Ӯ мегӯяд, ки мафҳуми ҳамдардӣ дар ахлоқи масеҳӣ ва насронӣ ҷойгоҳи махсуси худро дорад ва ба як паҳлуи муҳим дахл мекунад. Ба назари Ф. Нитше, масеҳият дар шахс ҳамдардӣ ва меҳрубониро ташвиқ менамояд ва ин ҳамдардӣ бе таъсир нест. Ф. Нитше мепурсад, ки ҳамин чизе, ки масеҳият ба одамон меомӯзонад, ҳамдардӣ, раҳм ва меҳрубонӣ, ба инсон мушкилоти нав ҳам меорад. Ин маънояш он аст, ки инсонро аз руҳи худтанзимӣ ва хусусияти дарунӣ дур мекунад ва ӯро ба берун аз хусусиятҳои аслияш мебарад. Яъне, ба андешаи Ф. Нитше, дини масеҳӣ ва дидгоҳҳои ӯ инсон, офариниш ва эҷодиёти ӯро маҳдуд месозад. Ба гуфтаи Ф. Нитше, ҳамдардӣ ва раҳм тахминан табиати воқеии инсонро аз роҳи эҷод ва қувват дур мекунанд.

Албатта, барои Ф. Нитше масеҳият ҳамчун як дин ва ҳамчун як ахлоқ бисёр як маънойе ифода мекард, ки Ф. Нитше наметавонист бо он рӯ ба рӯ шавад. Ӯ наметавонист бо он созиш кунад, чун андешаҳоие, ки Ф. Нитше дошт бо он баробар набуданд, бо он созиш кардан наметавонистанд. Аз ин сабаб Ф. Нитше ба ин дин, ба ин ахлоқ бисёр ба таври интиқодона менигарист. Ба нигоҳ ва фаҳмиши Ф. Нитше масеҳият як инстинки ҳасос ва вайронгари дохилӣ аст. Аммо, ҳатто барои кам кардани зарараш кофӣ нест. Ф. Нитше таъкид мекунад, ки масеҳият барои пешрафти инсоният он қадар зарур нест, балки роҳи пешрафти инсониятро мегирад. Яъне ба ҳар васила зикр менамояд ва исбот менамояд, он зарар дорад. Доир ба ин масъала назарҳои гуногун вуҷуд доранд, ки чаро Ф. Нитше ба ин роҳ рафт, яъне чаро ақлро пеш гирифт. Баъзе муҳаққиқон назар доранд, ки нафрати Ф. Нитше ба дин, масалан ба масеҳият, шояд ба мушкилоти шахсӣ алоқаманд бошад, чунки тибқи андешаи онҳо эҳсоси муҳаббати ӯ ба дин ба нафрат табдил ёфт. Тибқи навиштаҳое ки доир ба Ф. Нитше ва андешаҳои фалсафии ӯ ибрози андеша менамоянд, маълум

мегардад, ки ӯ дар оилаи диндор таваллуд шудааст. Падар ва модараш рӯҳонии масеҳӣ буданд, пас аз кӯдакиаш фаҳмиши амиқ ба матнҳои динӣ дошт. Яъне ӯ аз дин бохабар буд, бисёр динро хуб медонист ва дар оилаи масеҳӣ ба воя расида буд. То дараҷае ӯ динро хуб медонист, ки ӯро ҳамчун пастори (рӯҳонии) кӯчак меномиданд, яъне ӯ аз хонаводаи диндор буд[2]. Ин назари Ф. Нитше аст, чунки китоби ӯ, Даҷҷол ном дорад ё Антихрист (Зидди Масеҳ). Китоби мазкур, китоби ҷиддӣ буда, дар он нақди бисёр радикалонаи Ф. Нитшеро мо нисбати масеҳият мушоҳида менамояд.

Бояд гуфт, ки ончи навишта шудааст, андешаҳои як мутафаккир ҳастанд, ки доир ба андешаи бузрг назари худро баён мекунад. Илова бар ин, масалан файласуфи рус Владимир Соловёв дидгоҳҳои Ф. Нитше назари дигар дорад ва мегуяд ки Ф. Нитше ончиро ки аз дин интизор буд онро намедид. Аз ин сабаб, ба назари В. Соловёв Ф. Нитше бар нисбати дин интиқодро оғоз кард[1].

Хулоса, нақд махсусан нақди арзишҳои анъанавӣ дар навиштаҳои файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше ҷойгоҳи махсусро дорад. Дар баробари дигар андешамандоне, ки оид ба нақди арзишҳои суннатӣ навиштаанд, Фридрих Нитше таъсири ҷиддӣ ва муҳим дорад. Андешаҳои ӯ дар фалсафа як қувваи такондиҳандае мебошанд, ки ҳеҷ файласуф ба андозаи Ф. Нитше ба ин ҷиддият, роирост ва ҷасурона ба ин кор даст назадааст. Тамоми зиндагиро ба охир расонд аммо то охир дар андешаҳои фалсафии худ пойдор боқӣ монд. Ва ин ҳам яке аз азамат ва бузургии Ф. Нитшеро дар таърихи фалсафа нишон медиҳад.

Қабл аз ҳама бояд зикр кард, ки Ф.Нитше ҳар андешаи худро дидаву дониста ба хонандагон ва ҷомеа пешкаш менамуд. Ӯ ҳамчун як равшанфикр ва озодандеш дар маънои томмаш баромад мекард. Дар баробари ҳамаи он зулме ки болои сари у

омад шикаст нахурд, аммо қувваи ӯ дучанд гардид. Ӯ бо андешаҳоияш дар баробари ҳама қарор гирифт ва андешаҳои фалсафиашро ки худ ба онҳо боварӣ дошт ва онҳоро дар асоси далелҳои мантиқӣ исбот намуда буд, идома дод. Воқеан чунин дидгоҳ ва чунин ҷасоратро на ҳама файласуфон доштанд. Ф. Нитше файласуфе буд, ки дар баробари ҷомеа муқобилият карда, муқобили ҷараён ҳаракат мекард ва оқибат низ ғалаб кард.

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки Ф. Нитше мағлуб нагашт, балки ғолиб омад. Пас аз марги ӯ тамоми ҷаҳон эътироф намуд, ки бузуртарин ва ростгутарин файласуф ин Ф. Нитше будааст. Инчунин беҳтарин ва барҷастарин  файласуфони Ғарб пайравон ва шогирдони Ф. Нитше гаштанду андешаҳои ӯро дар навиштаҳояшон тасдиқ намуданд. Ин нукта муҳим аст, ки ҳақиқат ва ростӣ ҳамеша ғалаба менамояд дар чи шакле ки набошад. Дуруғ ва торикӣ ҳамеша дер ё зуд аз байн хоҳад рафт.

**Адабиёт**


1. Бердяев Н. Судьба России. М., 1990. с. 321. 348с.
2. Бязрова Д.Б., Малиева Т.И. Христианский нигилизм Ф. Ницше и идея «сверхчеловека». [Электронный ресурс]. https://religio.amursu.ru/images/Volumes/2016/2/10/10_-.pdf Режим доступа: 20.02.2026.
3. Ницше – Ницше Ф. Полн. собр. соч.: в 13 т. Т. 3. М.: Культурная революция, 2005–2014. с134. 635с.
4. Ницше – Ницше Ф. Полн. собр. соч.: в 13 т. Т. 3. М.: Культурная революция, 2005–2014. с.12. 635с.
5. Ницше – Ницше Ф. Полн. собр. соч.: в 13 т. Т. 6. М.: Культурная революция, 2005–2014. с39. 406с.
6. С.Н. Дадашова. Фридрих Ницше: по ту сторону религии и морали. [Электронный ресурс]. https://cyberleninka.ru/article/n/fridrih-nitsshe-po-tu-storonu-religii-i-morali/viewer Режим доступа: 25.02.2026.

7. С.Н. Дадашова. Фридрих Ницше: по ту сторону религии и морали. [Электронный ресурс]. https://cyberleninka.ru/article/n/fridrih-nitsshe-po-tu-storonu-religii-i-morali/viewer Режим доступа: 25.02.2026.

8. Фридрих Вилҳелм Нитше Даҷол. Тарҷумаи Абдулалӣ Дастғайб. Интишороти Огаҳ. Чопи дуввум баҳори 1352-1973 с.28. 150с.

9. Фридрих Ницше. Антихрист. Издательство: Эксмо 2016. 120-121.320с.

10. Фридрих Ницше. Антихрист. Издательство: Эксмо 2016. с.113-114. 320с.

11. Фридрих Ницше. Малое собрание сочинений. Пер. с. Нем. Ю.Антоновского, В. Вейнштока, А. Заболоцкой и др. Азбука-Аттикус, Санкт-Петербург.- 2015. с.338-340. 1056с.

12. Фридрих Ницше. Сумерки идолов Сумерки идолов, или как философствуют молотом Издательство:Фолио 2013. с. 82. 226 с.

**Умед НАЗАРОВ**
*номзади илмҳои таърих*

# САНЪАТИ КӮТОҲБАЁНӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ БУЗУРГОН

*Як сафҳа пур аз хазинаи шавқ,*
*Беҳтар зи дусад китоби безавқ.*

Сухани пурмазмун ва саршор аз маънӣ агар кӯтоҳу шево гуфта ва ё навишта шавад, хонандаро раҳнамоӣ мекунад, илҳом мебахшад. Баръакси ҳол, суханҳои дароз ва орӣ аз маънӣ сарфаи беҳудаи вақт аст ва иштиёқмандони каломи бадеъро аз ҳаловати маънавӣ дур меандозад.

Дар ин мақола ба таври фишурда, намунаҳои афкори саромадони адабиёти тоҷик ва ҷаҳониро дар бораи санъати суханварӣ, хусусан дар бораи ҳадафманд ва нишонрас гуфтан ва навиштанро меорем, то ба хонандагон ва мухлисони каломи мавзун омӯзанда бошад.

Лозим ба ёдоварист, ки кӯтоҳбаёнӣ, муъҷаз навиштан дар анъанаи забонии тамоми мардуми дунё тавсиф ва тараннум шудааст. Кӯтоҳ сухан гуфтанро хоҳари истеъдод унвон кардаанд.

Дар урф ва расми навиштории забон ва адабиёти тоҷик ба мавзуну шево сухан гуфтан, мухтасар ифода кардани гуфтаро бузургони каломи бадеъ борҳо таъкид намудаанд.

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ бо он ҳунари суханварии фарогир ва беназираш муътақид аст, ки маъниофариниро бо кӯтоҳии калом метавон баён кард:

*Дигар гуфт равшанравон он касе,*
*Ки кӯтоҳ гӯяд, ба маънӣ басе.*

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, муаллифи «Маснавии маънавӣ», ки каломаш ҷаҳонро тасхир кард, балоғати суханро яке аз унсурҳои калидии забони шифоҳӣ медонад:

*Балогат дар сухан донӣ, чӣ бошад,*
*Каломи андаку маънии бисёр.*

Ва дар ҷойи дигар мегӯяд: *«Қудрати каломатро боло бибар, на садоятро! Ин борон аст, ки боиси рушди гулҳо мешавад. На раъду барқ»*. Бешак, ин нишондиҳандаи фарзонагӣ, ҳикмати бошукӯҳ ва ғановатмандии забони модарист.

Соиби Табрезӣ эътиқодманд аст, ки ба мазмуни баланд ба сахтӣ тавон расид:

*Бар матлаби баланд ба сахтӣ тавон расид,*
*Дар кӯҳ печутоб хӯрад роҳ бештар!*

Меъёри суханварӣ барои насли таҳсилкарда ва китобхон бешак мавқеъгирии устоди зиндаёд Садриддини Айнӣ мебошад, ки бо дарки рисолати таърихиаш дар бораи забон менигорад, ки *««Забонро бо ғалбери фикр бехта, бо чилбури маънӣ сайқал занед»*. Ё дар ҷойи дигар меафзояд: *«Забонро бо сӯҳони қоида суфта ва бо чилбури маънӣ сайқал додан даркор, то ҳамабоб шавад»*.

Ҳолати рушди забони модарӣ дар солҳои 20-уми асри гузаштаро ба инобат гирифта устод Айнӣ дар нома ба унвони адиби хушном Абулқосим Лоҳутӣ изҳор медорад: *«Акнун ман намедонам, ки бо он «роҳбарони забони тоҷик чӣ кор кунам? Онҳо забони адабии классикиро нафаҳманду забони зиндаи халқро надонанду маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам», дар ин сурат вой бар ҳоли ману монанди ман»*.

Нависандаи шинохта Сотимхон Улуғзода, ки доди қаламро бо иншои асарҳои маъруфаш («Субҳи ҷавонии ман», Шӯриши «Восеъ», «Фирдавсӣ», «Ривояти суғдӣ») ба авҷи аъло баровардааст ба ин бовар аст: *«Китоб, асар, ахбор ҷойи лафзҳои пурмаъност, лафзҳои хунуки каммаънӣ, ибораҳои дағали*

*нотарошида, ки завқи соянӣ онҳоро қабул карда наметавонад, набояд ба адабиёт, ба когаз роҳ ёбад».*

Шоири ширинкалом Мирзо Турсунзода арзиши суханро воло медонад:

*То сухан чун қомати мавзун шавад,*
*Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад.*

К.Паустовский дар китоби «Садбарги заррин» (дар тарҷумаи нависанда Б.Муртазо) ба пайванди нависанда бо воқеъият таъкид меварзад:

*«Барои пухтани хаёлот нависанда ҳаргиз нависанда ҳаргиз аз зиндагӣ канда нашавад ва саропо дар худ фурӯ наравад. Баръакс, хайёлот аз омезиши доимӣ бо ҳаёти ҳақиқӣ такомул меёбад ва ҷанину шираву гизои заминӣ мегирад».* Ин нависанда бо иқтибос аз Исаак Бабел менависад, ки *«ҳикоя ҳамчун ахбори ҳарбӣ ва расиди бонкӣ бояд дақиқу нишонрас ва кӯтоҳ бошад».*

В.Попов дар китоби «Дипломатияи муосир» менигорад, ки: *«Агар шумо услуби навиштани худро надоред, дарк мекунед, ки Гогол, Пушкин ва Белинский нестед, пас кӯшиш намоед, ки хонанда вақти мутолиаи нигоштаи шумо, услуби шуморо мушоҳида нанамояд ва танҳо гарқи хондани ҳуҷҷати шумо бошад».*

Ҳамин муаллиф, бо истинод ба Густав Флобер ба нависандагон ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ тавсия медиҳад, ки аз такрори вожаҳо парҳез намоянд. Ба фикри ӯ, истифодаи мутародиф (синоним), пас аз 200 сатр такроран навиштани калима дар матн равост.

Нависанда Ключевский В.О. меафзояд, ки «Сирри ҳунари навиштан дар он зоҳир мегардад, ки худи нависанда нахустин хонандаи матни худ бошад».

Нависандаи пуркор ва маъруф Абдулҳамид Самадов ҳунари нависандагиро ин тавр хулосагирӣ мекунад: «*Нависандагӣ ҳаргиз варзиши тездавак нест, шӯру ҳангомаро намепазирад».*

Адиби навовар ва шинохта Саттор Турсун ба рисолати ахлоқии нависанда таваҷҷуҳ менамояд: «*Нависанда агар воқеан боистеъдод аст, танҳо ба хотири ҳамин сарват низ ҳеҷ гоҳ наметавонад дурӯғ занад, сиёҳро сафед маънидод кунад. Инчунин аз барои пул, мансаб ва ҷоҳу ҷалол дар пеши дигарон бори хиҷолат кашад. Муҳимтарин шуғли нависанда дарёфти ҳақиқат аст. Хиёбонҳое, ки суханварони асил ва одамони замонсоз гузар мекунанд, бояд алоҳида бошанд*». Нависанда идома медиҳад: «*Забони асари бадеӣ набояд ланҷ, магшуш, носуфта ва ҳатто миёнаҳол бошад. Зеро ба чунин лафзу лаҳҷа як амри беҳуда аст кашф намудани олами ботинии инсон, баён доштани кори ақлу фаросат, вазъи ҳавоси хамса (ҳисси панҷгона), умуман возеҳ ба таҳқиқ гирифтани ниҳонхонаҳои дилу ҷони одамизод. Дигар ин ки ниҳоят худи ҳиссиёти олии инсонӣ ҳам дар кулли ҳолатҳо - чи дар масаррат (хурсандӣ), чи дар гаму гусса… на ба жож гуфтан, балки маҳз дар доираи лаҳни олии инсонӣ равшан ифода мегардад*».

Ба кору пайкори боғбон ташбеҳ додани маъниофариниро сутудаанд:

*Маънии зебо намеояд ба осонӣ ба даст,*
*Богбон дил мегудозад, гунча то гул мешавад.*

Барҳақ, сухангӯ вақте ҳарф мезанад ва ё матнеро менависад ҳатман ба иқтидори зеҳнии тарафи муқобил – шунаванда ва хонанда бояд эътибор диҳад:

*Қуввати марди сухангӯ аз суханкаш мешавад,*
*Гар замин қобил набошад, ҷӯши боронро чӣ ҳаз?!*

Ҳамин тариқ, ба иттифоқи назари нависандагони асил, устодони каломи бадеъ ҳунари суханварӣ дар қутоҳбаёнӣ, муъҷаз навиштан, фаҳмову хоно ва ҳамабоб ифода кардани афкор натиҷагирӣ мешавад.

**Саъдӣ ҚОСИМӢ**
*доктори илмҳои филология*
**Саида ЗАЙДУЛЛОЗОДА**
*номзади илмҳои филология*

# ТИРГОН – ҶАШНИ ФУРӮҒИ ХУРШЕД ВА ПИРӮЗӢ

Тибқи суннатҳои Тиргон айёми ҷашнгирии он мардум хонаҳоро об пошида, покиза мекарданд, либоси тозаи сафед мепӯшиданд, гандуми ҳосили навро орд карда, нону таомҳои гуногун мепухтанд, дастархони идонаи худро бо анвои нону меваҷот оро медоданд, дар бозорҳо беҳтарин навъҳои маҳсулоташонро ба намоиш мегузоштанд ва аз маҳсули заҳмати хеш меболиданду сарҷамъона ва хурду бузург хурсандӣ мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Тиргон** калимаи форсӣ-тоҷикӣ буда, аз ҷузҳои "тир" ва "гон" иборат аст. Тир — ба маънои номи моҳе аз моҳҳои гоҳшумории эронӣ буда, ба фасли тобистон рост меояд. Пасванди "гон" бо решаи "тир" тобиши маъноии мансубиятро ифода мекунад. Ба таъбири дигар, Тир – номи эзади борон дар мифологияи Эрони бостон буда, дар Авесто дар шакли Тиштарйа, дар паҳлавӣ – Тиштар ва дар форси навин бо номҳои Тиштар ва Тир зикр шудааст. Тиштар инчунин, номи ситораи рахшонтарини осмон буда, бо номи ситораи Сириуси юнонӣ ҳамреша аст.

Тиргон яке аз ҷашнҳои тоҷикӣ-эронӣ дар тиррӯз аз тирмоҳ баробар бо 13-уми Тир (дар ҳоли ҳозир аз 21 июн то 21 июл

идома меёбад) дар гоҳшумории эронӣ баргузор мешавад. Ин ҷашн дар гиромидошти Тиштар (ситораи бороновар дар фарҳанги Эронӣ) аст. Чи тавре ки шоир Шамсии Фахрӣ навиштааст:

*Ба рӯзи тиру маҳи тир азми шодӣ кун,*
*Ки аз сипеҳр туро фатҳу нусрат омад тир.*

Тиргон ҷашни тобистонаи мардумони эронитабор буд, ки мутобиқ ба 1-уми июли тақвими григорианӣ таҷлил мешуд. Тиргон ҳамчун ҷашни фасли тобистон, дар маҷмуъ, ҷашни сулҳу ваҳдат, ҷашни моҳу рӯз, ҷашни борону об бар зидди хушксолӣ, ҷашни оини обпошон, ҷашни ситораи Тиштар (ситораи обу борон), ҷашни пӯхтани меваю гандум, ҷашни ситораи нависандагон буда, аз ҳикмати азалию намиранда ва нурофари миллати ориёитабори тоҷик шаҳодат медиҳад.

Дар таърих санади Тиргон «рӯзи камон кашидани Ораш камонгар» эътироф шудааст. Вазифа ва ё хешкории Тиштар об гирифтан аз дарёи Фарохкарт ва онро дар шакли борон резонидан ба заминҳои аҳуроӣ мебошад.

Дар яшти ҳаштуми Авесто («Тир-яшт») Тиштар ситораи сапеду дурахшон ва тавоно мебошад, ки сиришти об дораду нажодаш аз Апам Напат (эзади обҳо) аст. Тиштар ба колбадҳои марди ҷавони неруманд, аспи сафеди заррингӯш ва гови зарриншох медарояд ва бо деви хушксолию беборонӣ Апаоша, ки мехост ҷаҳонро аз беобӣ табоҳ созад, мубориза мебарад. Дар набарди аввал Апаоша ғолиб меояд ва пеши дарёи Фарохкартро мебандад, абрҳои бороноварро пора-пора мекунад, аммо дар набарди дуюм Тиштар неру гирифта, деви хушксолиро шикаст медиҳад. Аз он пас абрҳо пурбор шуда, боронҳои фаровон ба кӯҳу дашту даман мебоpанд ва табиат сарсабз гашта, ҳаёти осудаву хуррам оғоз мешавад.

Дар қиссаҳои эронӣ чунин оварда мешавад, ки дар ин рӯз дар мавзеи Табаристон Манучеҳри пешдодӣ аз Афросиёб шикаст

хӯрд ва барои тақсим кардани қаламрав шарте пеш гузоштанд. Яке аз паҳлавонони эронӣ бо номи Ораши шевотир ба болои кӯҳи Дамованд баромад ва бо тамоми неруи худ камонро кашида, худ пора-пора шуд, аммо тире бо тамоми суръат ба сӯи дарёи Ҷайҳун партоб кард. Тир бо шасти баланд аз субҳ то нимрӯзӣ парвоз карда, ниҳоят ба тани як дарахти бузургу ғафс дар соҳили Ҷайҳун фуруд омад. Аз ҳамон ҷойи нишасти тир марзҳои Эрону Турон муқаррар шуд. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ин ривоятро зикр намуда, маълумоти зеринро илова карда навиштааст: «…номи ин рӯз Тир аст, ки Уторид бошад ва он ситораи нависандагон аст. Ва дар ин рӯз буд, ки Ҳушанг номи бародари худро бузург гардонид ва деҳқанатро ба ӯ дод. Ва деҳқанату китобат як чиз аст ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту эъзом ид гардониданд. Ва дар ин рӯз Ҳушанг мардуми дунёро амр кард, ки либоси котибӣ бипӯшанд. Ва низ деҳқононро ба ин кор амр кард. Ва аз ин рӯз мулуку деҳқонону мубадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. Ва то рӯзгори Гӯштосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқӣ бувад. Ва дар ин рӯз эрониён ғусл мекунанд. Ва сабаби он ин аст, ки чун Кайхусрав аз ҷанг бо Афросиёб баргашт, дар ин рӯз аз ноҳияи Сова убур намуд ва ба кӯҳе, ки ба Сова мушарраф аст, боло рафт. Ва танҳо худи ӯ бидуни ҳеҷ як аз лашкариён ба чашмае ворид шуд ва фариштагонро дид ва ҳамоно мадҳуш шуд. Вале ин кор бо расидани Бежани писари Гавдарз мусодиф шуд ва қадре аз оби чашма ба рӯи Кайхусрав рехт. Вайро ба санге такя дод ва гуфт: «Эй подшоҳ, маяндеш». Ва қарияи Лаинро он ҷо сохта, номи онро «Маяндеш» гузориданд ва кам-кам таҳриф ёфту «Андеш» шуд. Ва расми ғусл кардану шустушӯй ба ин об ва дигар обҳои чашмаҳо боқӣ ва пойдор монд ва ба роҳи табаррук. Ва аҳли Омул ба дарёи Хазар мераванд ва тамоми рӯз оббозӣ мекунанд». Албатта ин як матни бофтаи омиёна аст ва Абурайҳони Берунӣ ҳам ин

қарияро бо номҳои қаҳрамонони ҳамосаҳои эронӣ рабт намуда, ривоятро такмил додааст. Дар гузашта дар рӯзи Тиргон дар байни ақвоми эронӣ маросими дигаре бо номи «Обрезгон» баргузор мешудааст.

Дар замони шоҳигарии Пирӯзи Сосонӣ, ниёи Хусрави Анӯшервон дар Эрон ҳафт сол хушксолӣ рӯй дода, борон намеборид. Мардумону ҷонварон ва гиёҳон аз ин хушксолӣ маҳв мешуданд. Ин вазъро дида шоҳ Пирӯз фармон дод, ки дар оташкада барои даъвати борон ба ибодат пардозанд. Ниҳоят баъди ҳафт сол дар рӯзи Тир борон борид. Ба хотири ин борони таърихӣ Пирӯзшоҳ амр намуд, ки ин рӯзро Обрезгон ном гузоранд ва онро ҳар сол ҷашн бигиранд.

Муаллифи «Зайнулахбор» Абӯсаид Абулҳай бинни Маҳмуди Гардезӣ дар асари таърихнигории хеш оид ба расми зарфшиканӣ ва обтанӣ дар ин ҷашн байни эрониёни қадим ёдовар шуда, ривояти дигареро ҷиҳати пайдоиш зикр намудааст: «… ва андар Тиргон порсиён ғусл кунанд ва сафолинҳо ва оташдонҳо бишкананд. Ва чунин гӯянд, ки мардумон андар ин рӯз аз ҳисори Афросиёб бирастанд ва ҳар касе ба сари кори хеш шуданд. Ва ҳам андар ин айём гандум ё мева бипазанд ва бихӯранд ва гӯянд: андар он вақт ҳама гандум пухтанд ва хӯрданд, ки орд натавонистанд кард. Зеро ҳама дар ҳисор буданд». Ин ривоятро Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» таъйид карда, меафзояд: «… ва чун дар вақти муҳосира кор ба Манучеҳр ва эрониён сахту душвор шуда буд, ба қисме, ки дигар ба орд кардани гандум ва пухтани нон намерсиданд, гандум ва мева кол (хом) мепухтанд. Бад-ин ҷиҳат шикастани зарфҳо ва пухтани меваи кол ва гандум дар ин рӯз расм шуд».

Дар ин ҷашн эрониёни қадим даруну беруни хонаро об пошида, мерӯфтанд, либоси тоза мепӯшиданд. Сипас, аз риштаи абрешимии ҳафтранг ресмоне ба шакли дастпона

мебофтанд ва «Тиру бод» меномиданд. Баъди даҳ рӯз дар рӯзи Бод онро кушода ба бод медоданд.

Тавре маълум аст, дар замонҳои бостон сол ба ду тақсим мешуд: тобистон ва зимистон. Ба ин ҷиҳат баъзе пажуҳандагон бар он назаранд, ки ҷашни Тиргон дар асл ҷашни инқилоби тобистонӣ буда, дар оғози моҳи тир таҷлил мешудааст. Дар аввали моҳи тир ҷашн гирифтани ҷашни Тиргон то ба имрӯз дар байни мардуми Фароҳон вуҷуд дорад. Мардуми Фароҳон Тиргонро дар аввали тирмоҳ таҷлил менамоянд.

Як нуктаи дигарро низ бояд ба ёд овард, ки 13-уми ҳамаи моҳҳои ниёгон рӯзи тир аст. Ба ин васила ҷашни Тиргон дар 13-уми моҳи тир аст. Аммо ғолиб аст, ки ҷашни Тиргонро дар рӯзи 13-уми моҳҳои Фарвардин (барбари 1-2 апрел, ки рӯзи 13 аст, орзуи омадани борон) ва 13-уми Меҳрмоҳ (4-5 октябр, ҷашни тиррӯзӣ) низ таҷлил менамоянд.

Дар адабиёти мардумшиносӣ оид ба оинҳои Тиргон гуфта мешавад, ки ин ҷашн ба хотири одоб ва русуми махсусаш зебост. Дар ин ҷашн бозиҳо ва обпошӣ мекунанд. Яъне об дар ин ҷашн мақоми муҳиме дорад. Дар даврони бостон Тиргонро дар канори чашма, рудхона ё наҳре баргузор мекардаанд ва ба рӯи ҳамдигар об мепошидаанд, то гармиро барҳам зананд.

Мардум дар кучаҳо суруду мусиқӣ, шодиву хурсандӣ мекарданд ва дар бегоҳӣ машъалҳо меафрухтаанд. Кишоварзон мекӯшиданд ҳамаи корҳои саҳроии худро ба охир расонанд ва ба истиқболи ҷашни Тиргон бо хотири ҷамъ омада, дар он шодиву хурсандӣ ва истироҳат кунанд.

Донишмани эронӣ Баҳром Фраҳвашӣ дар китоби «Ҷаҳони фарварӣ»-и худ дар мавриди оинҳои “Сездаҳбадар” ибрози андеша карда, оид ба вижагиҳои баргузории ин ҷашни бостонии ниёкон менависад, ки «Ҳамаи мардуми рустоҳо, аз хурд то калон ва бештари мардуми шаҳрҳо, аз бомдод то шомгоҳ, ба саҳро ва киштзорҳо рӯй меоваранд ва дар канори

чашмаҳо ва рӯдҳо ва ҷӯйборҳо ба шодӣ ва бозӣ ва ромиш мепардозанд. Аз русуми дигари сездаҳ, гиреҳ задани сабза барои бозшудани бахти дӯшизагон аст … Гиреҳ задани ду шоха сабза дар рӯзҳои поёнии зоиши геҳонӣ, тамсилист аз пайванди як мард ва зан, ки мебоистӣ ба ҳам бипайванданд то тасалсули таваллуд барқарор гардад ва орзуи гиреҳзананда, ки толиби ҳамсар аст, бароварда шавад. Бозиҳои гуногун ва охирин сурудхонӣ ва дастафшонии пайки наврӯзӣ дар рӯзи сездаҳ ёдгоре аз охирин маросими корноволии даврони куҳан аст ва ба вежа асбрақсон… нишонае аз шодии эзади Тир дар пирӯзӣ бар деви хушксолӣ аст. Ва расми бозиҳои бурду бохтӣ, ки дар рӯзи сездаҳ маъмул аст ва дар онҳо як нафар ё гурӯҳе баранда мешаванд, ба вижа мусобиқаи аспдавонӣ, ки дар бархе аз рустоҳо маъмул аст, ёдовари кашмакаши байни эзади борон ва деви хушксолӣ аст ва пирӯзии як асп дар мусобиқа ҳамонанди пирӯзии аспи эзади борон ва шодиҳо ва рақсҳо боқимондае аз маросими татҳири дарунӣ дар соли нав аст».

Ниёгони мо ба навиштан, дар канори сарвати гуфторӣ ба осори навиштори низ эҳтиром доштанд. Аз сарчашмаҳо мебинем, ки дар фарҳанги гузаштаи мо қадри адабиёт ва нависанда баланд аст. Ин аст, ки дар замонҳои пеш Тиргон рӯзи бузургдошти нависандагон низ будааст. Воқеа ва ҳодисаҳои дунёро нависандагон дар китобҳо сабт менамоянд. Ба гуфти А.Берунӣ пайравии ҳифзи дунё, яъне «даҳуфазия», бо деҳқонию зироат, китобат намудан ба ин ду наздик мебошад. Дар асоси сарчашмаҳо ва шунидаҳояш аллома А.Берунӣ дар ин бора низ чунин ишора намудааст: «Ва сабаби дуюм он аст «даҳуфазия», ки маънои он ҳифзи дунё ва нигаҳбони он аст ва фармонравоӣ дар он ва деҳқанат, ки маънои он иморати дунё ва зироату қисмати он аст, бо ҳам тавъаманд, ки имрони дунёву қивоми олам бад-онҳост ва фасоди олам бад-онҳо ислоҳ мепазирад. Ва китобат дар пайравии он ва наздик ба ин ду

мебошад. Аммо «даҳуфазия» аз Ҳушанг содир шуда ва деҳқанатро бародари ӯ Вигард расм намуда аст. Ва номи ин рӯз Тир аст, ки Уторид бошад, ки ситораи нависандагон аст. Ва дар ин рӯз буд, ки Ҳушанг номи бародари худро бузург гардонид ва деҳқанатро ба ӯ дод. Ва деҳқанату китобат як чиз аст. Ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту иъзом ид гардониданд. Ва дар ин рӯз Ҳушанг мардуми дунёро амр кард, ки либоси котибӣ бипӯшанд. Ва деҳқононро низ бар ҳамин кор амр кард. Ва аз ин рӯз мулуку деҳқонону мӯбадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. Ва то рӯзгори Гуштосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқӣ бувад». Ба ин ҷиҳат ҷашни Тиргон дар гузашта рӯзи бузургдошти нависандагон низ будааст.

Роиҷтарин оини ҷашни Тиргон ин «Фоли кӯза» аст, ки он дар оинҳои наврӯзӣ низ маъмул аст. Дар ин оин бештар духтарони болиғ иштирок менамоянд. Гоҳе занҳои ҷавон низ ширкат меварзанд. Тарзи баргузории «Фоли кӯза» чунин аст: рӯзе пеш аз ҷашн аз байни духтарони дӯшиза якеро интихоб намуда ба вай як кӯзаи сафоли сабзранги даҳонаш кушода медиҳанд. Ин кӯзаро «дула» меноманд. Духтар кӯзаро бо оби покиза пур намуда, даҳони онро бо як рӯймоли сабзи абрешимӣ мепӯшонад. Сипас, кӯзаро духтаре ба навбат ба назди духтароне мебаранд, ки дар дил орзуе доранд. Ҳар нафари ширкаткунанда, чизеро ба дохили кӯза меандозанд. Мисол: гӯшвора, ангуштарӣ, сикка, гиреҳбанди мӯй ва ғайра. Баъди ин амал кӯзаро ба назди дарахти сабзе ба мисли арча ва сарв бурда онро дар таги дарахт мегузоранд. Рӯзи дигар ҷашн оғоз мешавад. Мардум зимни шодмонӣ ба ҳамдигар обпошӣ мекунанд. Ҳамон духтароне, ки ба оини «Фоли кӯза» ширкат кардан хоста ба кӯза чизе андохта буданд, ба макone ҷамъ меоянд. Баъдан он духтаре, ки кӯзаро дар таги дарахт гузошта буд ё яке дигаре кӯзаро меорад. Занҳо рафтори духтаронро

тамошо мекунанд ва барояшон шеър мехонанд. Пас аз шеър дӯшизаи посбони кӯза дасташро бар даруни он андохта яке аз чизҳоро берун мебарорад ва шеъри хондашударо марбути вай медонанд. Занҳои калонсол мазумин шеърро шарҳ медиҳанд ва зимнан орзуву омоли он духтарро мепурсанд. Дар аксари маврид мазмуни шеър ба орзуву нияти соҳиби он чиз мувофиқ меояд.

Яке аз оинҳое, ки вижаи ҷашни Тиргон аст ин оини «Дастбанди тир ва бод» мебошад, ки ҳоло ҳам дар байни зардуштиёни Киромон маъмул аст. Мардуме, ки ба ҷашн ширкат доранд ҳама хурду калон дар аввали ҷашн пас аз хӯрдани шириниҳо бандеро, ки аз ҳафт тор риштаи ҳафтранги мисли тиру камонро, ба дасти худ мебанданд. Номи ин бандро дар ҳама ҷо «Тир ва бод» мегӯянд. Ин риштаи ҳафтранги дар банди даст бударо то 9-10 рӯз, то рӯзи бод нигоҳ медоранд. Баъди гузаштани 10 рӯз, гӯё рӯзи бод мерасад. Дар рӯзи бод гурӯҳ-гурӯҳ ё чанднафарӣ ба баландие, ки маъмулан дар он ҷо вазиши бод аст, ба мисли тепа, баландӣ, болои бом баромада, он бандро аз банди дастони худ кушода, ба бод ба ҳаво сар медиҳанд. Дар ин амал ду боварӣ нуҳуфта аст: яке ҳар орзуе, ки дар дил доранд аз яздон таманнои онро доранд, ки амалӣ шавад; дигаре он аст, ки бо ёрии эзади бод аз ҳаво гузаштани тири Орашро ба ёд меоранд. Ҳанӯз ҳам дар байни мардуми Язду Кирмон ҳангоми ба бод супоридани дастбанди ҳафтранги худ таронаи зеринро месароянд, ки нависандаи ин сатрҳо онро шунида, дар ҳамин шакл аз зардуштиёни Язд (дар апрели 1995) сабт намудааст:

**Тир буру бод биё,**
**Ғам буру шод биё,**
**Меҳнат буру рӯзӣ биё,**
**Хӯшаи марворӣ биё.**

Дар ин порчаи манзуми хурди содаю самимӣ аз як тараф тиру камони Ораши Камонгир ёд шуда, аз рафтани тир омадани боди форам, аз рафтани ғам, омадани шодмонӣ ёд шавад; аз тарафи дигар заҳмати кишоварзон пас аз меҳнати ба даст овардани ризқу рӯзӣ, ки он дар дарав намудани ғаллаи гандум, яъне «хӯшаи марворӣ» аст, ёдварӣ гардидааст. Ин оинҳо дар моҳи тир (21 июн -21 июл) рух дода, ба идомаи Сада, Наврӯз, давоми ҳамон гоҳшумории ниёгонамон аст. Яъне ҷашни Тиргон ҷашни расиши гандуми заррини кишоварзон низ аст, ки ризқу рӯзии инсон дар тамоми сол ба он пайваста мебошад.

Ҳамин тавр, ҷашнҳои бостонии мо аз даврони қадим то ба имрӯз зиндаанд ва хусусиятҳои этникӣ-равонии миллатро бозгӯ менамоянд. Онҳо пайванди воқеии наслу асрҳо мебошанд, ки аз даври таърихӣ то ба имрӯз мавҷуданд ва дар ташаккул додани ҳувияти миллӣ нақши худро мебозанд. Дар мурочиат ба онҳо мо ояндаи миллатро месозем, зеро онҳо барандаву ҳовии арзишҳои муҳими маънавианд. Ҷашну оинҳои бостонӣ аз ояндаи миллат дарак медиҳанд, зеро аз умқи асрҳо ба имрӯз расидаанд ва неруи созандаи фардо мебошанд.

Инак, бо ташаббусу ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ дар қатори дигар ҷашнҳои аҷдодӣ ҷашни Тиргон низ дубора эҳё шудаву ташаккул меёбад. Фаромӯш набояд кард, ки саҳми Сарвари давлат дар таҳкиму тақвият ва эҳёву муаррифии суннатҳои аҷдодӣ хеле назаррас буда, дар сафҳаҳои таърих абадан нақш хоҳад баст. Таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба гиромидошту эҳтироми унсурҳои табиат дар арсаи ҷаҳонӣ, маҳз аз ҳикматҳои созандаи ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Тиргон, ки бо фалсафаи об тавъам аст, гувоҳӣ медиҳад. Тазаккур бояд

дод, ки дар қатори ҷашну маросимҳои миллӣ, аз қабили Наврӯзу Меҳргон ва Сада ҷашни Тиргон низ дар таърихи адабу фарҳанги миллати ориёитабори тоҷик нақшу мақоми барозанда дорад.

Маҳз дар заминаи посдории ҳикматҳои бо об алоқаманд - ҷашни Тиргон 3 марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки дар сиғаи видеоконференсия баргузор гардид, иштирок ва оид ба масъалаҳои об ва иқлим суханронӣ намуданд. Дар ин робита Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо муайян карда шавад.

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» таваҷҷуҳи аҳли башарро ба дигар масъалаи рӯзмарра, яъне мушкилоти пиряххо, ки яке аз сарчашмаҳои асосии оби тоза мебошанд, ҷалб намуданд. Сарвари давлат таъкид карданд, ки дар баробари афзоиши бесобиқаи талабот ба об, ки ба зиёдшавии аҳолӣ ва рушди иқтисод вобаста мебошад, обшавии босуръати пиряххо ва коҳиши захираҳои онҳо боиси нигаронии амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола бахшида ба ин санаи аҷдодӣ чорабиниҳои гуногун доир карда мешаванд. Аз ҷумла, дар такя бо моҳияти баргузории ТИРГОН ҷашнвораҳое чун “Иди зардолу”, “Хушкмеваҳои Тоҷикистон” ва намоиши меваҳои тобистонаи Тоҷикистон доир карда мешавад. Ҳамзамон, баргузории чорабиниҳое чун маҳфилҳои

адабӣ бо ҷалби шоирону нависандагон инъикосгари ҳикмату оинҳои Тиргон ба шумор меравад.

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

## КОМИЛ БЕКЗОДА: 80 СОЛЕ, КИ ГУЗАШТ



**Комил Бекзода**
доктори илмҳои фалсафа

*Мусоҳибаи Комил Бекзода бо хабарнигор Фирдавс Ниёзӣ*



**Фирдавс Ниёзӣ**
номзади илмҳои филологӣ

**Фирдавс Ниёзӣ:** Устод Бекзода, боре аз зиндагӣ ноумед шуда будед?

**Комил Бекзода:** Як бор. Соли 2003. Моҳи августи ҳамон сол. Аввали ҳамон моҳ, ҳангоме ки ба ман гуфтанд, ҷасади Зебандаи 20-соларо дар куҷо гӯронем?

Гуфтам: Ба қабристони деҳаи Узбай фиристонед. Онҳо рафтанд. Ман дар беморхонаи якум Советский, дар бистари бeморӣ мондам. Дар он нимарӯз чунон гиря кардам, ки хаёл кардам бадани ман дигар чизеро ҳис намекунад. Баъд ба фикри худкушӣ афтодам. Як рӯз дар ин мавзуъ фикр кардам. Ба ин хулоса расидам, ки худкушӣ мекунам. Ду рӯзи дигар фикр кардам, ки худкуширо чӣ тавр анҷом диҳам? Бо худ гуфтам, ки бо худкушӣ ҳеҷ масъала ҳал намешавад. Рӯзи дигар сари ин мавзуъ андешидам. Ба ин хулоса расидам, ки чора бояд андешам. Чора ин шуд, ки роҳи амалан зинда кардани духтарам Зебандаро ёбам. Ба китобҳои фалсафӣ, биологӣ,

тиббӣ ва равоншиносӣ рӯ овардам. Дар китоби Сергий Рязантсев бо номи «Фалсафаи марг» (Ленинград, 1994), ба масъалаи шабеҳасозӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудам. Баъд аз он донистам, ки барои зинда кардани ҷисми инсон дар илми имрӯза 24 роҳи усулан амалӣ вуҷуд дорад. Шабеҳасозӣ яке аз он роҳҳост. Ба маънои клонирование.

То имрӯз (августи 2003), дар ҷаҳон аксари ҳайвонотро дар лабораторияҳои ҷаҳон таҷриба гузаронидаанд. Аксари ҳайвонот аз ҷумла: гов, гӯсфанд, саг, гурба, маймун, оҳу, паланг, хирс, шер, гург, харгӯш ва ғайра таҳқиқ шудаанд ва исбот кардаанд, ки илми муосир метавонад ҳамаи ин ҳайвонотро аз роҳи лабораторӣ бо истифода аз ҳуҷайра, масалан, гӯсфандро аз нав зинда кунад.

Гӯсфанде бо номи Доллӣ 6 сол зиндагӣ кард. Лабораторияи таҳқиқотӣ ва тиббӣ ҳамаи шароитҳои батни модарро дорад. Дар нуҳ моҳи таҳқиқ гӯсфанди хурд таваллуд мешавад. Ин ҳайвоноти зикршуда мушкилоти хоси худро доранд. Яке ба осонӣ ва дигаре бо душворӣ таваллуд мешавад. Масалан, дар лаборатория парвариши ҳуҷайраи маймун аз ҳама мушкил аст. Ҳамин тавр, чандин китобҳои гуногунро мутолиа намудам ва донистам, ки ҳалли ин масъалаи шабеҳасозӣ аз назари илмӣ мусбат ва амалишаванда аст. Ҳамзамон аз фикри худкушӣ даст кашидам.

Аз он вақт то имрӯз дар ин мавзуъ китоб мехонам ва ба навгониҳои равоншиносӣ ва тибби муосир таваҷҷуҳ зоҳир менамоям. Ҷустуҷӯҳои илмӣ масъалаи васеъ ва густарда аст. Сарчашмаҳои фаровон вуҷуд доранд: русӣ, англисӣ, форсӣ, арабӣ ва ғайра. Бисёре аз ин китобҳоро дар китобхонаи шахсии худ гирдоварӣ намудаам. Ногуфта пайдост, ки ман ин масъаларо бо забони фаҳмо ва хеле одӣ ба Шумо ва хонандагон дар миён гузоштаам. Чун шоху барги ин масъала хеле мураккаб ва печида аст... Хонандагон аз ин кор огоҳтаранд...

**Фирдавс Ниёзӣ, хабарнигор:** Устод, ман хаёл кардам, ки шумо бо чанд латифа ва шӯхиҳои маъмулӣ ин мусоҳибаро ба охир мерасонед. Агар он чӣ гуфтед, рост бошад, тасаввуроти хонандагон дар бораи Шумо аз ин баъд дигаргун хоҳад шуд. Шумо аз ин наметарсед?

**Комил Бекзода:** Шояд. Ва ҷои тарс ҳам ҳаст. Ҳоло намедонам. Ман ба хотири хонандагон ростиро бо дурӯғ иваз карданӣ нестам. Эҳсоси масъулият дар пеши хонандагон бар тарс ғолиб омад.

**Хабарнигор:** Агар каси дигаре ба ҷойи Шумо мебуд, ҳеҷ гоҳ дар зиндагияш баъд аз ин шӯхӣ намекард ва латифа намегуфт.

**Комил Бекзода:** Шояд ҳақ ба ҷониби Шумо бошад. Вале таҷрибаи шахсии ман дар иқдом ба худкушӣ маро ба ин роҳ овард. Баъди соли 2003 ба ин натиҷа расидам, ки роҳи наҷот аз мусибати духтарам, ҷуз худкушӣ ё зинда гардонидани вай, баъд аз марг, чора ва илоҷи дигаре намеёбам.

Бисёре аз ёру дӯстон ҳам дар ин мавзуъ андешаҳое доштанд, вале онҳо намедонистанд, ки ман дар ду соҳили мусибат -- худкушӣ ва бозгашти Зебанда ҳамвора дар талоши ҳалли мусбии ин фоҷиа ҳастам. Ман ин ҳолати худро ба ёру дӯстон ҳеҷ гоҳ нагуфтаам ва ҳоло ҳам касе намедонад. Танҳо дар баъзе аз шеърҳоям ба ин масъала ишора мекардам. Хонандагон мавзуи маргро дар шеърҳо як кори маъмулӣ ва шоирона меҳисобиданд. Ин муамморо аввалин бор файласуфи машҳури мо Ҳафиз Бобоёров ошкор намуд ва дар як мақолааш навишт, ки Устод К. Бекзода як шахсияти трагедӣ аст. Ва ҳамзамон чанд хотира аз августи соли 2003 ёдовар шуд. Ман мақоларо хонда, хеле ҳайрон шудам. Чаро ки ман худро як шахсияти ба таври мутлақ оптимист, хушбин ва зиндадил мешуморидам. Аз он рӯз сар карда, нисбат ба худам бо нигоҳи дигар менигаристагӣ шудам. Баъди чанде боз ба зиндагии пешина ва маъмулии худ давом доданро одат кардам, вале машғулияти дӯстдоштаам чун

пешина мутолиаи китобҳои наҷот аз марг ва мурдан гардида буд.

**Хабарнигор:** Ҳоло омӯзиши масъалаи марг ва мурдан ба назари Шумо дар чӣ ҳолат аст?

**Комил Бекзода:** Ҳоло ба ҳукми одат даромадааст. Гӯё чунин масъала вуҷуд надорад. Боварӣ дорам, ки дар роҳи рост рафта истодаам. Дигар аз марг тарсу ҳарос надорам. Чаро ки аз ин пеш ҳам таҷрибаи кофӣ доштам. Ин масъала, яъне масъалаи марг ва мурдан, аз давраи кӯдакӣ ба ман ошно буд. Ва таҷрибаи хосе доштам. Ёдоварии айёми кӯдакӣ, хонандагонро хаста мекунад. Лекин зарур аст, ки чанд ҷумлае дар ин мавзуъ тавзеҳ диҳам. Албатта, ба таври хеле мухтасар ва фаҳмо. Шояд тахминан синфи 3 ё 4 будам. Дар хонаи падарӣ, яъне хонаи қадимаи тоҷикӣ. Бо чароғи керосинӣ дар сутуни марказии хона. Фасли зимистон. Дар берун барф. Рӯи намад мехобидем ва дар болои ман яке аз кӯрпаҳои ғафси рангпарида. Болиштам як метр дарозӣ дошт ва барои кӯдаки 9-10 сола муносиб набуд. Нимашаб аз хунукӣ аз хоб бедор шудам ва кӯрпаро бар бадан сахт фишурдам. Аз шиддати хунукии шаби зимистонӣ, хобам намебурд. Сарамро аз кӯрпа берун карда, атрофро нигоҳ кардам. Ҳама ҷо торик. Торики торик. Аз хаёлам гузашт, ки шояд қабр ҳам чунин торик бошад. Ҳавояш сард... Мисли ҳавои имшабаи хонаи мо. Кафан наметавонад бадани инсонро муҳофизат кунад... Муддате чанд дар фазои хаёл ва фантазия парвоз намудам... Аз тарси торикӣ ва хунукии шаб аз чашмонам ашк ҷорӣ шуд... Чун худро дар қабр тасаввур кардам... Торик, хунук, бе дару тиреза... Ҳаросон худро ба оғӯши падарам расонидам... Бо навозишҳои падар хобам бурд. Вале падарам намедонист, ки ман аз чӣ роҳ ба оғӯши ӯ расида будам...

Ин буд яке аз таҷрибаҳои давраи ҷавонии ман бо марг... То ҳол дар ёдам боқист. Гӯё ки як ҳафта пеш он ҳолат аз сарам

гузаштааст. Баъди синфи 6 ба деҳаи Рохарви ноҳияи Ванҷ ба хонаи бачагон дохил шуда, то синфи 10 таҳсилро давом додам... Соли 1962 ба Душанбе омада, ба шуъбаи шарқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, ба қисми арабӣ дохил шудам. То курси дуюм ҳар рӯз китобҳои тоҷикии тарҷумашуда аз муассисаи давлатии «Знание»-ро мутолиа менамудам. Мехостам бидонам, ки Дин чист?, Ҷон чист?, Малоика кистанд?, Маргу мурдан чист?, Қиёмат чист?, Маҳшар чист?, Саволу ҷавоби гӯр чистанд?, Оё саволҳо аз чӣ иборатанд?, Ҷаннату дӯзах чист?, Пули Сирот дар куҷост?, Мункару Накир чӣ вазифае доранд ва ғайра.

**Хабарнигор:** Ҳамкурсонат дар соли якум ва дуюм аз ҳолу аҳволат хабар доштанд?

**Комил Бекзода:** Бале. Вале ба мутолиаи ман таваҷҷуҳ надоштанд. Аксарияти онҳо аз шаҳрҳои дигари Тоҷикистон омада буданд. Нисбат ба дин ва мазҳаб парвое надоштанд. Дар Университети он солҳо ду маҳфил амал мекард. Маҳфили фалсафа ва дигарӣ, маҳфили атеизми илмӣ. Дар соли якум маро сарвари маҳфили атеизми илмӣ таъин намуданд. Дар соли сеюм сарвари маҳфили фалсафаро низ ба уҳдаи ман гузоштанд. Сарвари ду маҳфили фикрӣ. Вале аксари иштирокчиёни ин ду маҳфил бетафовут буданд.

Ман бо шӯру шавқи эҳсосотӣ ин масъулиятҳоро иҷро мекардам. Дар моҳи октябри 1963 дар курси дуюм дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аввалин мақолаи атеистии худро ба нашр расонидам. Номи аввали мақола чунин буд: «То дил ҳаст, орзу ҳаст». Идораи рӯзнома номи дигаре ба мақола гузошт: «Якҷо мубориза барем». Ҳадафи асосии мақола ин буд, ки мо бояд якҷо ба муқобили хурофоти динӣ мубориза барем. Он замон ман як ҷавони хеле лоғар бо сари бо поку тарошида, ба ғайр аз китоб дигар ҳеҷ чизро намедонистам. Мӯи сари дароз гузоштанро гуноҳ меҳисобидам. Ҳамкурсон ва ҳама ёру

дӯстонам дар факултаи таърих ва филология барои ин мақола маро масхара мекарданд ва ба ҳоли ман механдиданд, ки ин як махлуқе иборат аз пӯсту устухон, ба дин ва хурофот чӣ кор дорад? Чанд нафар аз дӯстони ман аз шуъбаи таърих маро дилбардорӣ мекарданд ва ошкоро мавқеи маро дуруст меҳисобиданд. Аз ҷумла, ҳамкурси муаррихам Абдуғаффор Шарифзода ва боз чанд нафари дигар сарчашмаҳои ҷолиберо дар мавзуи хурофот ба ман доданд ва амалан кӯмак намуданд.

Устоди фалсафаам Бозор М.И. аз Самарқанд буд ва худ сарвари маҳфили атеизми илмӣ буд, аз ҳама бештар ба ман таваҷҷуҳ зоҳир мекард ва дилбардорӣ менамуд. Баъди чопи мақолаи ман соли 1964 ба таври ошкоро ба мавқеи атеизми илмӣ гузаштам ва ҳар ду маҳфилро якҷо сарварӣ намудам. Дар моҳи сентябри соли 1965 барои таҷрибаи омӯзиши забони арабӣ Давлати Шӯравӣ маро ба Ҷумҳурии Мисри Араб фиристод. Баъди анҷоми муддати таҷрибаомӯзӣ дар моҳи июли соли 1966 ба Тоҷикистон баргаштам. Доир ба мавзуи хурофот зиёда аз 300 китоб ба забони арабӣ аз шаҳри Қоҳира бо худ овардам. Ҳамин тавр, соли 1967 Университети давлатиро хатм намуда, ба шуъбаи атеизми илмии Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон пайвастам. Аз соли 1967 то имрӯз, дувоздаҳуми январи соли 2025, дар шуъбаҳои гуногуни Институти фалсафа кор ва фаъолият намудам.

**Хабарнигор:** Барои ман ҷолиб аст бидонам, ки баъди кор дар Институти фалсафаи Академия масъалаи ҷовидонагии ҷисми инсон фаромӯш гардид ё ривоҷу равнақ гирифт?

**Комил Бекзода:** Хулоса, масъала аз ин қарор аст: Ман аз соли 1962 то соли 1971 танҳо бар муқобили дин ва хурофот мубориза мебурдам. Аз масъалаи ҷовидонагии ҷисм ва ҷони одамӣ тасаввури мубҳам ва норавшан ва маъмулӣ доштам. Яъне мисли дигарон. Вале соли 1971 дар шаҳри Алмаатои

Қазоқистон дар хизмати Армияи Шуравӣ қарор доштам. Тирамоҳи соли 1971 аз китобхонаи ҷойи хизмат як китоби нави русиро ба орият гирифтам. Номаш тақрибан чунин буд: «Андешаҳои динии мутафаккирони рус дар асри XIX». Аввалин бор дар ин китоб бо номи Николай Федоров дучор омадам. Ба назарам ҷолиб намуд. Николай Федоров мегуфт, ки масъалаи асосии фалсафа, ин масъалаи аз ҳаёти инсонӣ берун рондани мушкилоти марг ва мурдан мебошад. Ин аст, ки ман аз соли 1971 зери таъсири ақидаҳои фалсафии Николай Федоров ба ҷустуҷӯҳои фалсафии худ давом додам. Ҳоло ҳам мутолиа ва таҳқиқоти гуногун ва густарда дар ин мавзуъ давом дорад. Аз он сол то имрӯз Николай Федоровро дар ин мавзуъ устоди маънавии худ мешуморам.

**Хабарнигор:** Дар ибтидои сухан гуфтед, ки масъалаи ҷовидонагии ҷисми инсонро шумо дар баъзе шеърҳои худ баён намудаед. Оё дар асарҳои дигаратон ин масъаларо пайгирӣ намудаед ё не?

**Комил Бекзода:** Ҷавоб ин аст, ки ин масъаларо дар чандин китобҳои худ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ шарҳу тавзеҳ додаам. Вақте ман дар баъзе шеърҳои худ мегӯям, китоби «Гурез аз Хайём» (2002) ва «Девони шеърҳои фалсафӣ» (2025)-ро дар назар дорам. Дар ин ду маҷмуаи шеърӣ он чӣ дар доираи жанрҳои шеърӣ гунҷоиш дорад, масъалаи марг ва ҷовидонагиро тасвир намудаам. Масалан, дар китоби «Девони шеърҳои фалсафӣ» (2025) омадааст:

*Марди хирад аз бими аҷал банда нагардад,*
*Навмед зи пирӯзии оянда нагардад.*
*Моем, ки он қофиларо боз бихонем,*
*Бе ҳиммати мо ҳеҷ касе зинда нагардад!*

Масъалаи роҳҳои ба абадият ва ҷовидонагӣ расидан, гуногун аст. Мушкилоти гуногун дорад. Мушкилоти фардӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва вуҷудӣ. Асли мушкил ба ҳама ошкор

аст. Вале роҳҳои ҳалли он печида ва мураккабанд. Ҳоло ба таври феҳриствор баъзе мушкилоти ин роҳҳоро ба забони чанд дубайтӣ ва рубоӣ хотирнишон менамоям:

Бе умри абад мастию май, хешфиребист,
Оҳанги рубобу дафу най, хешфиребист.
То дасти дарозои аҷал қатъ насозем,
Айшу тараби Ковусу Кай, хешфиребист.

❋

Махмури шароби ноб будан то кай?
Мафтуни найю рубоб будан то кай?
Худро бираҳон зи маргу ҷовид бизӣ,
Дар доми чунин сароб будан, то кай?

❋

Оламеро аз ҳаёти нав хабар хоҳем кард,
Маргу мурданро аз ин дунё бадар хоҳем кард.
Қиссаи умри абад к-афсонае афсонаҳост,
Оқибат афсонаро умре башар хоҳем кард.!

❋

Ба ҳамин умри равон ошиқи зорем ҳама,
То абад шефтаи зулфи нигорем ҳама.
Марг моро натавонад, ки ба дор овезад,
З-он ки овехта бар гардани ёрем ҳама.!

❋

Моем, ки бунёди аҷал канда бисозем,
В-аз умри абад олами поянда бисозем.
Азму ҳадафи аҳли ҷаҳон аст, ки рӯзе
Хайём туро бо дигарон зинда бисозем.!

❋

Дило, аҷдодҳо афсона гуфтанд,
Сухан аз Кавсару Паймона гуфтанд.
Тамаллуқ бар Худову банда карда,
Риёро шеваи риндон нагуфтанд.!

❋

Орзуи «он ҷаҳон» аз даст рафт,
Нардбони осмон аз даст рафт.
Хуб шуд, ки ин Замин дар даст монд,
Гарчи «умри ҷовидон» аз даст рафт.!

❋

Ҳазрати Яздон дигар коре надорад бо ҷаҳон,
Баҳри мо бигзошт паҳнои замину осмон.
То ҷаҳони хешро бо дасти худ бино кунем,
Оламе бегона аз маргу ҳаёте ҷовидон.!

❋

Эй аҳли хирад, ин чӣ ҳаётеву чӣ ҳол аст,
К-аз марг ҳаёти ҳамагӣ рӯ ба завол аст.
Фатҳи Қамару сайри самовот намудед,
Лекин талаби умри абад аз чӣ маҳол аст?!

❋

Оламеро аз ҳаёти нав хабар хоҳем кард,
Маргу мурданро аз ин олам бадар хоҳем кард.
Қиссаи умри абад, к-афсона афсонаҳост,
Оқибат афсонаро умри башар хоҳем кард!!!

**Хабарнигор:** Дар асарҳои илмӣ ва таҳқиқотиатон доир ба масъалаи марг ва зиндагӣ ишораҳое вуҷуд дорад?

**Комил Бекзода:** Дар асарҳои илмӣ як асари комил ба ин мавзуъ бахшида шудааст. Ин асар аввалин бор соли 2001 дар маҷаллаи «Шоҳроҳи Ваҳдат» ва соли 2015 бо номи «Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ» (Душанбе, 2015) ва маротибаи сеюм бо номи «Бозгашти Ҷамшед» (Душанбе, 2019) ва маротибаи чаҳорум дар китоби «Ҷаҳонбинии илмӣ» (Душанбе, 2024), ин мавзуъро матраҳ карда, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба чоп расонидаам.

Китоби «Бозгашти Ҷамшед» дар жанри диалог ва гуфтугӯ навишта шудааст. Дар он Марг ва Зиндагӣ бо ҳам баҳсу мунозира менамоянд. Дар ин асар зиндагӣ образи инсони бедор ва хирадманд асту марг олами кӯру карахт ва бегона аз

илм ва ишқу эҳсос. Жанри адабӣ ва фалсафии «Бозгашти Ҷамшед», ба мисли диалогҳои Афлотун, масъалаҳои ҷаҳонбиниро дар либоси адабӣ ба намоиш мегузорад. Ба ин маъно, ки муаллиф печидагиҳои мушкилоти ҷаҳонбинии одамиро ба назар гирифта, бо шеваҳои рамзӣ ва маҷозии адабӣ, нозукиҳои гуногуни ин бархурдҳои ақидавӣ ва фикриро ба хонандаи муосир осонтар ва возеҳтар баён менамояд.

Дар китоби «Ҷаҳонбинии илмӣ» (Душанбе, 2024), дар боби охирини китоб зери сарлавҳаи «Нома аз шаҳри Қоҳира» чунин омадааст: «Ҷаноби оқои Ҷамшед ал-муҳтарам. Баъд аз салом. Бозгашти дубораи Шуморо ба ин ҷаҳони зебои одамӣ самимона табрик мегӯям. Бозгашти Шумо мужда ва паёми муборак аз корвонҳои рафта аст, ки умрҳо дар дил ин орзуро мепарвариданд ва ҳоло ҳам мепарваранд. Рамсис Мансур, набераи нависандаи машҳури муосири Миср-Анис Мансур ҳастам. Падарбузургам дар гуфтор ва навиштаҳои худ, чизҳое шабеҳи сарнавишти Шумо ва ҳамаи инсонҳоро ҳамвора зикр мекард. Дар бисёр кишварҳо навиштаҳои ӯро иҷозаи нашр намедоданд...

Баъдҳо аз ӯ шунидам ва хонда будам, ки ҷавҳари дини қадимаи мисрӣ ҳамоно орзуи ба абадият расидан будааст. Дар китобҳои таърихӣ ривояте омадааст, ки чанд ҳазор сол пеш дар ноҳияи Саид, дар шимоли Миср, табибон ва файласуфон бо ҳам лаборатория ва озмоишгоҳи илмӣ таъсис доданд, ки ҳадафи он иборат аз зинда кардани мурдагон будааст. Мо кӯдакон ва наврасони хонавода ин нақлу ривоятҳои бобокалонамонро бо шавқу шӯр гӯш мекардем ва ӯро саволборон менамудем. Ӯ ҳам бо суханони сода ва одӣ, ки ба дарки мо осон бошад, ба саволҳои мо ҷавоб медод. Гуфт, ки он ду гурӯҳи муҳаққиқон дар натиҷаи таҷрибаҳои чандинсола доруи мумиёро аввалин бор кашф ва ихтироъ намудаанд. Номи мумиё шакли таҳрифшуда (вайроншуда)-и номи маркази

озмоишгоҳи минтақаи Амониум будааст. Дар давоми нақл гуфт, ки мардуми он замон ба ояндаи таҳқиқот сахт таваҷҷуҳ доштаанд. Бо шунидани ин хабар қавмҳои ваҳшӣ ва биёбонгарди Миср бо ҳам муттаҳид шуда, ба ин кишвар ҳуҷум оварданд. Дар натиҷа он озмоишгоҳ ва кормандони онро пароканда ва несту нобуд намудаанд».

Гуфтанӣ бисёр дорам, вале ин ҷо маҷолаш нест. Бояд саволи худро арз кунам. Ҳамзамон ман аспиранти риштаи фалсафаи муосири Шарқ дар Университети Қоҳира мебошам. Саволи ман ин аст: Оё марг ва мурданро ба таври куллӣ барҳам задан имкон дорад ё не?

**Ҷамшед:** Марг ва мурдан дар олами ҳайвонот аввал ва анҷоми як равиши биологӣ ва табиӣ аст. Вале ҳайвонот инро дарк намекунанд. Аммо барои инсон марг даҳшатноктарин ҳодисаест, ки аз он бузургтарашро хаёл ва фантазияи инсонӣ тасаввур карда наметавонад. Сабаби ин ҳассосияти афсонавӣ ва даҳшатбори инсонӣ дар муқобили марг, маҳз огоҳӣ ва худшиносии худи инсон аст. Инсон агар ба огоҳӣ намерасид, ба мисли ҳайвонот чӣ будани даҳшати маргро тасаввур карда наметавонист. Маҳз ҳамин худшиносист, ки боз инсонро барои зиндагии абадӣ ва бемарг водор мекунад. Дилу ҷони ӯро зидди марг бармеангезад. Ҳамин талошҳои ҳамешагии инсоният барои ба даст овардани бемаргӣ, дин ва фалсафа ва илму донишро ба вуҷуд овардааст. Вагарна, инсонҳо ба мисли динозаврҳо як умр алаф хӯрда, оқибат мемурданд.

Таърихи маънавии башар, ба як маъно талош дар роҳи ҷовидонагии ҷисмонии башар будааст ва ҳаст. Мояи ифтихор аст, ки донишмандони муосир чандин роҳҳоеро барои ба ҷовидонагӣ расонидани башар ихтироъ намудаанд. Аз ҷумла, роҳи ҳамсонасозӣ ё худ шабеҳасозӣ. Ҳамин иқдомҳои илмиро яке аз имтиёзҳои асосии асри XXI дар нисбат ба дигар асрҳо шуморидан ҷоиз аст. Ба ҳукми одат ва анъана ҳоло ҳам 90 дар

сади мардуми олам аз марг метарсанд ва ҷои тарс ҳам ҳаст. Чаро ки то имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ намунае аз ин кашфиёт ба намоиш гузошта нашудааст. Чунки мардум омодаи қабули чунин кашфиёт нестанд. Вагарна соли 1979 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико инсонро ва соли 1997 дар Британияи Кабир гӯсфандро аз роҳи лабораторӣ нусхабардорӣ карданд. Яъне, яке аз ҳуҷайраҳои ҷисми гӯсфандро дар лаборатория парвариш намуда, баъд аз чанд моҳ як гӯсфанди зиндаро ба вуҷуд оварданд. Доллӣ номи гӯсфанде буд, ки муҳаққиқон дар лабораторияи худ парвариш карда буданд. Ин гӯсфанд 6 сол умр дид.

Инсони муосир сахт бадгумон аст. То чизеро бо чашм набинад, бовар намекунад. Вале далелҳои бисёре дар даст дорем, ки ин масъала сахт мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дорад. Аз вуҷуди марг ва мурдан ҳама ранҷ мебаранд. Пеш аз ҳама равшанфикрон. Барои намуна ва мисол: Гераклит, Демокрит, Эпикур, Лукретсий, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Ф. Нитше, Николай Федоров, Достоевский, Сартр, Камю, Муҳаммад Иқбол, Содиқ Ҳидоят, Масъуд Ансорӣ ва бисёр дигарон.

Масъала маълум ва ошност: чӣ тавр бояд мардумро аз маргу мурдан наҷот дод. Вале ҳама аз ин мавзуъ метарсанд. Садо баланд намекунанд ва сукут ихтиёр менамоянд. Навтарин китобҳои илмӣ дар мавзуи абадият ва ҷовидонагии инсон «Фалсафаи марг»-и Сергей Рязантсев (Ленинград, 1994) ва маҷмуаи 18 олим аз соҳаҳои гуногун бо номи «Пирӯзии илм бар марг» (соли 2004) мебошанд. Ин маҷмуа аз ҷониби Институти ҷовидонагӣ дар Буэнос-Айрес нашр шуда, имкониятҳои биологӣ, генетикӣ ва ҳамсонасозиро барои барҳам додани марг нишон медиҳад.

Китоби Сергей Рязантсев «Фалсафаи марг», дар Петербург чоп шудааст. Дар боби бисту якуми ин китоб зери сарлавҳаи

«Дар ҷустуҷӯи иксири ҷовидонагӣ» аз 24 роҳу усули навин барои расидан ба абадияти ҷисмонӣ ва руҳии инсон сухан меравад. Акнун мо дар рӯ ба рӯи мушкилоти нав ҳастем. Чӣ гуна ақлу хиради ҳамин як фарди мушаххасро, ки ҷисмаш 100 дарсад ҷисми пешинааш аст, дар бадани нав барқарор намоем? Яъне мушкили барқарор намудани шахсияти маънавӣ ва ахлоқии инсон дар ҷисми нав аст. Мо аз роҳи муҳандисии генетикӣ ҷисм ва бадани инсонро метавонем бо усулҳои лабораторӣ аз нав такрор намоем. Зеро ҳар як ҳуҷайраи ҷисми зинда дар ядрои худ, ҳамаи ахбори генетикиро ҳифз ва нигоҳ медорад. Ин масъаларо донишманди машҳури рус П. Анохин (1898-1974) ба беҳтарин ваҷҳ ҳал ва ошкор намудааст. Ба ақидаи ин донишманд, дар нусхаи нави бадани шоҳи қадимаи Миср Тутанхамон ҷаҳони маънавии ӯ, ақл, хирад, характер, одоб, ахлоқ ва ғайра ба таври ирсӣ ва генетикӣ нигоҳ дошта шудааст. Бо гузашти андаке аз замон ва кумакҳои тиббӣ ва равоншиносӣ, оқибат Тутанхамон худро мешиносад. Ин аст, ки ба ақидаи муҳаққиқони ин соҳа масъалаи марг ва мурдан ҳал мешавад ва дигар касе аз мурдан наметарсад. Ба ин маъно, вазифаи равшанфикрони ҳамаи миллатҳо аз ин иборат аст, ки мардуми худро ба қабули зиндагии ҷовидона омода кунанд. Бо ҳалли ин масъала мушкили ҳамаи инсоният ҳалли ниҳоии худро меёбад, ки Ибни Сино дар як мисраи рубоияш гуфтааст:

«... Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал»!

**Хабарнигор:** Ташаккур. Хеле ҷолиб.

**Комил Бекзода:** Зинда бошед.

## БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Нозим НУРЗОДА**
*фарҳангшинос*

# ТЕАТРИ МИЛЛӢ ДАР МАҚОМИ МИНБАРИ ХУДОГОҲИЮ ХУДСОЗӢ

*(Мулоҳизоте иҷмолӣ дар ҳошияи намоишномаи "Тоҷгузории миллат"-и Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ)*

Аз замоне ки театр ба унвони падидаи маънавию ҳунарию маданӣ дар ҷаҳон ва махсусан, Юнон ба вуҷуд омад, ҳадафи муҳиму калидӣ ва ба истилоҳ, **сверхзадача – огоҳибахшӣ, худафрӯзӣ, худсозӣ** ва **андешамандиро** дунбол мекард. Нахустин театрҳое, ки дар Юнон ба вуҷуд омаданд, ба хотири баланд бурдани сатҳи огоҳиҳои мардум, бомаърифат ва хештаншинос кардани ҷомеа намоишномаҳо омодаву пешкаши тамошобинон мекарданд ва аз ин тариқ театрравию театршиносӣ дар Юнонзамин мақбулу машруъ шуд. Баъдан, театри юнонӣ, ормонҳои мардумӣ, омоли файласуфони минтақавӣ ва бахусус, насли огоҳу хирадманди ҳавзаи тамаддуниро дар қолиби намоишномаҳои театрӣ ба намоиш гузошта, бад-ин васила раванди худсозию худафрӯзию худогоҳию хештаншиносию андешамандиро таҳкиму тақвият мебахшид.

Ба ин тариқ, он чи ки дар доираи ормон-назариёти файласуфони пешазсуқротию пасосуқротӣ ғунҷоиш дошт, театри юнонӣ дар шакли амалӣ дар қолиби намоишномаҳои ҷолибу ҷаззоби театрӣ ба намоиш мегузошт ва тадриҷан ба тамошо рафтани табақоти гуногуни иҷтимоии вақт ба театр

расм шуда, бад-ин минвол ин расм то имрӯз идома дорад. Ҳануз аз замони таъсисёбии нахустин театрҳо рисолати бедорсозии насли башар дар қиболи мушкилоту муаммоҳои рӯзгор бар дӯши театр ва тими театрӣ вогузор шуда, то имрӯз ин рисолат дар ҳар шаклу навъе ҳадафмандона анҷом дода мешавад. Аз ин ҷост, ки:

*Нест инҷо саҳнаи бозӣ,*
*Балки бошад маҳди худсозӣ,*
*Минбари озодагинозӣ,*
*Даргаҳи поки сарафрозӣ,*
*Парчами дониш барафрозӣ,*
*Ҷаҳлро, бешак, барандозӣ!*

Мусалламан, машинаи театрӣ (театральная машина) дар ҳар ҷомеае, пеш аз ҳама, рисолати мафкурасозиро бар уҳда дорад. Дар ин замина, театри миллии мо ҳам, ки аз нахустин даргаҳи маърифатгустарию худогоҳию худсозӣ – Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ маншаъ гирифта, ин даргоҳ модари кулли театрҳои ҳирфаии ватанӣ маҳсуб мешавад, рӯйи шонаҳояш бори гарони огоҳибахшию худсозию мафкурасозии миллию ватаниро тайи солҳои мутамодӣ бурдборонаю ҳадафмандона таҳаммул мекунад. Агарчи имрӯз, бар асари вусъати кайҳонии фановарӣ ва даргир шудани зеҳни насли наврасу ҷавон ва умуман, ҷомеаи тоҷик ба шабакаҳои иҷтимоию фазои маҷозӣ, тамошобинони ин ҳунари мафкурасозу ҳувиятмадор ангуштшуморанд, ҳануз ҳам театр ва намоишномаҳои театрӣ ҷаззобияти худро аз даст надодаанд. Ҳоло ҳам, хушбахтона, фурсати бозсозию худсозиро аз тариқи дидану бозбинии намоишномаҳои театрӣ аз даст надодаем ва имкон дорем, ки бо такя ба ормонҳои миллӣ театри миллиро бозсозӣ кунем ва дар доираи он миллат ва натиҷатан, давлатро,ончуноне ки талаботи имрӯзист, наву модернтар кунем.

Маълум аст, ки огоҳӣ ва бедорӣ падидаҳоенд, ки ба ҳамдигар тавъаманд ва дар сохтусози инсонӣ минҳайси муҳаррик хидмат мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, огоҳӣ инсонро ба сатҳи баланди маърифат (познание), дониш (знание), хирад (разум), илм (наука) ва фарҳанг (култура) мерасонад ва қудрату тавоноӣ мебахшад. Беҳуда нест, ки Мавлоно ин масъаларо дар авлавияти зиндагӣ қарор дода, мефармояд:

*Иқтизои ҷон чу ай дил огаҳист,*
*Ҳар кӣ огаҳтар бувад, ҷонаш қавист.*

Албатта, то замоне ки намоишномаҳои театрӣ танҳо дар қолиби намоиш (представление) пешниҳоди мардум ва тамоишобин мегардиданд ва танҳо ҳадафи намоишӣ доштанд, тамошобин аз саҳнаҳои ҷолибу ҷаззоб кайфият мебурд, аммо дарду ранҷу мусибату бадбахтию шодию сурури хушбахтии қаҳрамонону иҷрокунандагони нақшҳоро дар худии худ таҷриба намекард ва агарки таҷрибаҳое дар ин замина иттифоқ меафтид, хусусияти инфиродӣ доштанд ва ба кулли тамошобинон иртибот намегирифтанд. Ва, аз замоне ки системаи театрии Константин Сергеевич Станиславский (1863-1938) бар мабнои барнома-марҷаи "театр-таҷриба" (театр-переживание) устувор шуд, бинанда аз тариқи тамошои намоишномаҳои театрӣ дар ҷараёни намоишнома бо тими ҳунарию иҷроӣ ҳамгом буда, ҳамроҳи бозигарон дарду ранҷ ва дар айни замон шодию сурурро баробар таҷриба мекунад. Ин аст, ки театр ҷою макону даргоҳи худогоҳию худшиносию худсозӣ ва таҷриба кардани дарду ғам, андуҳу алам ва мусибату фоҷеаи қаҳрамонону персонажҳо, аз як тараф ва шодию нишоту сурури тантанаи адолат, аз тарафи дигар, будаву ҳаст. Ба ин маъно, тамошобин на танҳо аз намоишномаи театрӣ кайфияту лаззат мебарад, балки бо иҷрокунандагону актҳои саҳнавӣ ҳамдарду ҳамнишоту ҳамнабарду ҳамқисмат мешавад,

ки ин навъи бархурди маънавиро дар истилоҳи театрӣ, "таҷрибанамоӣ" (переживание) мегӯянд.

Дар воқеъ, ба тамошои намоишномаҳои теарӣ ҷалб шудани ҳайат-персонали маъмурию идории ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин замина, 30-юми апрели соли 2026, бо ибтикори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои Театри давлатии академиии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Раёсати АМИТ, як идда кормандони АМИТ барои тамошои драмаи таърихӣ – намоишномаи "Тоҷгузории миллат" (Шоҳ Исмоили Сомонӣ) аз рӯйи романи "Исмоили Сомонӣ"-и нависандаи муосири тоҷик Бароти Абдураҳмон дар таҳияи Султон Усмонзода дар Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ меҳмон шуданд.

"Тоҷгузории миллат" (Шоҳ Исмоили Сомонӣ) аз рӯйи романи "Исмоли Сомонӣ"-и нависандаи муосири тоҷик Бароти Абдураҳмон дар таҳияи Султон Усмонзода ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он мавзуи калидии сохтусози давлати миллӣ бар мабнои арзишҳои ҳувиятӣ минҳайси хатмашӣи сужавӣ дунбол шуда, дар доираи он силсиламасъалаҳои муҳимме, аз қабили: раванди давлатсозии миллӣ (дар мисоли ибтикороту ташаббусоти созандаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ); кайфияти авзои дохилию хориҷии минтақавӣ; ҳайсияти фардию ҷамъӣ; шарафу номуси ватандорӣ; ғуруру ҳамияти инсонӣ; кашмакашҳои дохилию хориҷӣ ба хотири халал ворид сохтан дар сохтмони давлати миллӣ; тақвияти хотираи забонию таърихӣ (дар мисоли талошҳои Наср ва Исмоили Сомонӣ дар ҳифзи асолати забони миллӣ ва ҳувияти аҷдодӣ); дарки ҳассосиёти замонӣ; бозиҳои

сиёсӣ-геополитикӣ; барномарезиҳои сиёсӣ дар баробари таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ матраҳ гардиданд. Муҳим ин аст, ки дастгоҳи раҳбарию коргардонӣ, тими тавлидию бозигарӣ ва масъулини тадвинӣ ва фаннӣ-техникӣ дастаҷамъона як намоишномаи ба лиҳози сиёсӣ-мафкуравӣ ва ҳассосиёти замонӣ хуберо таҳия ва манзури бинандагону алоқамандони театри ватанӣ карданд.

Бо таваҷҷуҳ ба кайфият ва вежагиҳои намоишномаи "Тоҷгузории миллат", мулоҳизоти худро минҳайси як тамошобин ва алоқаманди театри ватанӣ ба таври иҷмолӣ ироа медорем:

**1.** Тими иҷроии намоишномаи театрӣ (иборат аз 17 нафар) тайи як соату бист дақиқа ҳунарнамоӣ карда, дар иҷрои нақшҳо, минҷумла нақшҳои Амир Насри Сомонӣ (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Ибодулло Машраб), Амир Исмоил (Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Абдукарим Машраб), Хоҷаи Бузург (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Фирӯз Умар), Абдуҷаббори Ҳамза (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Асалбек Назрӣ), Абуабдуллоҳи Фақеҳ (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Ортиқ Қодир), Абдулашъаси Аҳмад (ҳунарманд Аъзам Розиқ), Абузакариёи Яҳё (Ризо Юсуфзода), Муҳаммади Нуҳ (Шоҳмурод Аюб), Ҳусайни Аъло (Шаҳзод Ниёз), Ҳамуя ибни Алӣ (Убайдулло Саъдулло), Абумуҳаммади Бухорхудот (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Султонмурод Бобомурод), Абуҳомиди Ясорӣ (Суҳроб Эгамназарзода), Рофеъи Арсама (Салоҳиддин Шукурзода), Муҳаммади Ҳорун (Умеди Субҳоналӣ), китобдор (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Исфандиёри Ғулом) ва Абулфазли Марвазӣ (Азиз Ҷумабой) муваффақ шуданд.

**2.** Дар намоишнома, аз ҳама муҳим, ҳалқаи васл миёни наслҳои бузургсол (дар мисоли ҳунармандони маъруфи миллӣ Ибодулло Машраб, Асалбек Назрӣ, Исфандиёри Ғулом,

Султомуроди Бобомурод, Ортиқи Қодир, Фирӯз Умар), миёнсол ва ҷавон таъмин карда шуд. Ба сухани равшантар, дар ҷараёни намоишнома ва раванди нақшофарӣ намояндаи ҳар насл мекӯшид, ки аз тариқи талошҳо ва сахткӯшиҳои ҳунарӣ сатҳи ихтисосию ҳирфаии намоишномаро боло бубарад ва нагузорад, ки темп-суръати бозӣ пойин равад.

**3.** Сатҳу сифати намоишномаи "Тоҷгузории миллат", пеш аз ҳама, бо ҳунари нотакрори Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ибодулло Машраб, ки нақши Амир Насри Сомониро офарид, ончунон боло рафт, ки аз оғоз то ба анҷоми намоишнома чун ҷозибаи ҳунарӣ кулли ҳунармандонро атрофаш ҷазб мекард ва ҷаззобияти ҳаракату амалиёти ҳамбозон-партнёронро таъмин менамуд. Албатта, кулли бозигарон дар обуранги намоишнома саҳми асосӣ гирифтанд, вале ядро-ҳастаи намоишномаро ду нафар -- Амир Насри Сомонӣ (Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Ибодулло Машраб) ва Амир Исмоили Сомонӣ (Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Абдукарим Машраб) ташкил медоданд.

**4.** Тавре ки ишора шуд, дар намоишнома ҳунари бозигарии Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Ибодулло Машраб (дар нақши Амир Насри Сомонӣ) қобили таъкиди махсус аст. Устод Ибодулло Машраб, бар мабнои донишу бинишу таҷрибаи ғании ҳирфаӣ, аз як тараф ва ҳунари эъҷозофаринӣ, аз тарафи дигар, тавонист, ки намоишномаро бакуллӣ тамошобобу пурэҳсосу пуршӯру пурҳаяҷон гардонад. Нақш то дараҷае аз ҷониби ҳунарманд омӯхтаву коркард шудааст, ки ҳангоми иҷро ҳатто нафаскашии ҳунарманд (манзур Ибодулло Машраб дар нақши Амир Насри Сомонист) эҳсос мегардид, чӣ расад ба мимикаю имову ишораву ҳарфзанию пойкӯбию дастафшонию ҳаракатҳои мутафовити саҳнавӣ. Ҳунарманди ҳирфаӣ ончунон нақши Амир Насри Сомониро муассир офарид, ки дар ҳар

ҳаракату амал, имову ишорат ва ҳатто таваққуфу исту нафаскашии орому шадид симои амир бармало мешуд ва саҳнаро бакуллӣ дигаргун мекард. Бавежа, дар саҳна, ҷое ки аз забону фарҳангу тамаддуни миллӣ сухан дар миён меомад, авзои қаҳрамони саҳна Ибодулло Машраб (дар нақши Амир Насри Сомонӣ) якбора тағйир пазируфта, новобаста ба талаботи сиёсати замон, ки аз дағдағаҳои хилофати Бағдод маншаъ мегирифт, дар баробари ҳукумати аҷнабӣ, аз забону фарҳангу миллият бо шӯру шаафи мунҳасир ба фард дифоъ мекунад. Ин навъ мавқеъгирӣ ва ба истилоҳ, ориентатсияи сиёсию миллиро дар ҳарф, гуфтушунуд ва муколимаву муоширати қаҳрамонони намоишнома, бахусус Амир Насри Сомонӣ (устод Ибодулло Машраб) ва Исмоили Сомонӣ (Абдукарим Машраб) равшан мушоҳида кардан мумкин буд.

**5.** Персонали эҷодию фаннӣ дар мисоли сенарист, коргардон-таҳиягар, тими тавлидию тадвиниюфаннию иҷроӣ ҳамагӣ мавзуи сохтмони давлатро бар мабнои мавқеъгирию манофеи миллӣт дунбол намуда, ғолибан рӯйи ташкили як давлати мутамарказ бар мабнои манофеи миллӣ ва мавқеъгирии дурустҳисобии сиёсӣ тамаркуз шудааст. Албатта, ҷиҳати мустаҳкам намудани хатти сужаи намоишнома лавозими сужасозе мисли кашмакашҳо, низоъҳо, даргириҳо, иғвою дасисабозиҳо, фиребу найрангҳо, фурсатталабию суханчиниҳо, шӯру валвалаҳо ва мунтаҳо, вежагиҳои таркибӣ-сохторӣ-композитсионӣ ва тартиботи сужасозӣ (оғоз, гиреҳ, конфликт, авҷу кулминатсия ва анҷом) дар намоишнома тартиббандӣ шуда, воқеият ва ҳаводиси замонро ба таври бояду шояд бозтоб доданд. Ба ин тартиб, мавзуи меҳварӣ ва калидии намоишномаи "Тоҷгузории миллат" (Шоҳ Исмоили Сомонӣ) -- раванди давлатсозии миллӣ ва мушкилоту уқдаҳои марбут ба ташкили давлатдории миллӣ буда, тамоми мубоҳисоту

моҷароҳою ҳаводис дар доираи баҳси давлатсозии миллӣ чарх мезананд.

**6.** Моҷарои ду бародар (Амир Наср ва Амир Исмоили Сомонӣ) сари қудрат ва истиқлоли сиёсӣ дар намоишнома меҳвари низоъ-конфликтро ташкил дода, ҳаводисро ба самту сӯйи мушаххасе савқ медиҳанд. Иштиёқи қудрат Амир Насрро бо бародар Исмоил, ки талабгори қудрати сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо истиқлоли сиёсӣ ва иттиҳоди миллист, симои дурандеши Шоҳ Исмоилро ба намоиш мегузорад. Моҷарое, ки саранҷом ба ҷангу даргирӣ миёни бародарон гиреҳ мехурад, бо шикасти Амир Насри Сомонӣ ба дасти бародари ҳушманду зирак Шоҳ Исмоил анҷом мепазирад. Авҷ ва кулминатасияи намоишнома дар тавбаномаи Амир Наср таҳаққуқ меёбад, ки баъди шикасту бандӣ шудан ва аз ҷониби бародар бахшида шудан, фарёди дардноке ба ин мазмун: "Эй хок бар сарам" дармекашад ва аз кардаи худ самимона пушаймон мешавад. Воқеият ин аст, ки вақте ки Амир Насрро бандию завлона дар даст назди Шоҳ Исмоил меоваранд, аз тахт пойин мешавад, бандҳои дасти бародарро мекушояд, ӯро бо икрому иззат болои тахт менишонад ва омодаи хидмат буданашро арз медорад (Шоҳ Исмоил аз тариқи ин навъи политехнология гӯшзад мекунад, ки агар ҳадафи ту-бародар ба даст овардани тахту тоҷу шоҳаншаҳист, бароям бидуни парда ва ҷангу даргирӣ ошкоро арз медоштӣ ва мо ба ҳукми бародарӣ бидуни ҷангу хархашае тахту тоҷро хидматат арзонӣ медоштем). Амир Наср аз ин тавр ҷараён гирифтани ҳодиса сахт хиҷолатзада мешавад ва бадгумонӣ аз бародар ва иштибоҳ карданашро пай бурда, хатою ҷурмашро мардонавор иқрор мекунад. Маҳз ҳамин ҳолати ҳассосро Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон устод Ибодулло Машраб бо маҳорати баланд дода тавонист ва тамошобинон ҳам барояш самимона каф кӯфтанд.

Бар илова, ҳунарманди ҷавон Абдукарим Машраб бояд як кам сари нақши Шоҳ Исмоил ва бурузи вежагиҳои равонию ахлоқию ҳувиятию сиёсию мадании қаҳрамон кор кунад ва образи Шоҳ Исмоилро бо тамомии буъдҳояш бармало созад. Бовар дорем, ки ҳунарманд, бо такя ба донишу таҷрибаи ҳунарӣ, аз як тараф, зиракии сиёсӣ, донишмандӣ ва сиёсатварзии бемисл ва аз тарафи дигар, шахсияти отифии қаҳрамонро дар тавъамӣ бо шахсияти миллии мавсуф дар намоишномаҳои баъдӣ ҳатман буруз медиҳад ва тамошобинонро ба ҳайрат меоварад.

**7.** Муҳимтар аз ҳама, аз тариқи манзур намудани саҳнаи набарди ду бародар ва моҷароҳое, ки дар заминаи қудратталабӣ зуҳур карданд, тими ҳунарӣ бо мо-тамошобинон ҳушдор доданд, ки доимо дар шоҳроҳи ваҳдату ҳамбастагӣ иқдом намуда, пайваста ҳушёру зирак бошем ва нагузорем, ки мусибату фоҷеаҳои гузашта такрор шаванд. Ҷангу набардҳо миёни бародарон ба хотири тахту тоҷ дар таърих зиёд аст, аммо аз ҳаводиси фоҷеабори таърихӣ ибрат гирифтан, бо чашми хирад нигаристан ва бар нафъи халқу ватану миллат хидмат кардан вазифаи так-таки афроди саршинос мебошад. Ба назари мо, ин нуқтаи атф ва паёми намоишномаи таърихии “Тоҷгузори миллат” мебошад.

**8.** Масъулину дастандаркорони пружаи театрии “Тоҷгузории миллат” чанд масъалаи муҳимеро, ки дар раванди давлатсозии миллӣ корсозанд, матраҳ намудаанд, аз ҷумла:

а) сиёсатмадорӣ ва давлатсозӣ кори саҳлу осоне нест ва сиёсатмадор касест, ки бар асоси донишу биниш ва таҷрибаи рӯзгор назарияро бо амалия мепайвандад;

б) дирояти сиёсӣ, дурандешӣ, ҳадафгузорӣ, таҳаммулпазирӣ, иштиёқмандӣ, тавоноии баҳодиҳӣ, шинохти дурусти бозиҳои сиёсӣ ва билохира ҷаззобияти сиёсӣ

(политический харизм) дар ташкил, ҳифз ва устуворсозии пояҳои давлатдорӣ аслу мушаххасоти муҳим маҳсуб мешаванд;

в) давлатмадорон ва сиёсиён ҳамеша бо мушкилоту моҷарою таҳдиду фишору хатарҳо дасту панҷа нарм мекунанд ва вуҷуду ҳузури силсиламушкилоти дохилию хориҷӣ, аз як сӯ ва талошу пайкору сахткӯшиҳо ҷиҳати ҳаллу фасли ҳадафмандонаю мантиқии онҳо, аз сӯйи дигар, симои воқеии давлатмадорро минҳайси чеҳраи таъсиргузори ҷаззобу харизматик ба ҷилва дармеоварад;

г) дар пешорӯйи ҳар гуна таҳдиду хатару изтироб қарор гирифтану қоим будан, дуруст ҳадаф гирифтан, мавқеъ шинохтан, бидуни тарсу ҳарос сари вақт барномарезӣ кардан меъёр ва меҳвари давлатдорӣ будаву ҳаст ва ин меъёрбандӣ дар сиёсати давлатии Шоҳ Исмоили Сомонӣ ҷо доштааст;

ғ) шинохтан, мушаххас кардан ва дар айни замон ҳифзи манофеи миллӣ (забон, сарватҳои табиӣ, фарҳангу тамаддуни миллӣ, марзу буми аҷдодӣ, қаламрави сиёсӣ, ҷуғрофиё, давлату сиёсати миллӣ) қудрату нуфуз ва шуҳрату шаҳомату шукӯҳи давлатро дар фазои минтақавию ҷаҳонӣ таъмин месозад;

д) аз мушкилот ва таҳдиду хатароти дохилию берунӣ набояд ҳаросид, балки онҳоро бар мабнои сатҳи таъсир ва мазмуну муҳтавою нигаронӣ тафкику ҷудо ва пасон ҳаллу фасл бояд кард;

е) тарбияи насли давлатмадору сиёсатпеша, ки бо дидгоҳи илмию дунявӣ манофеи миллӣ-давлатиро бар кулли манфиатҳои фардию гурӯҳӣ авлавият медиҳанд, аз ҷумлаи паёмҳое буд, ки тариқи намоишномаи "Тоҷгузори миллат" ба бинандаву тамошобин расонида шуд.

**9.** Табиист, ки дар намоишнома баъзе нукоти баҳсталаб вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд, аз ҷумла таъкиди мубоpизаҳои Сомониён бо Тоҳириёну Саффориён, ки

ба лиҳози миллию таборӣ бо Сомониён муштарканд, хатти машйи сужаро халалдор месозад ва аҳдофи миллӣ-давлатиро зери суол мебарад. Дар зимн, дар ин шароити ҳассос, ки давлати муосири миллӣ дар пешорӯйи таҳдиду хатарҳои сиёсию тамаддунӣ қарор дошта, бо бегонапарастию беҳувиятию худбохтагӣ барин мушкилоти ҳувиятӣ дасту панҷа нарм мекунад, набояд ҷангу даргириҳои Сомониёнро бо ҳамтабορони худ -- Тоҳириёну Саффориён, ки асосан, бар асари худшефтагию бехабарии сиёсии давлатмардони вақти миллӣ, аз як тараф ва бо тавтеаву васвасаи хилофати Аббосӣ, аз тарафи дигар, рӯйи кор омада буданд, аланӣ ба намоиш гузорем, то ин ки бегонагон ба ҳоламон биханданд (дар ҳоле ки дигарон қаттолтарин шахсиятиҳои таърихиашонро идеализатсия карда, бегуноҳу беолоиш ва раҳиму карим ба ҷилва дармеоваранд, мо ба хотири ҳифзи якпорчагию ҳамбастагию ваҳдати миллӣ набояд уфту иштибоҳоти қаҳрамононамонро ҳузурию аланӣ намоем ва ба душманони онтологии худ шароиту шонси мусоиди интиқодоти муғризонаро муҳайё созем). Ба дунболи ин, ҳангоми тартиббандии муколимаву диалогу гуфтугӯҳо бештар сари шукӯҳи миллӣ-ҳувиятӣ тамаркуз бояд кард ва чеҳраҳои тобноку матраҳи қаламрави Ориёноро ба хотири тақвияти хатмашйи сужа ёдовар бояд шуд. Аз ҷумла, ёдоварӣ ва гӯшзад кардани авлавиятҳои тамаддуни Ориёӣ дар мисоли китоби "Авасто", Академияи "Гундишопур", қаҳрамониҳои Курушу Дориюшу Спитамону Муқаннаъ ва дигарон сатҳи ҳувиятию сиёсӣ ва мафкуравии намоишномаро боло мебарад. Танҳо аз ин тариқ машинаи театрии ватанӣ дар мисоли Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ба таври шоиставу боиста метавонад на танҳо ниёзҳои бадеию эстетикию маънавӣ, балки эҳтиёҷоти сиёсӣ-мафкуравии миллатро бароварда созад.

**10.** Дар анҷоми матлаб ҷиҳати боло рафтани ҷойгоҳи театри ватанӣ, сатҳи маърифати театрӣ, ҷалби қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ ба театри миллӣ, тарбияи насли нави ҳунармандону тамошобинони ватанӣ ва кайфияти намоишномаҳои имрӯзӣ чанд нуктаро дар қолиби пешниҳод манзур месозем:

**Якум**. Тарбияи насли нави ҳунармандону тамошобинони миллӣ аз тариқи ҷалби саросарии насли ҷавон ва миёнсолону бузургсолон ба театр ва намоишномаҳои театрӣ аз ҷумлаи талаботи зарурии имрӯзист.

**Дувум**. Аз тариқи барномарезиҳои дурустҳисобии соҳавӣ ва таблиғоти густурдаи ҳунарӣ барқарор кардани робита байни ҳунарманду тамошобин ҳангоми ҷараёни иҷрои намоишномаҳо.

**Севум**. Ба кор андахтану фаъол сохтани машинаи театрӣ ба унвони дастгоҳи мафкурасозии миллӣ.

**Чорум**. Ҷорӣ ва марсум карлани муҳокимаҳои намошномаҳо пас аз анҷоми намоиш дар ҳузуру дастандаркорону ҳунармандони театр.

**Панҷум**. Барои ҳар намоишнома даъват ва муқаррар кардани тими мушовирони илмӣ аз ҳисоби донишмандони саршиноси миллию ватанӣ.

**Шашум**. Тибқи реҷа ва графики махсус ба театр ҷалб шудани ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва аз ин тариқ барқарор кардани анъана ва суннати театрравии сокинони пойтахт ва ҳайату персонали ташкилоту муассисаҳо.

**Ҳафтум**. Аз ҳисоби драма ва пийесаҳои миллӣ ва дархури замонӣ ғанӣ гардонидани репертуари театрҳои касбӣ. Танҳо нафароне аз ҳисоби коргардонону таҳиягарони ватанӣ ба роҳандозии барномаҳои театрӣ аз ҳисоби драмаҳои миллӣ ҷалб шаванд, ки ҷаҳоншиносии илмию фалсафӣ ва дидгоҳи миллӣ дошта бошанд. Дар акси ҳол, намоишномаҳо рӯякӣ, сатҳӣ, бетаъсир ва бесамар хоҳанд буд.

**Ҳаштум.** Ҷалби дромнависони саршиноси миллӣ барои эҷоди дромҳои дархури замонӣ.

**Нуҳум**. Бояд театрӣ миллӣ ва умуман, кулли театрҳои ҷумҳурӣ мақом ва ҷойгоҳи қаблиашонро, ки дастгоҳ ва машинаи мафкурасозии миллию давлатӣ будаанд, дарёбанд. Дар ин кор бояд, пеш аз ҳама, блоки сиёсию мафкуравӣ, роҳбарияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешгом бошанд ва ҳар як ташаббусу ибтикороти созандаи ҳунарию маърифатиро ҷонибдорӣ намоянд.

**Даҳум**. Кореро, ки театру синамо анҷом медиҳанд, ҳеҷ дастгоҳи дигари сиёсию таблиғотие анҷом дода наметавонад. Аз ин рӯ, театрро минҳайси дастгоҳ ва минбару пойгоҳи мафкурасозии алтернативӣ-гузинавӣ дар баробари таҳоҷумоти фарҳангии берунӣ, хушкандешию хурофазадагӣ, ки рӯз ба рӯз миллатро аз масири рушду шукуфоии зеҳнию ақлонӣ боздошта, ба сӯйи беҳувиятию худбохтагӣ ҳидоят мекунанд, бояд мақому ҷойгоҳи шоиставу арзанда бахшид ва аз ин пойгоҳи мафкурасозӣ дар таҳкими давлатдории миллию дунявӣ ҳамеша истифода бояд кард.

**Ҷамшед РАҲМАТОВ**
*Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии АМИТ*

# ЗАБОН - ПУЛИ РОҲ БА ОЯНДА: ЧАРО ОЛИМ БИДУНИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ МИСОЛИ ПАРАНДА БИДУНИ БОЛ АСТ

*(Бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Тасаввур кунед як муҳаққиқи дурахшонро. Солҳо меҳнати сахт, кӯҳи рисолаҳо, шабҳои лабораторӣ ва инсофи нисфишабӣ. Кашфиёти ӯ метавонист дунёро тағйир диҳад. Аммо дунё ҳеч гоҳ аз ин огоҳ нахоҳад шуд. Чаро? Зеро олим натавонист ғояҳояшро бо забони илм ба дигарон интиқол диҳад. Ин сенария хаёлӣ нест. Ин воқеияте аст, ки ҳазорон муҳаққиқи болаёқат дар саросари ҷаҳон бо он рӯбарӯ мешаванд, ва ин масъала махсусан дар асри ҷаҳонишавӣ шадидтар мегардад — замоне ки марзҳои байни давлатҳо ҳар рӯз шартитар мешаванд ва кашфиётҳои илмӣ ба тамоми башарият тааллуқ доранд.

Дар Тоҷикистон ин масъаларо дар олитарин сатҳ дарк мекунанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аҳамияти стратегии таълими забонҳо барои насли ҷавони кишварро таъкид намудааст.

> *«Донистани забонҳои хориҷӣ дар назди инсон уфуқҳои васеъро мекушояд, имкон медиҳад фарҳанг ва илми ҷаҳониро шинохт, бо намояндагони халқҳои дигар робита барқарор кард»*

— мегӯяд Пешвои миллат, ва дар ин суханон на танҳо эъломияи сиёсӣ, балки дарки амиқи механизмҳои рушди ҷомеаи муосир ниҳон аст.

**35 соли истиқлолият: роҳи илм ва дониш**

Соли 2026 соли истисноӣ дар таърихи Тоҷикистон аст. Рӯзи 9 сентябр кишвари мо 35-умин солгарди Истиқлолияти Давлатиро ҷашн мегирад — санаи фарохунде, ки нахуст ба таъаммул дар роҳи тайшуда андешидан ва сипас боэтимодона ба оянда нигоҳ кардан мехонад. Дар тӯли сеюним даҳа, Тоҷикистон роҳеро аз як давлати ҷавоне, ки самтҳои худро меҷуст, то иштирокчии эътирофшудаи ҷомеаи байналмилалӣ бо стратегияи равшани рушди устоворе тайй кардааст, ки ба илм, маориф ва сармояи инсонӣ такя дорад.

Истиқлолият — ин танҳо ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ нест. Ин пеш аз ҳама истиқлолияти зеҳнист: тавонии миллат дар мустақилона тафаккур кардан, таҳқиқ намудан, кашф кардан ва офаридан. Ва маҳз аз ин рӯ, дар тӯли тамоми 35 соли истиқлолият, таълими забонҳо ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар маркази сиёсати давлатӣ боқӣ мемонанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст:

> *«Истиқлолият — пеш аз ҳама масъулияти ҳар шаҳрванд дар назди кишвараш, дар назди халқаш аст. Ва шоистатарин саҳме, ки ҷавонон метавонанд дар рушди Ватан бигузоранд, — ин дониши амиқ, касбикории баланд ва омодагӣ барои хидмат ба халқи хеш аст»*

Ба 35 соли гузашта назар карда, наметавон надид: ҳар дастоварди назарраси илму маорифи тоҷик бо кушодагӣ ба ҷаҳон алоқаманд будааст — бо шарикиҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти муштарак, барномаҳои грантӣ. Ва ҳамаи ин танҳо ба хотири он имконпазир гардидааст, ки олимони тоҷик забонҳои муоширати байналмилалиро азхуд карданд. Ба ин тариқ,

донистани забонҳои русӣ ва англисӣ — ин танҳо шоистагии шахсӣ нест. Ин саҳми ҳар муҳаққиқ дар истиқлолияти миллӣ ва обрӯи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар соли ҷашнӣ аҳамияти ин хусусан зиёд аст: беҳтарин тӯҳфае, ки насли ҷавон метавонад ба Тоҷикистони мустақил пешкаш намояд, — ин иштиёқи дониш, кушодагӣ ба ҷаҳон ва омодагӣ барои намояндагии кишвар дар баландтарин майдонҳои илмии сайёра мебошад.

**Забони русӣ: мерос, захира, асбоб**

Барои донишҷӯ ва олими тоҷик забони русӣ — ин танҳо як забони хориҷӣ нест. Ин пули таърихан ташаккулёфтаест байни Тоҷикистон ва фазои васеи илмии Авруосиё. Мактаби академии асри бист мероси бузургеро боқӣ гузошт: корҳои бунёдӣ дар риёзиёт, физика, химия, биология, тиб, ки маҳз ба забони русӣ навишта шудаанд. Имрӯз қисми зиёди ин ганҷинаи зеҳнӣ ба ягон забони дигар тарҷума нашудааст ва танҳо барои касоне дастрас аст, ки забони русиро медонанд.

Аммо аҳамияти забони русӣ бо бойгониҳои гузашта маҳдуд намешавад. Русия рушди илмро фаъолона идома медиҳад, Академияи илмҳои Русия таҳқиқоти васеъ мебарад, ва барномаҳои муштараки илмии тоҷику русӣ аз иштирокчиён донистани забони шарикро тақозо мекунанд. Грантҳо, стажировкаҳо, нашрияҳои муштарак — ҳамаи ин танҳо барои касоне воқеӣ мегардад, ки омодаанд дар муҳити илмии русизабон кор кунанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон, дар назди аудиторияи донишҷӯён ва олимон баромад намуда, борҳо ба зарурати нигоҳ доштан ва амиқтар кардани донистани забони русӣ таваҷҷуҳ ҷалб кардааст:

> *«Забони русӣ барои мо забони муошарати байниқавмӣ, забони илм ва фарҳанг аст, ва донистани*

> *он имкониятҳои шаҳрвандони моро ба таври назаррас васеъ мекунад»*

Ин ҳавасмандӣ ба гузашта нест — ин нигоҳи амалиётӣ ба воқеиятҳои муосир аст, дар он ҷое ки ҷомеаи илмии русизабон яке аз бузургтарин бозорҳои зеҳнии ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

**Забони англисӣ: забони илми глобалӣ**

Агар забони русӣ пуле ба фазои илмии Авруосиё бошад, пас забони англисӣ — калиди илми глобалӣ аст. Имрӯз зиёда аз 90 дарсади нашрияҳои илмии рейтингӣ дар пойгоҳҳои маълумотии Web of Science ва Scopus маҳз ба забони англисӣ навишта мешаванд. Мехоҳӣ, ки таҳқиқоти ту аз ҷониби ҳамкорони Оксфорд, MIT ё Донишгоҳи Токио иқтибос шавад? Ба англисӣ бинавис. Мехоҳӣ аз фонди илмии аврупоӣ грант гирӣ? Лоиҳаро ба англисӣ дифоъ кун. Мехоҳӣ дар конфронси байналмилалӣ баромад кунӣ ва бо лабораторияҳои пешбари ҷаҳон ҳамкорӣ барқарор намоӣ? Ба англисӣ сухан рон.

Ин империализми фарҳангӣ ё беадолатӣ нест — ин воқеияти объективиест, ки дар натиҷаи эволютсияи ҷомеаи илмии ҷаҳон ташаккул ёфтааст. Ва нодида гирифтани он — маънои ихтиёран аз ширкат дар диалоги илмии глобалӣ даст кашидан дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин мушкилотро хуб дарк карда, борҳо ба ҷавонон муроҷиат намуда, онҳоро ба азхуд намудани забонҳои хориҷӣ дар сатҳи баланд даъват кардаанд. Дар яке аз суханрониҳояшон ба донишҷӯён таъкид намуданд:

> *«Ҷавони имрӯза бояд якчанд забони хориҷиро комилан азхуд намояд, дастовардҳои илму техникаи ҷаҳониро амиқ донад, зеро танҳо чунин инсон метавонад кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ шоиста намояндагӣ кунад»*

Ин суханон — танҳо насиҳат нест. Ин нишонаи равшани самти рушдест, ки давлат барои шаҳрвандонаш дар асри XXI

муайян мекунад. Қобили зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон шахсан намунаи саъй ба диалог бо ҷомеаи ҷаҳониро нишон медиҳанд: дар майдонҳои байналмилалии СММ, ШОС ва дигар ташкилотҳо баромад мекунанд, ки дар онҳо Тоҷикистон манфиатҳои худро фаъолона ҳимоя мекунад ва ташаббусҳои глобалӣ — хусусан дар масъалаҳои амнияти об ва тағйири иқлим — пешниҳод менамоянд.

**Се забон ҳамчун меъёри нави илми тоҷик**

Дар шароити Тоҷикистони муосир формулаи забонии идеалӣ барои олим чунин аст: забони модарии тоҷикӣ — асоси ҳувияти миллӣ ва рамзи фарҳангӣ; забони русӣ — асбоби ҳамгироӣ ба фазои илмии Авруосиё; забони англисӣ — роҳхат ба илми глобалӣ. Ин утопия нест. Ин меъёри дастёфтаниест, ки ҳарчи бештар ҷавонони муҳаққиқи тоҷик дар амал татбиқ мекунанд.

Давлат, дар навбати худ, барои ин шароитҳои зарурии фароҳам меоварад. Дар доираи барномаҳои миллии рушди маориф, таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо васеъ мегардад, шумораи ҷойҳои грантии таҳсил дар хориҷи кишвар зиёд мешавад, низоми мубодилаҳои академии байналмилалӣ рушд мекунад. Ҳамаи ин — татбиқи мустақими курси сиёсии Пешвои миллат аст.

> *«Сармоягузорӣ дар маориф — ин сармоягузорӣ дар оянда миллат аст»*

— борҳо такрор намудаанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ва донистани забонҳои хориҷӣ — яке аз ҷузъҳои асосии ин сармоягузорӣ мебошад. Олими ҷавони тоҷике, ки ба забонҳои русӣ ва англисӣ озодона соҳиб аст, метавонад дар маҷаллаҳои байналмилалӣ мақола нашр кунад, маблағгузории хориҷӣ ҷалб намояд, дар лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ иштирок кунад ва тавассути ин обрӯи илми тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ боло барад.

**Академия амал мекунад: аз ҳарф — ба кор**

Яке аз мисолҳои равшани татбиқи амалии курси давлатӣ дар соҳаи таълими забонҳо, ташаббуси Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон мебошад. Бо ташаббуси шахсии ӯ ва зери роҳбарии бевоситаи вай, дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои кормандон ва муҳаққиқони академия курсҳои мунтазами забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил карда шуданд. Ин қарор — на танҳо қадами маъмурӣ, балки инъикоси дарки амиқи онест, ки иқтидори илмии муассиса мустақиман ба шоистагии забонии кадрҳояш вобастагӣ дорад.

Академик Хушвахтзода Қобилҷон аз мантиқи соддаву принсипиалии зерин бармеояд: муҳаққиқи болаёқате, ки ба забонҳои муоширати илмии байналмилалӣ соҳиб нест, монанди алмосе аст, ки зери замин пинҳон шудааст — арзиши ӯ воқеӣ аст, аммо барои ҷаҳон дастнорас. Туфайли ин курсҳо, даҳҳо олим ва муҳаққиқони ҷавони академия имконият пайдо карданд, ки сатҳи забонии худро бевосита дар маҳалли кор, бидуни дур шудан аз фаъолияти илмӣ баланд бардоранд.

Рамзист, ки ин ташаббус маҳз дар соли ҷашнӣ — соли 35-умин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ин шоҳиди равшани он аст, ки кишвар на танҳо роҳи тайшударо ҷашн мегирад, балки боэтимодона ба оянда нигариста, дар истиқлолияти зеҳнии миллат сармоягузорӣ мекунад. Чунин равиши ниҳодӣ арзиши волоро шоиста аст ва метавонад барои дигар муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишвар намуна бошад: забон бояд на ташвиши шахсии як олими алоҳида, балки авлавияти низомии тамоми муҳити илмӣ бошад.

**Амалия аз изҳорот муҳимтар аст**

Аммо донистани забон аз худ ба вуҷуд намеояд — на аз барномаҳои давлатӣ ва на аз нидоҳои президентӣ. Он аз меҳнати рӯзмарра таваллуд мешавад: аз мақолаҳои хондашуда

ба забони англисӣ, аз лексияҳои профессорони барҷастаи ҷаҳон, аз пешнависҳои илмии навишта ва аз нав навишташуда, аз тарси бартарафшудаи гуфтугӯ бо ҳамкори хориҷӣ ба забони бегона.

Имрӯз донишҷӯ ва олими тоҷик дастрасии беназир ба захираҳои омӯзиши забон дорад: платформаҳои Coursera, edX, Khan Academy, пойгоҳҳои илмии бо дастрасии кушод, каналҳои YouTube-и донишгоҳҳои барҷастаи ҷаҳон. Ҳамаи ин дар ҳар телефони зирак дастрас аст. Ягона чизе, ки намерасад — ин иродаи матин ва дарки он аст, ки барои чӣ ин лозим аст.

Ва ин барои он лозим аст, ки фардо муҳаққиқи тоҷик дар саҳнаи конфронси байналмилалӣ на чун меҳмони фурӯтан, балки чун иштирокчии комилҳуқуқи диалоги илмии глобалӣ истад. То номи ӯ дар пойгоҳҳои байналмилалӣ сабт шавад, ва кашфиётҳои ӯ на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми башариятро хидмат кунад. Маҳз дар ин бора Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтугӯ мекунанд, вақте ки ҷавононро даъват мекунанд:

> *«ба дониш кӯшиш кунанд, намояндагони шоистаи кишварашон бошанд ва дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳм гузоранд»*

Хулоса: интихобе, ки тақдирро муайян мекунад

Забон — ин танҳо воситаи муошарат нест. Барои олим ин асбоби касбист, ки ба аҳамияти таҷҳизоти лабораторӣ ё қудратҳои ҳисоббарорӣ баробар аст. Нодида гирифтани он — маънои огоҳона маҳдуд кардани уфуқҳои таҳқиқот ва иқтидори илмии хешро дорад.

Тоҷикистон дар остонаи марҳилаи нави рушди илмӣ ва технологӣ меистад. Кишвар мақсадҳои бузург дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, энергетика, захираҳои об ва рушди устовор гузоштааст. Ба ин мақсадҳо танҳо дар ҳамкории мустаҳкам бо ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ расидан мумкин аст. Ва ин ҳамкорӣ аз

қадами соддаву дар айни замон бузурге оғоз мешавад — аз омӯхтани забон.

Дар соли 35-умин солгарди Истиқлолияти Давлатӣ дарк кардан ин хусусан муҳим аст: миллати соҳибихтиёр — миллати мутафаккир, гуянда ва офаранда аст. Истиқлолияте, ки соли 1991 ба даст омад, ҳар шаҳрванд, ҳар олим, ҳар донишҷӯро вазифадор мекунад, ки вориси шоистаи ин дастоварди таърихӣ бошад. Ва яке аз самараноктарин роҳҳо барои ин — кушодани ҷаҳон тавассути забон, ва тавассути забон — кушодани ҷаҳон барои Тоҷикистон аст.

**Паранда бидуни бол парвоз намекунад.**
**Олим бидуни забон ба баландиҳо намерасад.**
**Миллати соҳибихтиёр бидуни дониш оянда намесозад.**

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 22.07.2026*
*Барои нашр имзо шуд 23.07.2026*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза* $70x100^{1}/_{8}$.
*Адади нашр 60 нусха. Супориши №105.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе, 734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*